**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 891.550 (83.3)

**АҲМАДЗОДА КОМРОН НАҶБУДДИН**

# РАСУЛ ҲОДИЗОДА – МУҲАҚҚИҚИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

**Диссертатсия**
бароидарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ
аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои филологӣ, дотсент Боқиев Ҳамза Олимович

**Душанбе – 2026**

## Мундарича

**Муқаддима**.................................................................................... 3
**Тавсифи умумии таҳқиқот**................................................................. 7

**Боби I. Аҳвол ва осори Расул Ҳодизода**
1.1. Зиндагиномаи Расул Ҳодизода............................................................. 13
1.2. Осори илмӣ ва бадей-таърихии Расул Ҳодизода.................................. 41

**Боби II. Таҳқиқи мушкилоти таърихи адабиёт ва рӯзгору осори адибон**
2.1. Назари муҳаққиқ ба масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти гузашта ва муосири тоҷик.................................................................. 62
2.2. Таҳқиқ ва арзёбии хусусиятҳои мундариҷавӣ ва бадеии осори гузаштагон дар пажуҳишҳои муҳаққиқ.................................................. 83

**Боби III. Нақши Расул Ҳодизода дар ташаккул ва таҳаввули насри таърихии тоҷикӣ**
3.1. Таҷассуми симои шахсиятҳои таърихӣ дар ҳикоя, қисса ва романҳои нависанда.................................................................................... 111
3.2. Хусусиятҳои сабки нигориши нависанда.............................................. 143

**Хулоса**........................................................................................... 162
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**...................... 166
**Рӯйхати адабиёт** .............................................................................. 168
**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** ............................................ 183

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар раванди инкишофи ҷараёни адабиву илмии садаи бистуми тоҷик шахсиятҳое таъсиргузор будаанд, ки ҳам ба таҳқиқи масъалаҳои муҳимми ҳаёти адабӣ даст зада, адабиётшиносиро рушд додаанд ва ҳам ба кори нависандагӣ шуғл варзида, пешрафти насри муосири тоҷикро таъмин намудаанд. Яке аз чунин шахсиятҳо муҳаққиқи таърихи адабиёти гузаштаву муосир ва нависанда Расул Ҳодизода мебошад, ки дар пешрафти ҳар ду соҳа саҳми назаррас гузоштааст.

Расул Ҳодизода фаъолияти эҷодию илмии худро ибтидо ҳамчун муҳаққиқи соҳаи адабиётшиносӣ оғоз намудааст. Ӯ аз ҷумлаи аввалин муҳаққиқоне ба шумор меравад, ки масъалаҳои марбут ба фаъолияти илмии устод Айниро мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор додааст. Аз даҳаи шастуми асри XX сар карда, дар баробари корҳои таҳқиқотӣ, ба эҷоди осори бадеӣ низ рӯ овардааст. Дар натиҷа, маҷмуи асарҳои насрӣ, аз қабили ҳикояҳо, қиссаҳо ва романҳои ӯ ба вуҷуд омадаанд, ки нақши назарраси вайро дар рушди насри муосири тоҷик инъикос менамоянд.

Дар ин замина, ӯ ҳамчун адабиётшинос ба таҳқиқи муҳимтарин масъалаҳои назарӣ ва амалии таърихи адабиёти гузаштаву муосир камари ҳиммат баста, дар пешрафти ин соҳа мусоидат намудааст. Бахусус, хидматҳои ӯ дар таҳқиқи ҷараёни адабиёти маорифпарварии нимаи дувуми садаи бист, ҳаёт ва эҷодиёти Аҳмади Дониш ва муосирони ӯ, ҳамчунин баъзе масъалаҳои адабиёти муосир ва нақди адабӣ бузург мебошад.

Доир ба адабиёти асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX мулоҳизаҳои ҷолиби диққат дар «Адабиёт» ном китоби дарсии Абдулғанӣ Мирзоев ба назар мерасанд, ки дар фасли ба адабиёти ин давр бахшидаи китоби худ бештар дар бораи ҳаёти иҷтимоию сиёсии Осиёи Миёна ва аморати Бухоро маълумот додааст. Ҳамчунин, чанд мулоҳизаи судманд роҷеъ ба адабиёти ин давр дар «Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик»-и Холиқ Мирзозода [45] ба мушоҳида мерасад. Дар асари мазкур Х. Мирзозода асосан, оид ба доираи адабии Хуқанд маълумоти мухтасар додааст. Махсусан, таваҷҷуҳи

муаллифро бештар вижагиҳои муҳимтарини адабиёти дарбории Амир Умархон ҷалб кардааст. Маълумоти роҷеъ ба шоирони озодфикр Ҳозиқ ва Гулханӣ овардаи ӯ ниҳоят мухтасар мебошад. Баъдан, соли 1956 рисолаи Расул Ҳодизода «Маъхазҳои адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX» [170] нашр шудааст, ки дар бахши мулҳақоти ин таҳқиқот доир ба аҳволу ашъори чанд намояндаи адабиёти нимаи дувуми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX Содиқ, Ҳозиқ, Ориф, Ирсӣ, Афғон, Адо, Матлаб, Моҳир, Музтар, Наҷиб ва Дардӣ маълумоти мухтасари пурарзише дарҷ шудааст.

Тазаккур бояд дод, ки асосан Расул Ҳодизода зимни таҳқиқу таҳлили маълумоти маъхазҳои нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX мувофиқи маълумоти ин маъхазҳо ҷо-ҷо аз хусуси шоирони асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX, аз ҷумла Содиқ, Парӣ, Ирсӣ, Ҳасрат, инчунин равияю ҷараёнҳои адабии ин давр сухан рондааст. Дар мулҳақоти асари мавриди назар муҳаққиқ дар бораи шоирони номбурда маълумоти тазкираҳо ва феҳристи китобхонаҳои махсусан Тошканду Душанберо як навъ ҷамъбаст намудааст. Ҷанбаи арзишманди мулҳақоти асари Расул Ҳодизода, пеш аз ҳама, он аст, ки муаллиф дар он нахуст номгӯйи маъхазҳо, баъдан адабиёти илмӣ ва сонияն, рӯйхати асарҳои боқимондаи то он замон маълуми адибонро қайд намудааст. Месазад иброз дошт, ки иттилооти додаи ин донишманд барои таҳқиқи минбаъдаи осори шуарои фавқуззикр ба гунаи дастури илмӣ арзишманд мебошад.

Расул Ҳодизода барои омӯзиши адабиёти маорифпарварӣ мактаби илмиро ба вуҷуд оварда, солҳои дароз на фақат ба он роҳбарӣ кард, балки ба нашри осори адабии ин давра ва таҳқиқи равишманди он роҳ кушод. Фаъолияти эҷодии Расул Ҳодизода аз солҳои панҷоҳ ва шастуми садаи бист то охирин рӯзҳои ҳаёташ дар ду самт, яъне таҳқиқи таърихи адабиёти гузаштаи тоҷик, ҳаёту осор ва нашри мероси намояндагони он, ҳамчунин таълифи асарҳои бадеӣ идома ёфта, дар ин замина хидмати мондагореро анҷом додааст, ки онҳо арзиши муҳимми назарӣ, амалӣ ва таърихӣ доранд.

Ҳамин тавр, омӯзиш ва таҳқиқи роҳу равиш ва ҷустуҷӯҳои илмиву бадеии адабиётшинос ва нависанда Расул Ҳодизода, ташаккули маҳорати илмию адабӣ, махсусиятҳои назариву амалии таҳқиқоти илмӣ ва гуногунрангии жанриву хусусиятҳои бадеии осори ӯ аз мубрамияти мавзуи таҳқиқоти монографӣ буда, дар ин замина, муайян ва мушаххас намудани нақш ва ҷойгоҳи ин донишманду нависанда дар ташаккул ва таҳаввули илми адабиётшиносиву насри бадеии тоҷикӣ ва ошкор намудани хусусиятҳои фардии эҷодиёти ӯ дар контексти ҷараёни адабӣ муҳим ба назар мерасад. Илова бар ин, таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои ёдшуда, барои шинохт ва арзёбии ҷараёни инкишофи илми адабиётшиносӣ, нақди адабӣ, назария ва амалияи он низ алоқаи бевосита дошта, зарурати таҳқиқи мавзуъро таъкид ва таъйид менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Аз охири солҳои панҷоҳуми садаи бист то солҳои охир ҷустуҷӯҳои илмӣ ва бадеии Расул Ҳодизода муттасил мавриди таваҷҷуҳи донишмандони соҳа ва алоқамандони адабиёт қарор гирифта, дар бораи осори илмӣ ва бадеии ӯ як силсила мақолаву гузоришҳо ба табъ расидаанд. Дар ин замина аз аввалинҳо шуда Н. Маъсумӣ, А. Афсаҳзод, У. Каримов, М. Муллоаҳмадов, М. Шукуров (М. Шакурӣ), С. Улуғзода, М. Муллоҷонов, Ҷ. Бақозода, А. Сайфуллоев, Валӣ Самад ва дигарон дар мақолаҳои худ ҷустуҷӯҳои илмию адабии ӯро нақд ва арзёбӣ кардаанд, ки дар шинохти фаъолияти илмиву адабии Расул Ҳодизода муҳим ва арзишманд ба шумор меравад.

Аълохон Афсаҳзод дар мақолаи «Марди фарзона» аввалин бор дастовардҳои илмии Расул Ҳодизодаро баррасӣ карда, хидмати ӯро дар омӯзиши масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик ва нашри мероси гузаштагон ба таври алоҳида ёдрас намудааст. Мақолаҳои С. Саъдиев, М. Муллоаҳмадов, П. Гулмурод, Р. Аҳмад, Ҷ. Ҳамроев, А. Самадов ва дигарон низ, асосан ба таҳқиқ ва арзёбии осори илмии ин донишманд бахшида шудаанд.

Фаъолияти адабии Расул Ҳодизода дар мақолаҳои М. Шукуров «Худшиносии жанр» [93, с.127-141], «Худшиносии иҷтимоиву таърихии халқ

ва таърихият» [94, с.431-439], Ҷ. Бақозода «Ситораи тобон дар уфуқи торикистон» [27, с.143-148], В. Самад «Достони ситораи саҳарӣ» [116, с.109-117], М. Раҷабӣ «Розҳои таърихи куҳан» [112, с.126-129], «Таҳқиқи таърих – таҳқиқи характер» [56, с. 93-102], М. Зайниддинов «Бозтоби симои зиёиёни тотор дар романи «Ситорае дар тирашаб» [33, с.83-99], Ш. Шокирзода «Дурахши хуршед» [92, с.138-154], М. Низомӣ «Дурахши ситорае дар тирашаб» [55, с.163-172], А. Самадов «Устоди ман» [60, с.202, 210] ва дигарон мавриди таҳқиқи мухтасар қарор гирифта, дар бораи баъзе паҳлуҳои ҷустуҷӯҳои бадеии ӯ дар ҳикояву қиссаҳо ва романҳояш мулоҳизаҳои муҳимму муфид ифода шудаанд, ки дар ҷараёни таҳқиқ аз онҳо истифода хоҳем намуд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи аҳвол ва фаъолияти илмию нависандагии Расул Ҳодизода то ҷое маҳдуд буда, ҳанӯз равиши асосии ҷустуҷӯҳои илмию адабии ӯ ба таври мушаххас мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор нагирифтааст. Бо назардошти вазъи таҳқиқи масъалаи мавриди назар, муаллифи диссертатсия кӯшиш намудааст, ки аҳволу осор ва ҷустуҷӯҳои илмию адабии муҳаққиқ, муаррих ва нависанда Расул Ҳодизодаро ба таври ҷомеъ мавриди таҳқиқ ва арзёбии монографӣ қарор дода ва ба ин васила, саҳми ӯро дар инкишофи илми адабиётшиносӣ ва насри бадеии таърихии тоҷик муайян ва мушаххас созад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Масъалаи таҳқиқшавандаи мавриди назар бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмии соҳавӣ робитаи зич дорад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқи илмӣ дар таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ нақши муҳим дошта метавонанд. Мавзуи диссертатсияи мазкур дар доираи яке аз самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2021-2025, ки таҳқиқу нашри осори адибони классикӣ ва муосирро дар бар дорад, иҷро шудааст.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи асосии диссертатсия таҳқиқи монографии аҳволу осор ва фаъолияти илмию адабии муҳаққиқ ва нависанда Расул Ҳодизода буда, ба ин васила муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи ӯ дар таърихи афкори илмӣ ва бадеии тоҷик аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо ҳадафи фарогирии васеи мавзуъ, ки нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик объекти омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст, ба баррасӣ ва иҷрои вазифаҳои дар зер овардашуда кӯшиш шудааст:

– дақиқ намудани муҳимтарин паҳлуҳои ҳаёт ва фаъолияти илмию адабии Расул Ҳодизода;

– аз назар гузаронидани тамоюлҳои гуногуни таҳқиқӣ дар фаъолияти илмии ин донишманд;

– мушаххас намудан ва ошкор сохтани нақши Расул Ҳодизода дар омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик, таҳқиқ ва арзёбии масоили муҳим ва осори намояндагони давраҳои гуногуни адабиёти форсии тоҷикӣ, инчунин саҳми ӯ дар омӯзиши адабиёти нимаи дуюми садаи XIX;

– равшану возеҳ нишон додани хидматҳои муҳаққиқ дар таҳия ва нашри осори бадеии гузаштагон;

– мушаххас намудани нақши Расул Ҳодизода дар ташаккул ва таҳаввули насри муосири тоҷикӣ;

– баррасӣ ва ташхиси раванди ҷустуҷӯҳои бадеии нависанда дар тасвири воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ;

– тасвир ва таҷассуми бадеии симои шахсиятҳои таърихӣ ва тахайюлӣ дар заминаи таҷрибаи нависанда;

– муайян ва мушаххас кардани унсурҳо ва хусусиятҳои сабки адиб дар заминаи осори бадеии ӯ.

**Объекти таҳқиқот.** Маводди илмии адабиётшиносӣ ва насри муосири тоҷик маҳсуб меёбад. Дар меҳвари он осори адабиётшиносии Расул Ҳодизода ва насри таърихии ӯ қарор гирифтааст. Зимни ин ба осори илмӣ ва адабии

олимону адибони дигаре, ки ба масъалаҳои ҳалталаби кори диссертатсионӣ иртибот доштаанд, таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

**Предмети таҳқиқот.** Предмети таҳқиқи кори диссертатсионӣ ҷараёни ҷустуҷӯҳои илмию адабӣ ва шаклгирии чеҳраи ҳунарии ин донишманд мебошад. Ҳамчунин, дар ҷараёни таҳқиқ аз осори гуногуни илмию адабие, ки дар онҳо баъзе паҳлуҳои ҳаёт ва фаъолияти эҷодии муҳаққиқ ва нависанда аз назар гузаронида шудааст ва намунаҳои таълифоти муосирони ӯ, ёддоштҳо ва қомусҳои соҳавӣ низ ҳамчун манобеи назариявию амалӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии диссертатсия ба бозёфтҳои илмии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, ба монанди М.М. Бахтин, Ю.Л. Лотман, Д.С. Лихачёв, В.М. Жирмунский, И.С. Брагинский, Н.И. Конрад, М.Б. Храпченко, С. Айнӣ, А. Мирзоев, Х.Мирзозода, М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, Х. Шарифов, А. Набавӣ, М. Мирзоюнус, Ш. Солеҳов, А. Худойдодов, А. Маликзод ва дигарон бунёд ёфтааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот**. Тозагиҳои илмии диссертатсия дар нуктаҳои зайл пешниҳод гардидаанд:

– бори аввал дар диссертатсия таҳқиқи ҳаматарафаи аҳволу осор ва ҷустуҷӯҳои илмию бадеии муҳаққиқ ва нависанда Расул Ҳодизода сурат гирифтааст;

– бори аввал таҳқиқи зиндагинома ва муҳимтарин воқеиятҳои рӯзгори нависанда дар алоқамандӣ бо воқеиятҳои замон ва шахсиятҳои алоҳида анҷом дода шуд;

– таҳлили мушаххаси фаъолияти илмии Расул Ҳодизода ҷиҳати муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи ӯ дар илми адабиётшиносӣ амалӣ шуд;

– тамоюлҳои ҷустуҷӯҳои назарӣ ва амалии адабиётшинос дар контексти ҷараёни инкишофи илми замони шуравӣ ва таъсирпазирӣ аз сиёсати илмию адабии вақт мавриди назар буд;

– назари муҳаққиқ доир ба хусусиятҳои мундариҷавию бадеии осори гузаштагон мушаххас карда шуд;

– таҳқиқ ва таҳлили хусусиятҳои сохтории осори бадеии таърихии нависанда ба таври мушаххас анҷом пазируфтааст;

– нахустин бор дар заминаи таҷрибаи нависандагии Расул Ҳодизода асосҳои дидгоҳҳои фардии эҷодӣ, тарзи бархӯрд бо воқеиятҳои таърихӣ, шахсиятпардозии таърихӣ ва ҷустуҷӯҳои ғоявию бадеии нависанда муайян карда шуд;

– вижагиҳои сабкии осори бадеии нависанда ва нақши он дар такмили сохтори мундариҷавии асарҳои ӯ мушаххас ва таъйин карда шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Фаъолияти илмии Расул Ҳодизода ҳамчун қисмати муҳимми адабиётшиносии садаи XX ҷараёни ташаккул ва таҳаввули афкори адабӣ ва илмии давраро муайян намуда, мавсуф дар таҳқиқи таърихи адабиёти тоҷик, бахусус назму насри он ва таҳияву нашри осори намояндагони ин адабиёт саҳми босазо гузоштааст.

2. Таҳқиқоти бунёдии муҳаққиқ равишҳои тозаи усулии омӯзиши таърихи адабиёт ва осори бадеии давраҳои гуногуни адабиёти тоҷикро ташаккул дода, масъалаи бархӯрди адиб ҳамчун нависандаи таърихнигор ба инъикоси воқеаҳои замонҳои гуногун яке аз паҳлуҳои ҳунари нависандагии ӯро ошкор месозад.

3. Усули равишманди воқеаҳои таърихӣ ва дар ҳамин асос офариниши чеҳраҳои таърихиву тахайюлӣ, аз ҷумла Рӯдакӣ, Фаррухӣ, Шоҳин, Кароматуллоҳи Дилкаш ва Аҳмади Дониш ифодагари диди таърихӣ ва ормони озодихоҳии адиб мебошад.

4. Маҷмуи мушкилоти сиёсиву иҷтимоӣ ва ҷамъиятию адабии Расул Ҳодизода аз бисёр ҷиҳат равиши ҷустуҷӯҳои бадеии ӯро муайян намуда, осораш ҷанбаи амиқи умумибашарӣ ва миллӣ дошта, ғояҳои озодихоҳӣ ва саодатмандии инсониро фаро мегиранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Арзишҳои назарии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар дарки нақш ва ҷойгоҳи фаъолияти илмӣ ва адабии Расул Ҳодизода дар таърихи адабиёти тоҷикии садаи бист ва муайян

намудани таъсири осори ӯ ба инкишофи минбаъдаи адабиётшиносӣ ва насри бадеӣ зоҳир мешавад. Ҳамчунин, кори дар ин замина анҷомгирифта, донишҳои назариро дар шинохт ва арзёбии ҷараёни инкишофи адабиёти гузаштаву имрӯза ва ҷустуҷӯҳои бадеии нависанда афзун менамояд.

Арзишҳои амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки мавод ва натиҷаҳои пажуҳишро ҳангоми таълифи таърихи адабиёти гузашта ва навини тоҷикӣ, таърихи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз таърихи адабиёт, суханрониҳо аз боби масъалаҳои адабиёти классикӣ ва насри муосир дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ метавон истифода кард.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Натиҷаҳои аз таҳқиқот ба дастомадаро ҷиҳати тадриси дарсҳои лексионию амалии факултетҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳои олии Тоҷикистон ва берун аз он метавон истифода бурд. Масъалаҳои меҳварии тадқиқоти илмӣ дар теъдоде аз конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, дар семинарҳои махсуси кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ шарҳу баён ёфтаанд, ки ҳамагӣ дараҷаи эътимоднокии таҳқиқотро мушаххас менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия дар доираи шиносномаи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) таҳқиқ шудааст ва масъалаҳои дахлдори он ба бандҳои зерини ихтисоси мазкур мувофиқат мекунад:

– **банди 9. Адабиёти аҳди Шуравӣ.** Аҳволу осори намояндагони садаи XX. Таҳаввули анвои адабӣ, пайдоиши жанру навъҳои ҷадид, тағйири шаклӣ ва мазмунии адабиёт, қонуниятҳои ин қабил таҳаввулоти адабӣ ва амсоли он, эҷодиёти адибони садаи XX, маҷмуаи осор ва рӯзгори онҳо, ташаккули насри реалистӣ, нақши наслҳои гуногуни адабиёти давраи мазкур, дар тағйири тафаккури адабӣ ва таҳаввули адабиёти тоҷикии асри XX.

– **банди 10. Адабиёти давраи истиқлол.** Идомаи суннатҳои адабии солҳои 60-80 дар адабиёти ин давра, мавзуъҳои худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, раҳоӣ аз иҷтимоъгарии сиёсӣ, эҳёи суннатҳои адабӣ, вусъати насри таърихӣ ва реалистӣ, аҳволу осори намояндагони адабиёти давраи истиқлол, инкишофи сабкҳо ва жанрҳои адабӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми фардии муҳаққиқ дар омӯзиш ва арзёбии амиқи фаъолияти эҷодии Расул Ҳодизода ҳамчун адабиётшинос ва нависанда, ҷамъоварӣ ва баррасии маводди марбут ба аҳвол ва осор, муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи ӯ ҳамчун адабиётшинос ва нависанда дар таърихи илм ва адабиёти тоҷик зоҳир мегардад. Таҳқиқоти мазкур маҳсули заҳмати чандсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Мундариҷаи асосии диссертатсия дар суханрониҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвонҳои «Бозтоби воқеияти таърихӣ дар романи «Ситорае дар тирашаб»-и Расул Ҳодизода» (Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методологии омодагии касбӣ-методии омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути технологияи муосир». Бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ва 70-солагии доктори илмҳои педагогӣ Раҷабов Т.Б. дар доираи татбиқи барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2024)». – Душанбе, 2024), «Расул Ҳодизода ва мавқеи ӯ дар рушду нумуи адабиёти муосири тоҷик (Маводди конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» ва амалигардонии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». – Масъалаҳои омӯзиши забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар замони муосир. – Душанбе, 2025) ва маҳфилу конференсияҳои донишгоҳии ҳайати устодону

кормандони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, автореферат ва мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф, ки дар маҷмуа ва маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз 30.01.2026, таҳти №5 муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 184 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

## Боби I. Аҳвол ва осори Расул Ҳодизода

### 1.1. Зиндагиномаи Расул Ҳодизода

Муҳаққиқ ва нависандаи таърихнигор Расул Ҳодизода аз ҷумлаи шахсиятҳоест, ки муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагӣ ва чараёни эҷодиашро бо фарозу фурудҳояш дар баъзе мақолаҳо ва китоби хотироти «Худоё, худро бишносам» [18] бо камоли диққат ва гуҳарсанҷӣ дарҷ кардааст. Дар боби мазкури диссертатсия кӯшиш намудем, ки дар заминаи бархе аз осор ва ёддоштҳои Расул Ҳодизода ва мақолаву таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик ҷиҳатҳои норавшан, вале дорои аҳаммияти илмӣ доштаи зиндагинома ва фаъолияти эҷодии адабиётшинос ва адиби зиндаёдро ба таври дақиқ муайян намуда, дӯстдорону иштиёқмандони илму адабиётро бо чеҳраи инсонӣ ва илмию адабии ӯ ба таври мушаххас ошно созем. Ба ин ният, қарор додем, дар фасли аввали ин боб зиндагинома ва муҳимтарин воқеаҳои сарнавиштсози рӯзгор ва чараёни эҷодкориашро таҳқиқ ва таҳлил карда, дар фасли дувум самтгириҳо ва ҷустуҷӯҳои илмию бадеии ӯро дар ин замина муайян ва мушаххас намоем.

Расул Ҳодизода рӯзгори ибратомӯзеро паси сар кардааст, ки аз бисёр ҷиҳатҳо барои алоқамандони адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ пураҳаммият мебошад. Хушбахтона, баъди устод Айнӣ ӯ тавонистааст, ки лаҳзаҳои асосии зиндагӣ, шаҷараи авлодӣ, вазъи хонаводагӣ, алоқамандиаш бо муҳиту муосирон ва муҳимтарин ҳаводиси аҳволи марбут ба эҷодиёташро дар китоби хотирот ва баъзе мақолаву мусоҳибаҳояш дарҷ кунад.

Дар ин замина, барои шинохти аҳвол ва зиндагии сервоқеа ва пурмазмуни Расул Ҳодизода китоби хотироти «Худоё, худро бишносам» сарчашмаи муҳим ва боэътимод аст. Вай дар ин китоб муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагии худаш, падару модар ва ҳодисаҳои дигари алоқаманд бо сарнавишти инсониву хонаводагию ҳунариашро ба таври фишурда инъикос намудааст. Маълумоте, ки вай дар ин бора овардааст, дар бисёр мавридҳо барои ба таври ҷомеъ падид овардани солшумори дақиқи зиндагӣ ва воқеиятҳои рӯзгори ӯ ба мо ёрӣ мерасонад ва корамонро осон менамояд. Дар

китоби хотироти ёдшуда худи ӯ бо гузашти замон сари марҳилаву лаҳзаҳои асосии зиндагиаш ба муроқиба рафта, моҳияти рӯзгори пурвоқеаи сипаришуда, фарозу фуруди онро бо дақиқназарӣ муайян кардааст, ки барои имрӯзиён беаҳаммият нест. Мо ҳангоми аз назар гузаронидан ва таҳқиқу арзёбӣ кардани роҳи пурпечутоби зиндагии Расул Ҳодизода асосан, ба санадҳои пешовардаи ӯ такя карда, дар лаҳзаҳои зарурӣ аз мусоҳибаҳо, мақолаҳо ва гуфтумонҳои дигарон низ истифода намудем. Дар ҳар ду маврид диққати мо ба он мутамарказ буд, ки дар асоси санадҳои воқеӣ солшумори зиндагӣ ва сарнавишти инсониву ҳунарии ӯро ба қадри имкон барқарор намоем. Зеро барои мо зиндагиномаи Расул Ҳодизода шоистаи омӯзиш ва пайравӣ буда, баҳри имрӯзиёну пасояндагон низ намунаи ибрат шуда метавонад.

Расул Ҳодизода, чунонки дар китоби хотироташ зикр кардааст, дар соли 1928 дар гузари Қозӣ Калони «шаҳри Самарқанд мутаваллид» шуда, ин шаҳрро гаҳвора ва мураббии худ шинохтааст. Вале солҳои аввалини зиндагии оилаашон дар ин гузарро ёд надоштааст, зеро дар хурдсолиаш ба маҳаллаи дигари шаҳри Самарқанд кӯчидаанд. Муаллиф нақши муҳити фарҳангӣ ва иҷтимоии ин шаҳрро дар ташаккули шахсияташ таъкид мекунад. Ба ақидаи ӯ, сарчашмаи асосии ҷаҳонбинӣ ва эҳсосоти маънавияш, маҳз Самарқанд аст. Фазои шаҳр ба руҳу равони ӯ таъсири мусбат расонида, осмони он рамзи равшанӣ ва умед ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, Самарқанд ҳамчун манбаи ифтихор ва бахти зиндагӣ ва инчунин ҳамчун омил дар ташаккули худшиносӣ ва шахсияти муаллиф арзёбӣ мешавад.

Падари ӯ Ҳайдархон Ҳодизода аз ашхоси маорифпарвар буда, то охири умр ба пешаи омӯзгорӣ шуғл дошта, донандаи хуби адабиёти классикӣ будааст. Модараш Уламохон низ аз хонадони шахси босавод буда, дар назди падари донишмандаш таълими адаб гирифта, мутолиаи ашъори Ҳофизи Шерозӣ ва Фузулиро хеле дӯст медоштааст.

Аз таҳлили ёддоштҳои Расул Ҳодизода бармеояд, ки насаб ва аҷдоди ӯ ба гуруҳи маъруф ба «хоҷагони мираконӣ» мансуб будаанд. Муаллиф бо такя

ба маълумоти шифоҳии модараш доир ба насабномаи хонаводагӣ ишора мекунад, ки намояндагони ин табақа ҳамчун афроди дорои аслу насаби муътабар ва мақоми баланди маънавӣ шинохта мешуданд. Ба гуфтаи ӯ, бештари намояндагони ин гуруҳ дар соҳаи илмҳои динӣ фаъолият дошта, мударрис, қозӣ ва муфтӣ будаанд. Ин ҳолат аз нуфуз ва ҷойгоҳи иҷтимоии онҳо дар ҷомеаи анъанавӣ шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, дар давраи Ҳокимияти Шуравӣ муносибат нисбат ба чунин табақаҳои иҷтимоии дорои решаҳои динӣ ба таври назаррас тағйир ёфт. Ибрози мансубият ба хоҷагон, бахусус ба гуруҳҳои «мутабаррак», маҳдуд гардида, дар баъзе ҳолатҳо боиси паёмадҳои номатлуб мегардид. Дар чунин шароит, афроде, ки дар сохторҳои давлатӣ ва соҳаи маориф фаъолият доштанд, аз зикри мансубияти худ худдорӣ менамуданд. Аз ин рӯ, истифодаи унвонҳои суннатӣ, аз қабили «хоҷа» ва «хон», ки қаблан нишонаи мақоми иҷтимоӣ ба ҳисоб мерафтанд, тадриҷан маҳдуд гардида, ҳатто дар гуфтугӯҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ кам ба кор бурда мешуданд. Ҳамин тавр, дар даврони коммунистӣ фарзандони ин хонадон «мираконӣ» будани худро фаромӯш карда бошанд ҳам, дар оила ва муносибатҳои хешовандӣ урфу одат ва муомилот «хоҷагароӣ»-ро пос медоштаанд.

Вақте ба воя мерасаду фишору таҳдидҳо ба олимони дин ва ашрофону сарватмандон кам мегардад, қиблагоҳаш ба фарзандаш Расулхон дар бораи саромади хонадон будани Мир Тоҳири Садр хабар медиҳад ва ӯ ба муайян кардани шаҷараи авлодиаш мепардозад. Дар натиҷаи ҷустуҷӯҳо ва истинод ба асноди «Таърихи Муқимхонӣ» мушаххас месозад, ки «модари Надир Муҳаммадхон Шаҳрибону аз содоти разавии Машҳад буда, ба никоҳи Динмуҳаммадхони аштархонӣ даромада будааст. Ба ҳамин насақ, Надир Муҳаммадхон ба авлоди содоти Разавӣ, ки шаҷараи онҳо ба аҳли байти Пайғамбари акрам (с) мерасад, мансуб шуда ва аз ҳамин хон сар карда, ҳукмронҳои аштархонӣ ба номи худ унвони фахрии «саййид»-ро илова мекардаанд» [18, с.10].

Пас аз ба тахти Бухоро соҳиб шудани Надир Муҳаммадхон тағояш Мир Тоҳирро ба дарбор даъват менамояд ва ба ӯ унвони фахрии уламо «Садр»-ро медиҳад. Баъдтар, бар асари ихтилофи уламо ва умарои Бухоро нисбат ба Мир Тоҳири Садр вай дар солҳои 1640-1642 ба Самарқанд кӯч мебандад ва дар он макон ҷою манзил сохта, бо иёлу фарзандонаш зиндагӣ мекунад. Ба ин тартиб, Расул Ҳодизода баъд аз ковишҳои тулонӣ ва бо такя ба санадҳои воқеӣ интисоби худро ба шаҷараи Хоҷа Миракшоҳ, ки Расулхон ибни Ҳайдархон ибни Муфтӣ Ҳодихоҷа аз ҳамон авлод будааст, таъйид намуда, ба хулоса меояд, ки «пайванди ман ба Самарқанд на танҳо аз он аст, ки ин ҷо зода шудаам, балки ба он сабаб аст, ки иқомати хонадони мо дар ин шаҳр таърихи беш аз се қарнро дорад. Муҳаббати фитрии ман ба ин шаҳр шояд аз ҳамин ҷо маншаъ гирифтааст» [18, с. 11].

Бар асоси маълумоти мавҷуда, ҷадди Расул Ҳодизода – Ҳодихоҷаи муфтӣ – ҳамчун шахси китобдӯст ва аҳли мутолиа шинохта мешуд. Падари ӯ, Ҳайдархон, низ аз айёми кӯдакӣ дорои қобилияти хуби хондану навиштан ва ҳифзи матнҳои динӣ, аз ҷумла Қуръон ва ашъори классикӣ будааст. Тибқи маълумоти манбаъ, ӯ тақрибан солҳои 1892-1893 дар маҳаллаи Қозӣ Калони шаҳри Самарқанд ба дунё омадааст. Ҳайдархон дар синни наврасӣ ба таҳсил дар мадраса шурӯъ намуда, муддате дар ҳуҷраи вақфии марбут ба хонаводаашон иқомат карда, донишҳои анъанавиро аз худ мекунад. Аммо пас аз тағйироти сиёсӣ ва маҳдуд гардидани фаъолияти муассисаҳои динӣ дар давраи Ҳокимияти Шуравӣ, идомаи таҳсил ва тадрис дар мадрасаҳо ғайриимкон мегардад. Дар натиҷа, ӯ ба минтақаи Тайлоқ кӯч баста, дар заминҳои меросии оилавӣ зиндагиро идома медиҳад ва дар ҳамин ҷо бо Уламохон издивоҷ менамояд. Модари Расул Ҳодизода, мувофиқи маълумоти зикршуда, пас аз хатми курсҳои омодасозии омӯзгорони тоҷикӣ фаъолияти худро ҳамчун муаллима оғоз намудааст. Ӯ дар яке аз мактабҳо ба таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ машғул шуда, баъдан пас аз кӯч бастан ба Панҷакент фаъолияти омӯзгории худро идома медиҳад. Илова бар ин, вай дар маъракаҳои маҳви бесаводӣ низ фаъолона иштирок карда, ба занони маҳаллӣ

саводи ибтидоӣ меомӯзонад. Соли 1936 бо сабаби бемории модар оила дубора ба Самарқанд бармегардад. Гарчанде баъдтар саломатии ӯ беҳтар мешавад, аммо ба фаъолияти омӯзгорӣ дигар рӯй намеорад. Бо вуҷуди ин, модар ҳамчун шахси босавод, фарҳангдӯст ва ошно ба адабиёт дар муҳити хонаводагӣ нақши муҳим бозидааст. Таъсири падару модар, ки ҳар ду дорои ҷаҳонбинии васеъ ва алоқа ба мероси адабӣ буданд, дар ташаккули шахсият ва завқи эҷодии Расул Ҳодизода назаррас арзёбӣ мегардад. Модар то поёни умр ҳамчун шахси меҳрубон, хушрафтор ва дорои фарҳанги баланд дар хотираи фарзанд боқӣ мондааст. Ӯ соли 1983 дар шаҳри Самарқанд, дар синни 87-солагӣ аз олам даргузаштааст.

Ҳамчунин, яке аз арзишмандтаринаросхое, ки аз модар ба фарзанд гузаштааст, омӯзиши алифбои форсии тоҷикӣ арзёбӣ мешавад, ки дар ташаккули саводи ибтидоӣ ва ҷаҳонбинии минбаъдаи ӯ нақши калидӣ доштааст. Расул Ҳодизода тавассути модари фарзонааш хондану навиштани хатти арабиро аз бар мекунад ва ба олами пурганҷи таърихи ниёконаш роҳ меёбад, ки барои зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии ояндааш сарнавиштсоз мегардад.

Падари Расул Ҳодизода бо мақсади беҳтар намудани шароити зиндагӣ соли 1932 ба Панҷакент кӯчида, дар Омӯзишгоҳи омӯзгорӣ (комбинати педагогӣ) ба фаъолияти омӯзгорӣ оғоз мекунад. Ба таъкиди муҳаққиқон, «дар солҳои 1930-юм Панҷакент ба яке аз марказҳои муҳими маориф ва фарҳанги минтақа табдил ёфта буд» [18, с. 41]. Баъдан аҳли хонавода низ ба ӯ ҳамроҳ шуда, муддате дар ин шаҳр дар шароити мусоид зиндагӣ менамоянд.

Расул Ҳодизода бо дастгирии падар ҳамроҳи хоҳараш Ҳумоюнхон ба ҳамин омӯзишгоҳ дохил шуда, ҳамзамон бо таҳсил дар чорабиниҳои фарҳангӣ фаъолона иштирок мекард. Ӯ дар консертҳои ҳаваскорона ширкат варзида [18, с. 45], дар ҷамъомадҳо ашъори шоиронро қироат менамуд. Чунонки дар манбаъ қайд шудааст, «иштирок дар муҳити фарҳангии зинда ба ташаккули завқи бадеии наврасон таъсири амиқ мерасонд» [18, с. 46]. Маҳз дар ҳамин муҳит аввалин кӯшишҳои эҷодии худро оғоз кард. Шеърҳои

нахустини ӯ ба мавзуъҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳаёти пионерон, аскарони сурх ва мактаб бахшида шуда, «тамоюли равшани иҷтимоӣ-тарбиявӣ доштанд» [18, с. 47], ки дар ташаккули завқи адабии ӯ нақши шахсиятҳое чун Носирҷон Маъсумӣ муассир буданд.

Муҳаққиқ Панҷакентро ҳамчун «ҷаҳони хотираҳои ширин» ёд карда, онро марҳилаи муҳимми ташаккули шахсияти худ мешуморад. Ба таъкиди ӯ, «маҳз дар ҳамин муҳит бе ғараз ва бо руҳияи озод ба омӯзиш, эҷод ва фаъолияти фарҳангӣ машғул шудааст» [18, с. 49].

Соли 1936, пас аз анҷоми фаъолияти омӯзгорони самарқандӣ дар комбинати педагогӣ, оилаи ӯ ба Самарқанд бармегардад. Ба навиштаи баъзе муҳаққиқон, «ин давра барои бисёре аз оилаҳои зиёиёни тоҷик марҳилаи тағйироти иҷтимоӣ ва касбӣ буд» [19, с. 12]. Падар дар омӯзишгоҳи тоҷикии №13 ба ҳайси омӯзгори забон фаъолиятро идома медиҳад. Расул Ҳодизода бинобар синни хурд ба омӯзишгоҳ қабул нашуда, таҳсилро дар синфи ҳафтуми мактаби №22 оғоз мекунад. Ӯ дар муҳити нави таълимӣ зуд мутобиқ шуда, фаъолияти фарҳангии худро, аз ҷумла овозхонӣ, шеърхонӣ ва эҷоди шеър идома медиҳад. Чунонки таъкид мешавад, «муҳити мактабӣ дар ташаккули шахсияти эҷодӣ нақши ҳалкунанда мебозад» [19, с. 14].

Дар ҳамин давра дар зиндагии ӯ рӯйдоди муҳиме ба амал меояд, ки ба ояндаи илмиву адабии ӯ таъсири амиқ мегузорад. Ӯ ба мулоқот бо устод Айнӣ даъват шуда, дар он ҷо суханронӣ намуда, бори аввал бо ин шахсияти барҷаста вохӯрдааст. Баъдан ин воқеаро чунин арзёбӣ мекунад: «ин мулоқот дар ҳаёти ман гардиши куллӣ ба вуҷуд овард» [18, с. 53], ки устод Айнӣ дар ташаккули роҳи илмӣ ва адабии ӯ нақши роҳнамо доштааст.

Расул Ҳодизода дар соли 1937 ба курси аввали Омӯзишгоҳи педагогии рақами 13-и Самарқанд қабул мешавад ва онро бо дипломи аъло бомуваффақият хатм менамояд. Дар ҳаёти Расул Ҳодизода омӯзишгоҳи мазкур ҳамчун як даргоҳи муқаддас нақши муҳим дорад. Ин таълимгоҳ умуман, дар ҳаёти маънавии зиёиёни тоҷики Самарқанд, дар таърихи маорифи шуравӣ давраи пурифтихоре буд. Омӯзишгоҳи Самарқанд

анъанаҳои беҳтарини мактабу маорифи давраи нави маорифпарварии ибтидои асри XX-ро бомуваффақият давом дод. Чароғе, ки дар ин омӯзишгоҳ дар таълиму фарҳанги тоҷикон фурӯзон гашт, имрӯз ҳам нурпошӣ мекунад ва шуои ин нурро хомӯш кардан аз ҳукми таърих берун аст.

Ҳамин тавр, Расул Ҳодизода омӯзишгоҳро бо дипломи «аъло» хатм карда, роҳаш ба сӯйи мактаби олӣ кушода мешавад ва ба факултети филологияи Донишгоҳи Самарқанд қабул мешавад. Вай дар донишгоҳ бо як шавқу ҳавас ва эҳсоси нави донишомӯзӣ ба хондан шуруъ мекунад. Ба мутолиаи осори нависандагон ва донишмандони рус мепардозад. Нахуст китоби Е.Э. Бертелс «Персидская литература в Бухаре X в.», баъд осори В. Жуковский, В. Бартолдро мехонад. Ба омӯхтани забони русӣ машғул мешавад ва дар охири курси якум дар семинари дарси назарияи адабиёт дар бораи романи М. Шолохов «Замини корамшуда» «маърузаи шогирдона» мекунад. Дар ҳамин давра «бо таҳрики қувваҳо» дар бораи гузаштаи пурифтихори худ ду-се мақола менависад.

Ҳангоми таҳсил дар курси дувум, аз оғози таҳсил як моҳ нагузашта, Донишгоҳи Самарқанд баста мешавад ва Расул Ҳодизода тирамоҳи соли 1943 дар мактаби деҳаи Раҷабамин ба сифати омӯзгори фанҳои забон ва адабиёт ба фаъолият оғоз менамояд.

Дар ҳамин давра муҳити адабию фарҳангии Самарқанд ба ташаккули завқи эҷодии Расул Ҳодизода таъсири назаррас мерасонад. Ба таъкиди муҳаққиқон, «Самарқанд дар солҳои миёнаи асри XX яке аз марказҳои муҳими ҳаёти адабии тоҷикон ба шумор мерафт» [19, с. 22]. Ӯ тавассути радио порчаҳои адабии худро ва дигар адибонро қироат намуда, тадриҷан ба муҳити адабӣ ворид мегардад. Чунонки қайд шудааст, «фаъолият дар соҳаи радиошунавонӣ барои бисёре аз навқаламон мактаби аввалини ҳунари суханварӣ буд» [19, с. 24].

Дар ҳамин айём вохӯрии ӯ бо устод Айнӣ сурат гирифта, яке аз шеърҳои худро пешкаши ӯ менамояд. Устод ба ӯ тавсия медиҳад, ки асарашро ба Иттифоқи нависандагони Сталинобод ирсол намояд. Ин нуктаро худи

муаллиф низ тасдиқ намуда, менависад, ки «ин мулоқот барои ман аҳамияти сарнавиштсоз дошт» [18, с. 362]. Расул Ҳодизода пас аз қироати шеър аз тариқи радиои Самарқанд онро ба Сталинобод мефиристад.

Бо вуҷуди он ки фаъолияти асосии ӯ баъдан ба таҳқиқоти илмӣ равона гардид, робитаи маънавии ӯ бо шеър ва эҷоди бадеӣ то охири умр идома ёфт. Ба таъкиди худи ӯ, «шеър ҳамеша як ҷузъи ҷудонопазири зиндагии ман боқӣ монд» [18, с. 363], ва дар ин самт низ осори арзишманд офарид, ки баррасии алоҳидаро тақозо менамоянд [18, с. 361-364].

Пас аз таъсиси Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна, ӯ ба факултаи шарқшиносӣ дохил шуда, онро соли 1950 хатм менамояд. Дар давраи таҳсил аз устодони барҷаста, аз ҷумла Е.Э. Бертелс, А.Н. Кононов, М.С. Андреев, А.А. Семенов, И.П. Петрушевский ва дигарон дониш андӯхтааст. Чунонки дар адабиёт таъкид мегардад, «мактаби шарқшиносии онвақтаи Тошканд бо сатҳи баланди илмӣ ва анъанаҳои мустаҳками тадқиқотӣ фарқ мекард» [20, с. 15]. Маҳз дар солҳои ҷанги ҷаҳонии дувум бо ташвиқи М.С. Андреев ба корҳои илмӣ ҷалб гардида, самти минбаъдаи фаъолияти худро муайян мекунад [18, с. 75-76].

Ҳангоми таҳсил дар Донишгоҳи Тошканд бо Фотеҳ Ниёзӣ, муҳаррири нашрияи ҳарбии «Фрунзеветс», шинос шуда, ба кори таҳриру тарҷума ҷалб мегардад. Ба гуфтаи муҳаққиқон, «ҳамкории эҷодӣ бо намояндагони муҳити адабӣ барои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва завқи адабӣ аҳамияти муҳим дошт» [21, с. 33]. Ҳамзамон, тавассути ӯ бо доираи адибони тоҷик, аз ҷумла Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ ва Сотим Улуғзода, робита пайдо мекунад. Баъдан, бо дастгирии Кибриё Лутфуллоева ба шуъбаи тоҷикии радиои Тошканд ба кор ҷалб шуда, инчунин дар Институти дастнависҳои шарқии Академияи улуми Ӯзбекистон ба ҳайси лаборант фаъолият менамояд. Дар ҳамин замина бо нависанда Абдулло Қаҳҳор шинос шуда, ба тарҷумаи осори ӯ машғул мегардад.

Дар давраи донишҷӯӣ ӯ бо як қатор шахсиятҳои барҷаста, аз ҷумла Ғафур Ғулом, Мақсуд Шайхзода, Воҳид Зоҳидов ва Султон Умаров мулоқот

намуда, доираи ҷаҳонбинии илмии худро васеъ мегардонад, ки ин равандро муҳаққиқон ҳамчун «марҳилаи ташаккули ниҳоии ҷаҳонбинии илмӣ» арзёбӣ мекунанд [21, с. 35].

Дар яке аз ёддоштҳои худ муаллиф ба як марҳилаи ҳассоси зиндагии худ ишора мекунад. Чунонки худи ӯ таъкид мекунад, «дар айёми ҷавонӣ, зери таъсири омилҳои гуногун, ба ҳамкории пинҳонӣ бо сохторҳои махсус ҷалб гардидааст. Бо гузашти вақт, хусусияти ин фаъолият, аз ҷумла вохӯриҳои мунтазам, интиқоли маълумот ва назорати атрофиён, боиси коҳиши шавқу рағбати ӯ мегардад ва чунин фаъолият бо ҷаҳонбинии шахсии ман мутобиқат надошт» [18, с. 146]. Дар натиҷа, ӯ ба хулоса меояд, ки ин раванд бо арзишҳои ахлоқӣ ва озодандешии ӯ мувофиқ нест ва тадриҷан аз он канораҷӯӣ менамояд.

Бо дарки моҳияти ахлоқии масъала Расул Ҳодизода муддате аз ҳамкорӣ бо мақомоти марбута парҳез карда, дар Тошканд ба таҳсил идома медиҳад. Вале ин дер давом намекунад. Ӯ аз мулоқоташ «дар хонаи нимторики вазорат бо шахси ҳайбатдори бепогон» [18, с. 146] ёдовар мешавад, ки бо таҳдидҳои худ ба руҳияи ӯ таъсири манфӣ расонидааст. Ниҳоят, ду нусха ариза навишта, якеро ба декани донишкада, дигареро ба раиси радио супурд, то «тарки кору хондан» кунад. Вале шахсоне мисли ректори донишгоҳ Султон Умаров ёфт шуданд, ки ӯро ба зиндагӣ ва фаъолияти муътадил баргардониданд.

Ба гуфтаи муаллиф, чунин вазъиятҳо бо фосилаи вақт такрор ёфта, «сабаб ва ҳадафи аслии онҳо барои ман норавшан боқӣ мемонд» [18, с. 146]. Ӯ таъкид менамояд, ки ин хотираҳоро на бо эҳсоси кина, балки ҳамчун таҷрибаи ҳаётӣ ва сабақи ибратомӯз баён кардааст.

Тавре аз мазмун бармеояд, ин «гӯшаи зиндагӣ» ба равиши умумии фаъолияти ӯ бетаъсир набудааст. Бо вуҷуди ин, Расул Ҳодизода таҳсилро дар Донишгоҳи Тошканд идома дода, онро бомуваффақият хатм менамояд. Дар мавзӯи фаъолияти илмӣ ва адабии устод Айнӣ рисолаи дипломӣ таълиф мекунад, ки таҳти роҳбарии донишманди маъруф А. Болдирев анҷом ёфтааст.

Ин рисоларо ӯ бо баҳои «аъло» дифоъ намуда, «мавриди писанди устод Айнӣ қарор гирифт» [18, с. 155].

Ба таъкиди А. Афсаҳзод, «сатҳи баланди ҳамин кори дипломӣ сабаб гардид, ки ӯ барои идомаи таҳсил дар аспирантура тавсия шавад» [25, с. 27]. Вале, тибқи ёддошти худи Расул Ҳодизода, устод Айнӣ бо ин пешниҳод мувофиқат накарда, ба ӯ тавсия медиҳад, ки «барои омӯзиши амиқи таърихи адабиёти тоҷик ба Тоҷикистон рафта, дар муҳити мустақими илмию адабӣ фаъолият намояд» [18, с. 156-157].

Аз ин бармеояд, ки баъди ин тавсия ва гуфтугӯ, бо мусоидати шахсиятҳои зикршуда, ҳуҷҷатҳои Расул Ҳодизода ба Душанбе интиқол дода шуда, марҳилаи нави фаъолияти илмии ӯ оғоз меёбад.

Ин ҷо маврид ба зикр аст, ки соли 1950, соли охирини таҳсил дар донишгоҳ Расул Ҳодизода бо тавсияи Кумитаи ҳизби коммунистии Узбекистон ба ҳайати барқароркунандагони рӯзномаи тоҷикии Узбекистон шомил мегардад. Ин рӯзнома, ки 25 августи соли 1924 бо ибтикори устод Садриддин Айнӣ ва гуруҳе аз ҳаммаслакону шогирдонашон дар Самарқанд бо номи «Овози тоҷик» ба табъ расида, баъдан дар шаҳри Тошканд чоп мешуд, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бинобар мушкилоти маънавиву молиявӣ аз нашр бозмонд. Дар аввали соли 1951 бо номи «Узбекистони сурх» (ҳоло «Овози тоҷик») аз нав ба нашр оғоз мекунад, ки устод Расул Ҳодизода як муддат вазифаи мудирии шуъбаи маданияти рӯзномаи мазкурро ифо намуд.

Ҳамин тавр, баъди муддате кор дар ҳайати таҳририяи рӯзномаи тоҷикии «Узбекистони сурх» (ҳоло «Овози тоҷик») ба симмати мудири шуъбаи фарҳанг ва адабиёт вай бо даъвати устод Айнӣ ба Душанбе баргашта, таҳсилро дар аспирантура идома медиҳад. Баъдтар боз ҳам бо маслиҳати устод Айнӣ, ки роҳбари расмии кори илмии Р. Ҳодизода таъйин гардида, бо маслиҳатҳои муфид тарҳи рисолаи ӯро кашида буд, Р. Ҳодизода ба Маскав рафта, таҳсилро идома медиҳад ва рисолаи номзадиашро дар Институти шарқшиносии АИ СССР дифоъ менамояд [25, с.28].

Аввалин шарораҳои муҳаббати бебозгашт низ дар ҳамин шаҳр – 15-уми марти соли 1953 ба дилаш хона мемонад, ки ба шиносоӣ ва пайванди якумриаш бо Башира Шаҳобова, ки он вақт донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов буд, рабт дорад.

Дар тули чаҳор соли аспирантура Р. Ҳодизода ба ҷустуҷӯҳои илмиву адабӣ худро ба муҳити илмиву адабӣ мешиносонад. Ӯ аз рӯзҳои нахустини таҳсилаш дар аспирантура ба кори илмиву эҷодӣ бо ҷиддияти том машғул мешавад. Дар ин айём мақолаҳояш бо унвонҳои «Горкий ва адабиёти тоҷик», «Иди адабиёт ва санъати тоҷик», «Повест дар бораи қувваи ҷавонӣ» ва ғайра дар маҷаллаи «Шарқи сурх», алманахи «Литературний Таджикистан», рӯзномаҳои «Тоҷикистони сурх» ва «Коммунист Таджикистана» чоп гардидаву дастраси хонандагон қарор мегиранд. Аз ин мақолаҳо маълум мешавад, ки масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти тоҷик, эҷодиёти ҳамнаслҳои ҷавонаш М. Фарҳат, П. Толис, Ғ. Мирзо, Ф. Тошмуҳаммедов ва мушкилоти ҳаёти фарҳангиву вазъи театри тоҷик дар маркази диққати ӯ будааст.

Дар ҳамин солҳо ба кори тарҷумаву таҳрир низ машғул шуда, як силсила осори бадеиро тарҷума ва таҳрир менамояд, ки ҳикояи «Модар»-и Ф.Кнорреро, китоби хотираҳои модари Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Олег Кошевой – Елена Кошевая «Қиссаи писарам», повестҳои Гогол «Помешикони қадима», В. Гюго «Рӯзи охирини каси маҳкумшуда», И. С. Тургенев «Хотираҳои шикорчӣ» ва «Арафа» аз ин ҷумла мебошанд. Маҳз дар ҳамин солҳои аспирантӣ Р. Ҳодизода чаҳор китоби «Асарҳои мунтахаб»-и Лермонтов (1951), «Роҳи муаллим»-и Парда Турсун (1951), «Мунтахаб»-и Ҳофиз (1951) ва «Қадами қатъӣ»-и Б. Карбобоевро таҳрир карда, ба «Асарҳои мунтахаб»-и Лермонтов эзоҳот ва ба «Рӯзи охирини каси маҳкумшуда»-и Виктор Гюго сарсухан менависад.

Аз дидгоҳи таҳлилӣ, арзёбии фаъолияти Расул Ҳодизода нишон медиҳад, ки марҳилаи солҳои 1950-1954 дар ташаккули шахсияти илмӣ ва адабии ӯ нақши калидӣ доштааст. Маҳз дар ҳамин давра самтҳои асосии

фаъолияти эҷодӣ ва доираи таваҷҷуҳи илмии ӯ муайян гардида, заминаи рушди минбаъдаи ӯ фароҳам омадааст. Таҷрибаи амалии ӯ низ гувоҳӣ медиҳад, ки фаъолияти илмиро бо корҳои тарҷумонӣ ва муҳаррирӣ ба таври ҳамзамон пайваста, ба як шахсияти бисёрсамта табдил ёфтааст. Ин омил ба такмили ҷаҳонбинии интиқодӣ ва рушди малакаҳои таҳлилӣ мусоидат намуда, ӯро ҳамчун мунаққиди пухта ба камол расонидааст.

Дар муқоиса бо баъзе равандҳои муосири таҳсилоти илмӣ, ки дар онҳо муҳаққиқон бештар ба як мавзуи маҳдуд тамаркуз мекунанд, фаъолияти фарогири Ҳодизода намунаи фароҳам овардани таҷрибаи ҳамаҷонибаи илмӣ мебошад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки муҳаққиқ дар баробари ихтисоси худ, дар соҳаҳои вобаста низ дониши амиқ пайдо намояд.

Соли 1950 аввалин мақолаи ӯ таҳти унвони «Тадқиқоти илмии Садриддин Айнӣ оид ба таърихи адабиёти тоҷик» дар маҷаллаи «Шарқи сурх» ба нашр расида, таваҷҷуҳи доираҳои илмиро ҷалб мекунад. Дар муҳокимаи солонаи маҷалла (1951), ки бо даъвати Мирзо Турсунзода баргузор гардид, ин мақола мавриди баҳс қарор мегирад. Дар ҷараёни муҳокима муаллиф бо танқидҳои шадид рӯ ба рӯ мешавад, ки ба андешаи ӯ, бархе аз онҳо бо таҳрифи мазмуни мақола алоқаманд буданд. Бо вуҷуди ин, С. Улуғзода аз мавқеи ӯ ҳимоя намуда, мақоларо аз беҳтарин корҳои танқидиву таҳқиқии ҳамон сол арзёбӣ мекунад [18, с.174].

Расул Ҳодизода, сарфи назар аз ин баҳсҳо, фаъолияти илмии худро идома дода, ҳамзамон бо таҳсил дар аспирантура ба навиштани мақолаҳо ва тақризҳо машғул мешавад ва барои супоридани имтиҳонҳои номзадӣ омодагӣ мебинад. Дар ҳамин давра, дар муҳити илмиву фарҳангӣ дигаргуниҳои муҳим ба амал меоянд. Аз ҷумла, таъсиси Академияи фанҳои Тоҷикистон ва ба вазифаи Президенти он интихоб гардидани устод Айнӣ аз рӯйдодҳои муҳим ба шумор меравад, ки ба рушди минбаъдаи фаъолияти ӯ таъсир мерасонад.

Дар яке аз мулоқотҳои аввалини худ бо Айнӣ, ӯ ҳамчун роҳбари илмӣ ба Расул Ҳодизода тавсия медиҳад, ки фаъолияти худро «аз омӯзиши

тазкираҳо» оғоз намояд [18, с.178], ки ин дастур самти минбаъдаи таҳқиқоти ӯро муайян кардааст.

Ҳамин тавр, Расул Ҳодизода таҳсилро дар аспирантураи Маскав давом дода, таҳқиқи мавзуи «Маъхазҳои адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX»-ро ба уҳда гирифт. Ба қавли худаш, дар шаҳри Маскав барояш боз як олами маънавӣ кушода мегардад, ки ин ҷаҳони маҳорату зебоипарастӣ ва театру мусиқӣ ба ҳисоб мерафт. Ӯдар он ҷо асарҳои меъмории осорхонаҳои машҳури Маскав – Галереяи Третяковский ва осорхонаи Пушкинро тамошо карда, ба олами дигаргунаи илму санъат ворид мегардад. Дар давраи таҳсил дар аспирантураи Институти шарқшиносӣ бо шахсиятҳое, мисли Иззат Султон (аз Узбекистон), Муҳаммад Нурӣ (Доғистон), Татяна Авезова (духтари Мухтор Авезов), Ғазанфар Алиев (Озарбойҷон) ва Рустам Алиев (Озарбойҷон) на фақат ошноӣ пайдо кард, балки бо баъзеи онҳо ҳамкориҳои илмӣ дошт, аз ҷумла, ӯ бо Муҳаммад Нурӣ ҳамкор ва дар бисёр масъалаҳои илмӣ ҳамақидаву ҳаммаслак буд.

Муҳити илмӣ ва рафоқату меҳрубонии доираҳои илмии Маскав ва талошҳои муттасили худаш шароит фароҳам овард, ки рисолаи номзадиашро 5-уми апрели соли соли 1954, дар Шурои илмии Институти шарқшиносии Академияи фанҳои СССР бомуваффақият дифоъ намояд.

Академик Е.Э. Бертелс дар Шурои илмии Институти шарқшиносии Маскав ҳам дар бораи рисолаи ӯ суханҳои нек гуфт ва ҳам тақризи муфассале навишта, назарашро ба тариқи зер баён кард: «Эътироф накардан душвор аст, ки агар илми мо марҳилаи «тазкиравӣ»-ро тай намекард, мо дар оғози асри бист гумон аст, ки таърихи муназзами адабиёти шаркро, ҳарчанд дар баъзе мавридҳо кам нуқсон дошта бошад ҳам, ба худ тасаввур карда метавонистем. Дар аксари маврид мегуфтанд, ки омӯхтани давраи нави адабиёти форсу тоҷик ба сабаби набудани тазкираҳои ин давр хеле душвориҳо дорад. Ин фикр нисбат ба адабиёти ҳам форсиву ҳам тоҷик аз ҳақиқат дур аст. Зеро чунин тазкираҳо вуҷуд доранд ва кам ҳам нестанд. Ҳақиқат он аст, ки то имрӯз агар истиснои камеро ба назар нагирем, касе майл накард, ки ба

омӯзиши ин тазкираҳо машғул шавад... Рафиқ Ҳодизода ба уҳдаи худ заҳмати ниҳоят мушкилеро гирифтааст, заҳмати мушкил аз он сабаб аст, ки вай тадқиқи тазкираҳои то имрӯз омӯхтанашударо ба зимма гирифтааст... Фақат он касе, ки боре бо чунин кор машғул шудааст, медонад, ки ин таҳқиқот чӣ андоза таҳаммалу бурдбориро тақозо мекунад» [18, с.212].

Ҳамин тавр, баъди дифои рисолаи номзадӣ тараддуд дошт, ки ба Сталинобод (Душанбеи имрӯза) баргардад. Вале дар ин давра гирифторие ба миён меояд, ки бозгашти ӯро ба чанд моҳ имконнопазир гардонд. Дар миёнаи моҳи феврал ӯро ба Иттифоқи нависандагони СССР даъват карда, бо тавсияи М. Турсунзода дар вазифаи мушовири адабиёти тоҷик дар Правленияи Иттифоқи нависандагони СССР дар Маскав фаъолият карданашро тақозо мекунанд. Аз ин пешниҳод то ҷое хурсанд мешавад, ки ба ин восита «адабиёти тоҷикро аз даврони классикӣ» [18, с.211-212] то ба даврони навин дар миқёси ҷумҳуриҳои Шуравӣ ва берун аз он муаррифӣ мекунад. Бо мақсади ба даст овардани розигии устод Айнӣ, Расул Ҳодизода ба ӯ нома ирсол менамояд, аммо посухи устод, бар хилофи интизориаш, хусусияти қатъӣ ва манфӣ дошт. Дар ҷавоб устод Айнӣ, бо дарназардошти вазъи «қаҳтурриҷолӣ»-и Тоҷикистон, мондани ӯро дар Москва қобили қабул надониста, зарурати бозгашт ва фаъолият дар муҳити илмии ватанро таъкид чунин таъкид мекунад, «Инсон бояд ҳамзамон масъулияти шахсӣ ва ҷамъиятиро дар тарбияи кадрҳои миллӣ пеш гузошта, аз муҳаққиқ талаб менамояд, ки манфиатҳои шахсиро канор гузошта, ба эҳтиёҷоти илмии кишвар авлавият диҳад» [18, с.227].

Ба назари мо, ин мавқеи устод Айнӣ на танҳо хусусияти маслиҳатӣ, балки дорои аҳамияти стратегӣ мебошад, зеро дар он масъалаи ташаккули нерӯи илмии миллӣ ва масъулияти иҷтимоии зиёиён ба таври равшан ифода ёфтааст.

Дар баробари ин, устод Айнӣ ба масъалаи дигари муҳим – такмили забони тоҷикӣ, таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, онро яке аз шартҳои асосии фаъолияти илмӣ дар соҳаи адабиёт мешуморад. Ба андешаи ӯ, дониши

нокифояи забони тоҷикӣ барои муҳаққиқи адабиёти миллӣ монеаи ҷиддӣ буда, ислоҳи он танҳо дар муҳити зиндаи забонӣ имконпазир аст. Аз ин рӯ, ӯ зарурати бозгашт ба муҳити фарҳангии Тоҷикистон ва истифода аз таҷрибаи намояндагони насли калонсолро таъкид мекунад. Ба назари мо, чунин таъкид нишон медиҳад, ки масъалаи забон дар ташаккули шахсияти илмӣ ҳамчун омили бунёдӣ арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, аз мазмуни мактуб бармеояд, ки устод Айнӣ на танҳо роҳи фаъолияти минбаъдаи Расул Ҳодизодаро муайян месозад, балки самтҳои асосии рушди илмии ӯ, аз ҷумла, пайвастагӣ бо муҳити миллӣ, такмили забон ва масъулияти иҷтимоиро низ равшан менамояд.

Дар маҷмуъ, ин мактуб намунаи равшани муносибати ғамхорона ва ҳамзамон талаботии устод ба шогирд буда, дар он зарурати эҳтиёткорона муносибат кардан ба кадрҳои ҷавон ва умедбахши илмӣ таъкид мегардад [18, с.227]. Ба назари мо, чунин муносибат дар ташаккули минбаъдаи шахсияти илмии Расул Ҳодизода нақши ҳалкунанда бозидааст.

Мактуби ҷавобии ӯ, ки саршор аз ғамхорӣ ва раҳнамоии хирадмандона буд, ба Расул Ҳодизода таъсири амиқ мерасонад. Гарчанде, ба гуфтаи худи ӯ, «майлаш ба фаъолияти Иттифоқи нависандагон ҳанӯз боқӣ мемонд ва нияти бозгашт ба Сталинободро дошт» [18, с.227],. Бо вуҷуди ин, дар мулоқот бо Мирзо Турсунзода дар Маскав ба ӯ тавсия дода мешавад, ки масъала бо устод Айнӣ дубора баррасӣ гардад ва эҳтимол мавқеи ӯ тағйир ёбад.

Бо умеди ҳалли мусбат, Расул Ҳодизода қарор медиҳад, ки дар Маскав фаъолияти худро оғоз намояд ва аз миёнаҳои моҳи апрел ба ҳайси мушовири адабиёти тоҷик дар Иттифоқи нависандагон ба кор мепардозад. Ҳамзамон, ӯ барои иштирок дар Пленуми нависандагони тоҷик ба Душанбе сафар намуда, дар роҳ ба Самарқанд рафта, бо устод Айнӣ мулоқот мекунад.

Дар ин мулоқот устод Айнӣ ба таври қатъӣ таъкид менамояд, ки фаъолияти марбут ба Иттифоқи нависандагон ба ихтисоси илмии ӯ мусоидат намекунад ва ба ӯ тавсия медиҳад, ки ба Сталинобод баргашта, ба таҳқиқи

адабиёти классикӣ машғул шавад. Ба андешаи устод, дар муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ барои чунин таҳқиқот ниёз ва имконияти бештар мавҷуд буд.

Дар натиҷаи ин маслиҳат ва баъди як қатор рӯйдодҳо, Расул Ҳодизода ба Сталинобод баргашта, аз 1 сентябр ба ҳайси ходими калони илмии шуъбаи дастнависҳои шарқии Академияи фанҳо ба фаъолият оғоз мекунад. Ҳамзамон, дар Институти марксизм-ленинизми Тоҷикистон ба тарҷумаи осори Ленин машғул мешавад.

Ба таъкиди худи ӯ, фаъолият дар ин муҳит ва муошират бо шахсиятҳои барҷаста, аз ҷумла Деҳотӣ, Улуғзода, Почоҷонов ва Аҳрорӣ, барои ӯ мактаби муҳими омӯзиши ахлоқи ҳамида ва забони фасеҳи тоҷикӣ гардид. Суҳбатҳои илмӣ ва адабии онҳо дар ташаккули ҷаҳонбинии ӯ нақши муҳим бозиданд ва ҳамчун манбаи ғании таҷрибаи зиндагӣ арзёбӣ мешаванд [18, с.241].

Баъди оғози фаъолият дар академия, Мирзо Турсунзода ӯро ба қабули узвият дар Иттифоқи нависандагон тавсия медиҳад. Пас аз омода намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, Расул Ҳодизода бо иштироки шахсиятҳое чун Улуғзода, Маъсумӣ, Марианна Фофанова, Фотеҳ Ниёзӣ ва Деҳотӣ ба узвияти ин ташкилот пазируфта мешавад.

Аз рӯйдодҳои муҳими дигари ин давра барои ӯ таъмини манзили зист буд, ки пас аз муддате зиндагӣ дар хонадони устод Айнӣ, аз ҷониби Академияи фанҳо ба ӯ манзили дуҳуҷрагӣ дода шуд.

Дар асоси таҳлили манбаъҳои мавҷуда, метавон гуфт, ки марҳилаи зикршуда дар фаъолияти илмӣ ва адабии Расул Ҳодизода бо густариши таҷрибаи амалии ӯ дар соҳаҳои тарҷума, таҳрир ва пажуҳиши илмӣ тавсиф мешавад. Аз ҷумла, бо дархости нашриёти давлатӣ ӯ ба таҳрири тарҷумаи романи Н. Чернишевский «Чӣ бояд кард?» машғул мегардад, ки тарҷумаи онро Ҳасан Ирфон анҷом дода буд. Ин фаъолият на танҳо маҳорати таҳририи ӯро тақвият бахшид, балки барои такмили диди танқидӣ ва усулҳои кор бо матн низ замина фароҳам овард.

Баъдан, ӯ фаъолияти худро дар муассисаи академӣ идома дода, бо тавсияи мутахассисон ба омӯзиш ва феҳристнигории дастнависҳо ҷалб

мешавад. Дар натиҷаи ҳамкории судманд бо олимони варзида, аз ҷумла А. Мирзоев, А. Болдирев ва дигарон, кори муҳимми илмӣ– таҳия ва нашри маҷмуаи дастнависҳо – дар чанд ҷилд амалӣ мегардад. Ин иқдом дар рушди манбаъшиносӣ ва дастрас намудани мероси хаттии адабӣ аҳаммияти назаррас дошт. Фаъолияти Ҳодизода дар муҳити илмӣ низ ҷолиби таваҷҷуҳ буд ва ӯ бо як қатор муҳаққиқони соҳа ҳамкории зич доштааст, ки баъдан дар тарбия ва ташаккули кадрҳои илмӣ саҳми арзанда гузошт ва ба баъзе аз онҳо роҳбарӣ низ кардааст. Илова бар ин, иштироки мустақими ӯ дар таъсиси бахшҳои махсуси таҳқиқи таърихи адабиёти форсу тоҷик ва ташкили гуруҳҳои пажуҳишӣ нишон медиҳад, ки ӯ на танҳо ҳамчун муҳаққиқ, балки ҳамчун ташаббускори равандҳои илмӣ низ нақши муассир бозидааст. Ҳосили ин фаъолиятҳо дар дифои рисолаи доктории ӯ дар соли 1969 дар мавзуи марбут ба адабиёти маорифпарварии тоҷик таҷассум ёфт. Ба андешаи муҳаққиқон, корҳои илмии ӯ, аз ҷумла пажуҳиш дар заминаи манбаъҳои адабиёти асри XIX, барои адабиётшиносии тоҷик аҳаммияти навоварона доштанд. Онҳо ба ташаккули равиши манбаъшиносӣ мусоидат намуда, имкони бозсозии равандҳои адабӣ ва ҳаёти фарҳангиро дар асоси муқоисаи сарчашмаҳо фароҳам овардаанд.

Пас аз чанд соли ҷустуҷӯҳои пайгиронаи илмӣ, Расул Ҳодизода соли 1969 рисолаи доктории худро таҳти унвони «Аҳмади Дониш ва адабиёти маорифпарварии тоҷик» дар Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи улуми Шуравӣ бомуваффақият дифоъ менамояд. Ба арзёбии муҳаққиқон, «ин асар яке аз таҳқиқоти бунёдии марбут ба адабиёти маорифпарварӣ маҳсуб мешавад» [25, с. 28]. Ба назари мо, чунин арзёбӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти илмии Ҳодизода на танҳо хусусияти инфиродӣ, балки аҳамияти системавӣ барои ташаккули равандҳои нави тадқиқотӣ доштааст.

Ба таъкиди А. Афсаҳзод, рисолаи «Маъхазҳои омӯзиши адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX» (1956) заминаи ташаккули як равияи нави илмӣ – манбаъшиносиро гузошта, имкони барқарор намудани раванди ҳаёти адабӣ ва ҷараёнҳои онро дар асоси таҳлили сарчашмаҳо фароҳам овардааст [25, с.

30]. Чунонки худи муҳаққиқ ишора мекунад, «такя ба манбаъҳои аслӣ ва таҳлили муқоисавӣ усули асосии таҳқиқ гардид» [25, с. 31]. Ба назари мо, аҳамияти ин хулоса дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ бо ворид намудани усули муқоисавӣ ва такя ба манбаъҳои аслӣ, адабиётшиносиро ба сатҳи нави методологӣ бардоштааст.

Ҳамчунин, дар таҳқиқи вижагиҳои «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё Расул Ҳодизода аз ҷумлаи аввалин муҳаққиқон маҳсуб мешавад. Ба андешаи М. Шакурӣ, «аҳаммияти ин тазкира дар он аст, ки он бо риояи ҳаққоният дар бораи адибоне маълумот медиҳад, ки ба сиёсати ҳокимони замон мухолифат кардаанд» [30, с. 113]. Ба назари мо, чунин таъкид нишон медиҳад, ки муҳаққиқ арзиши сарчашмаро на танҳо аз лиҳози адабӣ, балки ҳамчун ҳуҷҷати таърихӣ низ дарк кардааст.

Дар баробари ин, Расул Ҳодизода ҷуръати Садри Зиёро дар арзёбии осори Шамсиддин Шоҳин махсус таъкид намуда, менависад, ки «ҳеҷ як аз тазкиранависон дар ин маврид бо чунин ростгӯӣ ва ошкорбаёнӣ сухан нагуфтааст» [170, с. 67]. Чунонки бармеояд, «ин гуна ростгӯӣ дар адабиёти тазкиранависӣ камназир аст» [170, с. 68]. Ба назари мо, ин арзёбӣ нишонаи таваҷҷуҳи муҳаққиқ ба масъалаи ҳаққоният ва озодандешӣ дар адабиёти таърихӣ мебошад.

Ғайр аз ин, ба таъкиди М. Шакурӣ, арзиши дигари таҳқиқоти Расул Ҳодизода дар шинохт ва истифодаи «мадорики тоза» зоҳир мегардад, ки Садри Зиё дар бораи аҳвол ва осори адибон пешниҳод кардааст [30, с. 155]. Чунонки қайд мегардад, «ворид намудани чунин манобеъ доираи таҳқиқро ба таври назаррас васеъ менамояд» [30, с. 156]. Ба назари мо, таваҷҷуҳ ба чунин манобеи камистифода имкон медиҳад, ки тасвири илмии давра дақиқтар ва мукаммалтар гардад.

Аз нигоҳи таҳлили илмӣ, рисолаи доктории Расул Ҳодизода натиҷаи як раванди тӯлонӣ ва пайгиронаи пажуҳишӣ мебошад. Муҳаққиқон бар он назаранд, ки «ин асар маҳсули таҷрибаи чандинсолаи илмӣ буда, дар заминаи таҳлили манбаъҳои гуногун шакл гирифтааст» [25, с. 32]. Ба назари мо,

ишора ба давомнокии тӯлонии таҳқиқ далели равиши системавӣ ва марҳилавии кори муҳаққиқ буда, ба эътимоднокии натиҷаҳои илмии он заминаи устувор фароҳам меорад.

Дар чунин замина, рисолаи мазкурро метавон на танҳо як таҳқиқоти ҷудогона, балки хулосаи мантиқии фаъолияти бисёрсолаи илмии муҳаққиқ дар самти омӯзиши адабиёти маорифпарварӣ арзёбӣ кард. Чунонки Валӣ Самад таъкид менамояд, «Расул Ҳодизода осори пешиниёнро бо диққати хос омӯхта, онҳоро ба таври интиқодӣ арзёбӣ намудааст» [116, с. 110]. Ҳамзамон, «ӯ на танҳо камбудиҳоро нишон додааст, балки масъалаҳои навро низ ба миён гузоштааст» [116, с. 111]. Ба назари мо, маҳз ҳамин хусусият рисолаи ӯро ба сатҳи як таҳқиқоти бунёдӣ мерасонад.

То дифои рисолаи докторӣ, таҳқиқгар нусхаи қаламии муътамад ва арзишманди асари «Наводир-ул-вақоеъ»-и Донишро мавриди омӯзиш қарор дод, ки онро се ҳамкор ва дӯст – Айнӣ, Ҳайрат ва Мунзим (хаттот) – бар асоси нусхаи аслии муаллиф омода карда буданд. Пас аз гузашти тақрибан ҳафт моҳи таҳқиқот ва омӯхтан, матн бо номи «Порчаҳо аз «Наводир-ул-вақоеъ» аввали моҳи январи соли 1957 бо теъдоди 1000 нусха нашр гардид. Ин нашр фарогир буд аз ҳафт ҳикоят, ихтисорот, луғатнома ва тавзеҳот, ҳамзамон бо охирсухани муфассал, ки аҳаммияти илмӣ ва таърихии асарро дар таҳқиқи адабиёти тоҷик тақвият медод.

Дар идомаи фаъолияти илмии худ Расул Ҳодизода ба омӯзиши санадҳои бойгонии таърихӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои Архиви сиёсати берунии Русия рӯ меорад. Ин марҳила бо истифодаи равиши манбаъшиносӣ ва таҳлили ҳуҷҷатҳои аслӣ тавсиф шуда, барои бозсозии воқеиятҳои таърихию адабӣ заминаи боэътимод фароҳам месозад. Дар натиҷаи баррасии ин санадҳо, ӯ оид ба чанд сафари дипломатии аморати Бухоро ба Русия дар солҳои 1857-1858, 1869-1870 ва 1873-1874 маълумоти мушаххас ба даст меорад. Инчунин, нақши Аҳмади Дониш ҳамчун иштирокчии чунин ҳайатҳо равшантар муайян мегардад. Таҳлили ин маълумот имкон медиҳад, ки на танҳо ҷанбаҳои расмии сафарҳо, балки таъсири онҳо ба ташаккули ҷаҳонбинии мутафаккир

низ баррасӣ шавад. Ба андешаи муҳаққиқ, аҳаммияти ин сафарҳо танҳо ба шиносоии зоҳирии Аҳмади Дониш бо ҷомеаи Русия маҳдуд намешавад. Баръакс, аз таҳлили осор ва афкори иҷтимоию сиёсии ӯ бармеояд, ки чунин сафарҳо дар густариши диди фикрии ӯ нақши муассир доштаанд. Махсусан, шиносоӣ бо ғояҳои пешқадами муҳити фикрии он давра, ки бештар тавассути муоширати мустақим бо афроди дорои чунин ҷаҳонбинӣ сурат гирифтааст, ба ташаккули мавқеи иҷтимоӣ ва интиқодии ӯ таъсир расонидааст. Ҳамин тариқ, истифодаи сарчашмаҳои бойгонӣ ва муқоисаи онҳо бо осори адабӣ ба Ҳодизода имкон додааст, ки робитаи миёни таҷрибаи таърихӣ ва инкишофи андешаи адабию иҷтимоиро бо далелҳои муътамад асоснок намояд. Таъкид ба маврид аст, ки ин ҷузъиёт на танҳо барои баёни муфассали шарҳи ҳоли Дониш, балки дар ошкор намудани сарчашмаи бархе афкору ақоиди сиёсиву фалсафии осори хаттиаш низ дорои арзиши муҳим мебошанд. Расул Ҳодизода ба ин тариқ, ба василаи талошҳои муттасилаш ҷаҳони Донишшиносиро на фақат ғанӣ гардонд, балки заминаи мусоидро барои таълифи осори пурарзиши бадеии таърихӣ дар бораи Аҳмади Дониш фароҳам овард. Натиҷаи ин ҷустуҷӯҳояш дар мақолае таҳти унвони «Чанд саҳифаи нав дар тарҷумаи ҳол ва эҷодиёти Аҳмади Дониш», ки соли 1957 дар маҷаллаи «Шарқи сурх» ба чоп расонида буд, инъикоси худро ёфтаанд.

Инчунин, ҷустуҷӯҳояшро дар бораи Аҳмади Дониш идома дода, аз рӯйи маълумоти дар мақолаи А. Қосимзода омада, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуда буд, дар ҳайати як гурӯҳи хурди илмӣ бо Абубакр Зуҳуриддинов ва аккосу садобардор 15-уми майи соли 1958 ба Бухоро сафар мекунад ва бо яке аз шахсиятҳое, ки ба шарофати Қорӣ Кароматӣ Дилкаш ба давраи суҳбати дӯстони Дониш роҳ ёфтааст, яъне Мираточон Миризомови 92-сола мулоқот мекунад. Ин мулоқоту суҳбатҳо заминагузори эҷоди ҳикоя ва роман дар бораи Кароматуллоҳи Дилкаш ва Аҳмади Дониш шуданд. Баъди бозгашт аз Бухоро ба мураттаб сохтани маҷмуаи нави асарҳои Аҳмади Дониш шуруъ намуд ва дар асоси суратнусхаи «Наводир-ул-вақоеъ» бо хатти Аҳмади Дониш, ки аз ганҷинаи дастнависҳои Ленинград дастрас карда буд, «Асарҳои

мунтахаб»-и ӯро ба чоп расонд. Баъди як сол мунтахаби асарҳои ба забони тоҷикӣ чопгардидаи Аҳмади Донишро дар баргардонии Муҳаммад Нурӣ Османов бо унвони «Путешествие из Бухары в Петербург» бо муқаддимаву тавзеҳоти муфассал аз чоп баровард, ки нашри дувуми китоби мазкур соли 1976 сурат гирифт. Ба воситаи ин тарҷума Аҳмади Дониш ба доираи васеи хонандагони рус роҳ ёфт.

Ҷустуҷӯҳои Р.Ҳодизода ҳамчунон дар бораи Аҳмади Дониш идома ёфта, ба ин далел, тобистони соли 1964 ба Оренбург сафар карда, муддате санадҳои Архиви вилояти Оренбургро омӯхт. Аз ин архив доир ба тафсили сафари элчиёни Бухоро, хислату кирдори шахсии аъзои ҳайати сафорат, муносибатҳои ошкору ниҳони тоҷирони бухороии муқими Оренбург, муносибатҳои Русияву Бухоро маълумоти муҳиммеро ба даст овард. Ҷустуҷӯҳои Расул Ҳодизода дар ин замина ҳамчунон идома ёфта, вай аз захираи дастнависҳои Институти шарқшиносии Тошканд низ чанд дафтари хотирот, ёддоштҳо ва асари мукаммали иборат аз бобу фаслҳои гуногуни Донишро, ки дар захираҳои институт зери унвони «Баёзи мансур» номгузорӣ шудааст, ба даст меоварад.

Ҷустуҷӯҳо ва омӯзиши муттасил шароит фароҳам овард, ки бо супориши бахши адабиёти бачагони нашриёти «Ирфон» «дар бораи Аҳмади Дониш қиссаи илмию бадеӣ таълиф» намуд, ки соли 1967 ба табъ расид. Баъдтар, аз рӯйи «асари аввалини бадеӣ»-аш «Сапедадам» [18, с.76], ки онро киноповест ном ниҳода буд, Абдусалом Раҳимов бо ҳамкории режиссёри Ленфилм Игор Усов бо номи «Звезда в ночи» филм ба навор гирифтанд.

Соли 1976 таҳти унвони «Сапедадам» дар нашриёти «Ирфон» маҷмуаи қиссаҳояш нашр мегардад. Қиссаи «Сапедадам» соли 1978 дар маҷмуаи «Струны танбура» ба забони русӣ дар Маскав ба чоп мерасад. Ин маҷмуа мавриди таваҷҷуҳи аҳли адаби рус қарор мегирад ва шоир ва мутарҷими рус Семён Липкин дар номааш ба муаллим чунин изҳори назар мекунад: «Барои китоби «Струны танбура» ташаккур. Дар ин китоб шумо ҳамчун Тинянови хоссаи тоҷикон зуҳур мекунед, ки вай дар шахси худ олим ва нависандаро

таҷассум намудааст. Барои ман повести Аҳмади Дониш махсусан, шавқовар буд...» [18, с. 276].

Ниҳоят, романи «Ситорае дар тирашаб» аввал дар маҷаллаи «Садои Шарқ», баъдан соли 1983 дар нашриёти «Адиб» ба чоп мерасад ва дар доираҳои адабӣ дар бораи он гуфтугӯҳои судманд сурат мегирад. Баъдтар, ин роман дар тақризи муфассали Валӣ Самад нақду баррасӣ шуда, ба қавли Расул Ҳодизода «аз рӯйи таомули танқиди адабӣ ҷиҳатҳои «мусбат ва манфӣ»-и романро таҳлил ва таҷзия намуда буд» [18, с. 286].

Ин роман дар доираҳои расмӣ, аз ҷумла дар суханронии Муъмин Қаноат дар Пленуми савуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мавриди баҳогузорӣ қарор гирифт. Аз ҷумла, Муъмин Қаноат ба ишораи истеҳзоомези муаллифи роман ба ин асар чунин баҳои «ҷиддиву коршиносона» дода буд: «Тааҷҷуб дар он аст, ки донишмандон ва ашрофи рус мисли мансабдорони бухорӣ тулонӣ ва бо пургӯӣ сухан мекунанд. Ин ба дарк намудани асолати маводи фаровони таърихии гирдовардаи Р. Ҳодизода халал ворид мекунад. Баробари ҳамин, ба намозу салот муттасил машғул гаштани (ашхоси роман) ба густариши воқеаҳои роман монеъ мегардад»[148, с.16]. Расул Ҳодизода дар яке аз суҳбатҳояш бо Муъмин Қаноат андешаҳои ӯро нисбат ба роман ғайримунсифона медонад ва ба шаҳодати худи ӯ, Муъмин Қаноат дар матни мақолааш, ки дар «Адабиёт ва санъат» (3-юми апрели соли 1986) чоп шудааст, «айбномаҳоро то андозае ислоҳ» [18, с. 286] менамояд.

Романи «Ситорае дар тирашаб» дар доираҳои адабии Маскав низ мавриди гуфтугӯ қарор мегирад ва шахсиятҳое, мисли А. Боршаговский ва Н. Костржевский дар бораи он андешаҳои мусбати худро дар маҷаллаи «Памир» (-1988. – № 4) ва «Литературное обозрение» (-1988. – № 5) нашр мекунанд. Роман аз ҷониби «доираи адабии ба тоҷикону Тоҷикистон наздики Маскав» хуш истиқбол мешавад ва он соли 1986 бо номи «Звезда во мгле» дар тарҷумаи нависанда ва тарҷумони рус Валентин Тублин ба русӣ тарҷума ва нашр мешавад [18, с. 288].

Ҳамин тавр, нависанда ҷустуҷӯҳояшро дар бораи Аҳмади Дониш давом дода, саранҷом соли 1984 дар пайи таълифи романи дувум– идомаи «Ситорае дар тирашаб» мешавад ва онро соли 1987 ба охир мерасонад ва ба он «На ситораҳо мерезанд» ном мениҳад. Дастнависи романро соли 1990 ба нашриёти «Адиб» месупорад ва он дар аввали соли 1991 ба чоп мерасад. Романро нависандаи рус Иван Уханов ба русӣ тарҷума мекунад, вале ба сабаби тағйироти сиёсӣ ва маҳватаи фарҳангии Шуравӣ ва ниҳоят, пош хӯрдани ин давлат тарҷумаи русии роман чоп намешавад.

Расул Ҳодизода на танҳо дар соҳаи таҳқиқ, тарҷума ва тасҳеҳу нашри осори гузаштагон фаъолият кардааст, балки дар муддати умри пурмаҳсулаш вазифаҳои гуногунро низ бар дӯш доштааст. Аз ҷумла, вай ҳамчун корманди калони илмии Институти забон ва адабиёти Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон (1945-1960), мудири шуъбаи таърихи адабиёти Институти шарқшиносӣ ва осори хаттии Академияи илмҳои Тоҷикистон (1960-1972) ва мудири шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон (1972-1993) фаъолият намудааст. Ҳамзамон, ӯ котиби илмии Кумитаи мукофоти давлатии Рӯдакӣ (то соли 1989), мудири шуъбаи нақди адабӣ ва адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ва раиси комиссияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд. Вай инчунин вазифаҳои профессориро дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) ва Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ (ҳоло ДДС ба номи Ш. Рашидов) иҷро кардааст. Ин таърих нишон медиҳад, ки Расул Ҳодизода дар рушди илм ва фарҳанги тоҷик нақши муассир дошта, саҳми фарогир ва гуногунҷанбаи худро дар ҷомеа ба ҷо овардааст.

Расул Ҳодизода аз ҷумлаи муҳаққиқони барҷаста ва пуркори тоҷик буда, аз эшон садҳо мақола ва даҳҳо китоб дар матбуот ё дар муассисаҳои интишоротии Тоҷикистону Шуравии собиқ ба чоп расидааст. Китобҳои «Баъзе масъалаҳои омӯзиши таърихи адабиёти тоҷики нимаи дувуми асри XIX» (1954) ва «Сарчашмаҳои таърихи адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми қарни XIX» (1956), ба забони русӣ), ки шомили баррасӣ ва арзёбии

умдатарин ва муҳимтарин мушкилоти марбут ба адабиёт ва омӯзиши адабиёт дар садаи нуздаҳум дар Тоҷикистон аст, дар замони худ ва ҳоло низ баҳси тозае дар ин боб ба шумор меравад. Рисолаҳои дигари вай таҳти унвони «Шоҳин» (1974) ва «Аҳмади Дониш» (1976), ки пиромуни баррасии нуктаҳои мубҳам ва саҳифаҳои торик дар осори ин ду суханвари барҷастаи тоҷик аст, гоми муҳимме дар таҳлил ва арзёбии моҳияти иҷтимоиву таърихӣ ва арзиши адабиву фикрии онҳо ба шумор меравад. Ҳамчунин, аз корҳои муҳими илмии Расул Ҳодизода иштирок дар тадвин ва таълифи бахшҳое аз «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» (1964-1966) ва талошҳои ӯ дар самти таълифи таърихи адабиёти тоҷик ба шумор меравconfigure. Ба шаҳодати А. Афсаҳзод, ӯ асари Е.Э. Бертелс «Таърихи адабиёти форсу тоҷик»-ро ҷилди аввал дониста, ният дошт идомаи онро бо ҳамкории олимони Москва ва Ленинград таҳия ва нашр намояд. Бо ҳамин мақсад, соли 1962 дар Душанбе маҷлиси машваратӣ баргузор гардида, тарҳи таълифи минбаъдаи ин силсила муайян карда мешавад. Дар натиҷа, қарор қабул мегардад, ки нахуст очеркҳои илмӣ таҳия шуда, баъдан таърихи мукаммали адабиёт таълиф гардад [25, с.15-16].

Ба назари мо, ин ташаббус далели равшани диди стратегӣ ва ҷаҳонбинии фарохи илмии муҳаққиқ мебошад, зеро ӯ масъалаи таҳияи таърихи адабиётро ҳамчун як кори дастаҷамъӣ ва марҳилавӣ баррасӣ кардааст.

Дар идомаи ин барнома як қатор асарҳои муҳими илмӣ, аз ҷумла рисолаҳои А. Абдуллоев ва асари дастҷамъии «Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV» ба табъ мерасанд, ки идомаи мантиқии ҳамин ташаббус маҳсуб мешаванд [25, с.15-16]. Ба назари мо, чунин раванд нишон медиҳад, ки пешниҳодҳои Расул Ҳодизода заминаи воқеии рушди тадқиқоти минбаъдаро фароҳам овардаанд.

Асари дигари ӯ – «Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик» (1999) – низ аз тавоноии илмии муҳаққиқ дар шинохти адабиёти классикӣ гувоҳӣ медиҳад. Ба назари мо, ин асар нишон медиҳад, ки Ҳодизода на танҳо дар масъалаҳои манбаъшиносӣ, балки дар таҳлили равандҳои маънавию фалсафии адабиёт низ диди амиқ доштааст.

Ҳамзамон, як қисми муҳими фаъолияти илмии ӯ дар шакли мақолаҳо ва силсиламақолаҳо инъикос ёфтааст, ки дар маҷмуаҳои «Аз гузашта ва имрӯзи адабиёти тоҷик» (1974) ва «Аз Рӯдакӣ то имрӯз» (1988) гирдоварӣ шудаанд. Ин асарҳо масъалаҳои муҳими таърихи адабиёт, эҷодиёти шоирону нависандагон ва таҳқиқоти адабиётшиносиро дар бар мегиранд.

Дар ин замина, мақолаҳои ӯ, аз қабили «Шуҳрати ҷаҳонии адабиёти тоҷик», «Сардафтари назми классикии тоҷик устод Рӯдакӣ», «Пеш аз Рӯдакӣ», «Дар бораи эҷодиёти нависандагони ҷавон», «Ҳаётро мукаммалтар ва амиқтар нишон диҳем», «Насри ҷавони тоҷик», «Насри имрӯзаи мо» ва дигарон, масъалаҳои муҳимми ҳаёти адабӣ ва иҷтимоиро фаро гирифтаанд. Дар онҳо муаллиф ба вазъи назму наср, нақши адабиётшиносон, мушкилоти рушди адабиёт ва ҷойгоҳи инсон дар таҳаввулоти иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Ба назари мо, арзиши асосии ин мақолаҳо дар он аст, ки онҳо на танҳо масъалаҳои назариявиро матраҳ мекунанд, балки ба масъалаҳои доғи замон вокуниши мустақим нишон дода, адабиётро ҳамчун ҷузъи фаъоли ҳаёти ҷамъиятӣ муаррифӣ менамоянд.

Саҳми Расул Ҳодизода дар нашри матни осори гузаштагон низ қобили мулоҳиза буда, дар ин замина метавон аз «Асарҳои мунтахаб»-и Аҳмади Дониш (1959), «Калила ва Димна» (1966), «Девони Анварӣ», «Маҷмуаи ашъори Шоҳин ва Ҳайрат» ва «Рӯдакӣ ва муосирони ӯ» (1984, ба забони русӣ) ва ғайра ёд кард, ки бо муқаддима ва шарҳу тавзеҳоти ин олим мунташир шудаанд. Дар баробари ин ҳама, «Расул Ҳодизода дар таҳияву нашри матни интиқодии «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ ва луғати ин шоҳасар, ки бо ҳамкории олимони шуравию эронӣ сурат мегирифт, ширкат» [48, с. 46] доштааст.

Расул Ҳодизода аз соли 1955 Анҷумани Иқболро раҳбарӣ карда, дар ташкил ва баргузор намудани конфронси илмии ин Анҷуман саҳми асосӣ доштааст. Дар соли 1988, ки ба муносибати 120-умин солгарди зодрӯзи

Иқбол конфронси бузурге бо ибтикори ин донишманд баргузор гардид, «Куллиёт»-и Иқбол зери назари ӯ дар Покистон ба табъ расид.

Дар солҳои 1992-1993 – замони мухолифату муқовимати пуравҷ, давраи ҳукмронии яъсу ноумедӣ, нобоварӣ баояндаи неку роҳбарияти тозаинтихоби кишвар, ки расонаҳои хабарии гуногуни дунё ҳар гуна бофтаву сохтаро бо мақсади ҷудоиандозии бештари мардуми тоҷик дар саҳифаҳои худ ҷой дода, онҳоро бахшҳои тоҷикии радиоҳои хориҷӣ низ пахш мекард ва мутаассифона, бархе аз сиёсатмадорону мансабталошони худӣ низ ба оташи қаҳру ғазаби мардум равған мерехтанд, дар шумораҳои рӯзномаи марказии Тоҷикистон- «Ҷумҳурият» силсиламақолаҳои устод Расул Ҳодизода «Ба номи Худои ягона, ба поси ягонагии миллат» (1992.- 21, 22, 23, 24, 25, 28 июл), «Парчам ва нишони мо» (1992.-24 декабр), «Ҳақҷӯй бояд буд» (1993.- 6- 7 май), «Истиқлоли мо: имрӯз ва фардои он» (1993. - 26-27 июн) ба табъ расиданд. Дар мақолаҳои мавриди назар муаллиф бо таҳлилу баррасии муфассали воқеот ва бо боварии қатъӣ мардумро ба сӯйи ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ва муттаҳидӣ дар атрофи роҳбари ҷавони кишвар, Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даъват мекард. Андешаву мулоҳизаҳои Расул Ҳодизода дар асоси далелу бурҳони қотеъ воқеӣ буд. Навиштаҳои ӯ мақоли «Пирони кор аз таҷриба сухан гӯянд»-ро ба хотир меовард. Дар гузориши масъала як навъ умумияти мантиқие бо мақолаи устод Садриддин Айнӣ «Қобилияти ташкилотӣ дар тоҷикони кӯҳистон» ба назар мерасид, ки он дар солҳои бистуми асри XX, дар замоне, ки душманону мухолифин ҳаққу ҳуқуқи мардуми тоҷикро поймол ва дар бунёди давлати Тоҷикистон монеаҳо эҷод мекарданд, иншо гардида, аз қобилияти ташкилотии тоҷикони кӯҳистон сухан ба миён меовард. Бо чашми кам надидани тоҷиконро дар давлатдорӣ талқин мекард.

Дар ҳамон рӯзҳои ҳалкунандаи сарнавишти миллату мамлакат чун устод Айнӣ садои профессор Расул Ҳодизода баланд гардид. Садои пур аз боварӣ ба роҳбари ҷавон, баояндаи неки миллат, ободиву шукуфоии Тоҷикистони

азиз дар дили дигарон низ тухми эътимоду бовар ва ободиву шукуфой мекошт.

Расул Ҳодизода солҳо муассис ва сарпарасти «Бунёди Рӯдакӣ» (аз соли 1999 то охири умр) дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон будааст, ки омӯзиш ва таҳқиқи аҳвол ва осори Рӯдакӣ ва муосирони ӯ ва низ мутолиоти амиқ дар таърихи адабиёти давраи Сомониён аз аҳдофи асосии ин бунёди илмӣ мебошад. Бино ба навиштаи адабиётшинос М.Муллоаҳмад, «Ӯ (ишора ба Р.Ҳодизода – А.К.) солҳои охири умр ба масъалаи таҳияи матни осори боқимондаи шоир (Рӯдакӣ– А.К.) машғул шуд... Дар ин бора ӯ дар мақолаву мусоҳибаҳои худ «Рӯзи Рӯдакӣ», «Рӯзи Рӯдакӣ ва Бунёди Рӯдакӣ» сухан ронда, ба таври расмӣ рӯзи 22-сентябрро эълон намудани «Рӯзи Рӯдакӣ» кӯшиши зиёд ба харҷ дод. Дар мақолаву мусоҳибаҳои охирини худ низ амсоли «Соҳибқирони шоирӣ устод Рӯдакӣ», «Назми фурӯзони Рӯдакӣ», «Аз Рӯдакӣ то Иқбол», «Бозсозии намо ва симои Рӯдакӣ мебояд», ки дар рӯзномаҳои «Садои мардум», «Минбари халқ», «Ҷумҳурият» чоп шудаанд, Р.Ҳодизода масъалаҳои гуногуни марбут ба ҳаёту осор ва бузургдошти шоирро ба миён мегузорад» [48, с.49-50].

Чунонки дар боло зикр кардем, ин донишманд аз солҳои шастум то вопасин рӯзҳои ҳаёташ (04.04.2010) ба таълифи осори бадеии насрӣ машғул буда, дар ин замина ҷойгоҳашро ҳамчун нависандаи таърихнигор дар насри муосири тоҷик устувор сохтааст. Асарҳои насрии ӯ «Танбӯри дилкаш» (1966), «Сапедадам» (1970), «Парвози Шоҳин» (1980), «Ситорае дар тирашаб», «На ситораҳо мерезанд...», «Қиссаи Мансури Ҳаллоҷ» (1990), намоишномаҳои «Бахт дар чист?» (1978), «Маздак» (1980) ва низ филмномаи «Ситораҳое дар шаби торик» (1982), «Бӯи ҷӯи Мӯлиён», романҳои «Ситорае дар тирашаб», «На ситораҳо мерезанд...» ва баъзеи дигар саҳифаи тозае дар таърихи насри навини тоҷик буда, бо мавзуъ, тарзи тасвир ва дарунмояи худ дар таърихи адабиёти имрӯзи тоҷик ҷойгоҳи рафеъ доранд.

Ба ин тартиб, зиндагиномаи ин марди донишманд ва фидоии адабиёту фарҳанги тоҷикӣ ва хидматҳои ӯ дар ин замина, ба замони соат маҳдуд намешавад, балки фаротар аз он буда, бо таърихи ҷараёни инкишофи адабиёту фарҳанги тоҷик ҳамзамон, ҳамсон ва ҳаммаъност. Ба ифодаи дигар, фаъолияти инсонӣ ва эҷодии ӯ, ки ҷузъи зиндагиномаи ӯст, ҷузъи сарнавишти миллат низ мебошад. Зеро ӯ тавонистааст, ба тавассути омӯзишу ҷустуҷӯҳои пайдарпай ҳасби ҳоли худро бо фидокориҳо ва хизматҳояш бо таърихи ҷараёни ишкишоф ва рушди адабиёту фарҳанги миллат марбут намояд. Воқеият ин аст, ки хидматҳои ӯ дар рушду камоли адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ беназир буда, ҷустуҷӯҳояш дар ин замина фардияти инсонӣ ва ҳунарии ӯро шакл додаанд, ки фаромӯшнашаванда мебошад.

## 1.2. Осори илмӣ ва бадеӣ-таърихии Расул Ҳодизода

Фаъолияти эҷодии Расул Ҳодизода дар се самт ҷараён гирифтааст. Ӯро алоқамандони адабиёт, пеш аз ҳама, ҳамчун адабиётшиносу мунаққид ва нависанда мешиносанд. Ин донишманд мисли аксари кулли намояндагони насли хеш ва насли аввали адабиётшиносон ва мунаққидони тоҷик асосан, ба таҳқиқи таърихи адабиёти классикии тоҷик, назарияи адабиёт, назму насри муосир, нақди адабӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, луғатшиносӣ ва монанди инҳо машғул шуда, дар ин замина корҳои арзишмандеро ба анҷом расондааст. Паҳлуи дигари фаъолияти эҷодии ӯро нависандагӣ ва драматургия ташкил медиҳад, ки дар ин самт низ хидмати ӯ пурарзиш ва мондагор мебошад. Ҳоло дар ин фасли диссертатсия мо қарор додем, фаъолияти илмӣ ва нависандагии Расул Ҳодизодаро, ки ҷузъи асосии зиндагиномаи ӯст, ба таври мушаххас баррасӣ ва арзёбӣ намоем.

Чунонки худи Расул Ҳодизода дар китоби хотироташ «Худоё, худро бишносам» зикр мекунад, оғози фаъолияти эҷодии ӯ ба давраи таҳсил дар Панҷакент рост меояд. Дар ин айём ӯ ба навиштани шеърҳои содаву мавзӯӣ, бахшида ба ҳаёти мактабӣ, пионерон ва аскарони сурх машғул шуда, дар муҳити мактабӣ ҳамчун шоири ҷавон шинохта мешавад [18, с.45].

Баъд аз бозгашт ба Самарқанд, ӯ фаъолияти худро ҳам дар соҳаи таҳсил ва ҳам дар радио идома дода, маҳз тавассути барномаҳои адабии радио ба эҷоди шеърҳои мазмунан васеътар рӯ меорад. Яке аз чунин осор шеърест дар шакли қасида, ки ба мавзӯи ақибгоҳи ҷанг бахшида шуда, дар он образи духтари деҳотӣ, ки пас аз рафтани дӯстдоштааш ба фронт ба корҳои истеҳсолӣ машғул мегардад, тасвир ёфтааст [18, с.71-72]. Ба назари мо, чунин мазмун нишон медиҳад, ки эҷодиёти ибтидоии ӯ таҳти таъсири воқеиятҳои иҷтимоӣ ва идеологии замон ташаккул ёфтааст.

Бо вуҷуди ин, худи муаллиф ин кӯшишҳои аввалини эҷодиро «лаҳзаҳои тасодуфӣ» арзёбӣ намуда, онҳоро ҳамчун марҳилаи муайянкунандаи роҳи минбаъда намешуморад. Ба назари мо, чунин худбаҳодиҳӣ нишондиҳандаи нигоҳи интиқодӣ ва талаботи баланди ӯ нисбат ба фаъолияти эҷодӣ мебошад.

Бо ин ҳама, фаъолияти адабии ӯ дар радио, таҳсил дар Тошканд ва кори минбаъдааш идома ёфта, тадриҷан ба шакли устувортар мегузарад.

Нуқтаи гардиш дар ин раванд таълифи рисолаи дипломӣ гардид, ки оғози ҷиддии роҳи илмии ӯро муайян сохт. Дар ин марҳила ва давраҳои баъдӣ устод Айнӣ ҳамчун роҳнамои илмӣ ва маънавӣ нақши ҳалкунанда бозид. Ба ҳамин далел, Расул Ҳодизода худро парвардаи мактаби адабиётшиносии устод Айнӣ doниста, анъанаҳои онро дар рушди илму фарҳанги тоҷик идома медиҳад [47, с.221].

Мақолаи аввалини ӯ низ ба фаъолияти илмии устод Айнӣ бахшида шуда, соли 1950 дар маҷаллаи «Шарқи сурх» ба нашр мерасад. Қаробати маънавӣ ва илмӣ бо устод Айнӣ боис мегардад, ки ӯ ҳам ҳамчун шогирди расмӣ ва ҳам маънавӣ ташаккул ёфта, аз таҷрибаи илмӣ, фарҳанги муошират ва тарзи фаъолияти устод баҳра бардорад [92, с.140]. Ба назари мо, ин таъсир дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии Ҳодизода ва интихоби самти таҳқиқоти ӯ нақши калидӣ доштааст.

Дар натиҷа, баъди хатми Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна, ӯ ба омӯзиши давраҳои камтаҳқиқшудаи таърихи адабиёти тоҷик рӯ оварда, дар ин самт фаъолияти тӯлонӣ ва самарабахш анҷом медиҳад. Нахустин таҳқиқоти калонҳаҷми ӯ, рисолаи «Маъхазҳои адабиёти нимаи дуюми асри XIX тоҷик», дар доираи аспирантура таҳти роҳбарии устод Айнӣ таҳия гардида, ба соҳаи мураккаби манбаъшиносӣ бахшида шудааст. Ин асар соли 1956 дар шакли китоби алоҳида ба табъ расида, ба эътирофи муҳаққиқон то имрӯз ҳамчун яке аз муҳимтарин корҳои манбаъшиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик арзёбӣ мегардад [61, с.35]. Ин таҳқиқот роҳҳо ва моҳияти асосии ҷустуҷӯҳои равишманди ӯро дар адабиётшиносӣ муайян кард ва далели истеъдоди комили ӯ дар ин соҳа буд. Ба ин далел, нахустин тадқиқоташ мавқеъ ва эътибори ӯро дар илми адабиётшиносӣ муайян сохт ва минбаъд тақдирашро ба ин соҳа пайваст ва солҳо аввал ҳамчун мудири масъули бахши таърихи адабиёти Институти шарқшиносӣ, баъд мудири ҳамин бахш дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои

Тоҷикистон фаъолият кард ва дар баробари ҷустуҷӯҳои илмии мондагор, ба раванди таҳқиқ ва арзёбии мушкилоти таърихи адабиёти гузаштаву имрӯза бевосита роҳбарӣ намуд. Дар ин давраи фаъолияташ таҳти назар, роҳбарии бевоситаи илмӣ ва таҳрири ӯ силсилаи китоби очеркҳо оид ба таърихи адабиёти тоҷик, аз ҷумла «Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV» ва «Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX» ба чоп расид, ки кашфи давраҳои таҳқиқнашуда, арзёбӣ ва нашри осори шоирон аз имтиёзоти ин таҳқиқоти пурмоя мебошад. Ин китобҳо на фақат таҳти роҳбарии Расул Ҳодизода ба чоп расидаанд, балки муаллифи фаслҳои асосӣ ва муҳимми онҳо низ худи ӯ мебошад.

Расул Ҳодизода дар китоби ёдшуда осори Анварӣ, Заҳири Форёбӣ, Муиззӣ, Асириддини Ахсикатӣ, Рашиди Ватвот, Ҳилолӣ, Восифӣ, Мушфиқӣ, Сайидо, Малеҳо, Мулҳам, Ҳозиқ ва дигаронро таҳқиқ карда, нақши онҳоро дар таърихи адабиёти тоҷик, аз ҷумла ғазалу қасидасароӣ муайян намуд. Илова ба ин, ҷустуҷӯҳои ӯ дар бораи хусусиятҳои қасидаи асри XII, истиқлоли ҳунарии шоирон дар такмили мундариҷа ва сохтори ин жанр ва заминаҳову омилҳои асосии фосилагирии баъзе аз шоирон аз дарбори шоҳони вақт, мустақилияти онҳо дар эҷоди қасида ба фаъолияти арзишманди ӯ дар ин самт гувоҳӣ медиҳад. Бисёре аз андешаҳои ӯ дар ин замина тоза буда, ҳанӯз ҳам метавонанд, барои муҳаққиқони соҳа дар таҳқиқи адабиёти асрҳои зикршуда раҳнамой бошанд.

Паҳлуи дигари муҳимми фаъолияти Расул Ҳодизодаро таҳқиқи адабиёти нимаи дувуми асри XIX ташкил медиҳад. Дар таҳқиқи адабиёти ин давра ӯ диққати асосиро ба муайян намудани равияи пешқадами адабӣ, ки бештар ба пайдоиш ва инкишофи адабиёти маорифпарварӣ алоқаманд аст, равона карда, дар ин замина доир ба ҳаёт ва эҷодиёти намояндагони адабиёти ин давра, монанди Савдо, Возеҳ ва хусусиятҳои осори онҳо маълумоти аввалинро меоварад.

Расул Ҳодизода, чунонки худаш дар сарсухани китоби «Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX» изҳор доштааст, ки ба тадқиқи адабиёти ин давр

ҳанӯз дар аввали солҳои панҷоҳум бо ташвиқ ва тарғиби устод Садриддин Айнӣ шуруъ карда буд. Бинобар ин, таълифи ин асар ҳарчанд дар зарфи ду-се соли охир анҷом гирифтааст, аммо ин маҳсули кори зиёда аз понздаҳсолаи нигорандааст. Ин китоб аз ду қисм иборат буда, дар қисми аввали он муаллиф сарчашмаҳоро тавсиф ва дар бораи ҳаёти адабии ин давр, эҷодиёти Савдо ва Возеҳ маълумоти дараҷаи аввалро меоварад. Ҳамчунин, ин донишманд дар охири китоб бо мақсади раҳнамоӣ ба ихтиёри муҳаққиқони соҳа рӯйхати шоиронеро мегузорад, ки дар тазкираҳои охири асри XIX ва аввали асри XX зикр шудаанд, вале он тазкираҳо ба чоп нарасидаанд.

Дар қисми дувуми ин китоб ӯ ҳаёт ва эҷодиёти Шоҳин, Аҳмади Дониш ва Ҳайратро таҳқиқ карда, дар боби махсус дар бораи шоироне, аз ҷумла Тамкин, Мухлис ва дигарон сухан намудааст, ки эҷодиёти онҳо дар аввали асри XX, ҳатто то Инқилоби Октябр ҳам давом карда, дар инкишофи ҷараёни маорифпарварӣ саҳм гузоштаанд.

Бояд тазаккур дод, ки бухрони шадиди муносибатҳои феодалӣ ва суръат гирифтани инкишофи муносибатҳои капиталистӣ, ки баъди аз тарафи Русия тасарруф гардидани Осиёи Миёна мушоҳида мегардид, ба афзудани шахсиятшиносӣ мусоидат намуд. Чунонки маълум аст, дар ҷамъият зиёд шудани шинохти шахсият асосан сабабгори ташаккули реализм дар адабиёт мегардад. Ин аст, ки дар адабиёти тоҷикӣ низ баъзе тағйироти сифатӣ рӯй додан гирифт.

Дар натиҷа, он унсурҳои реализм, ки дар эҷодиёти шифоҳӣ ва назму насри классикӣ чандин аср мавҷуд буданд, дар нимаи дувуми асри XIX бағоят қувват гирифтанд ва дар адабиёт равиши нав- методи реализми маорифпарварӣ ба миён омад.

Расул Ҳодизода дар натиҷаи таҳқиқи адабиёти маорифпарварии охирҳои асри XIX ба хулосае мерасад, ки дар услуби эҷодӣ, системаи образҳо ва усули тасвири бадеии ин давра табаддулоти ҷиддӣ ба амал омадааст. Ба таъкиди ӯ, ин тағйирот боис гардид, ки адабиёти мазкур, новобаста аз ҳаҷму миқёси он, бо усули нави эҷодӣ аз адабиёти классикӣ фарқ карда, ба пояи

баланди бадеиву ғоявӣ расад [70, с. 118]. Чунонки муҳаққиқ ишора мекунад, «навоварӣ пеш аз ҳама дар тағйири ҷаҳонбинӣ ва усули тасвири воқеият зоҳир мегардад» [70, с. 119]. Муҳаққиқ ин равишро дар эҷодиёти Аҳмади Дониш, Савдо, Возеҳ ва Шоҳин ҳамчун «реализми маорифпарварӣ» муайян мекунад. Ба назари мо, чунин таъбир аҳамияти назариявӣ дошта, кӯшиши мушаххас намудани хусусияти гузаришии адабиёт аз анъанаи классикӣ ба шаклҳои навини фикриро инъикос менамояд.

Маълум аст, ки ҷараёни маорифпарварӣ дар минтақаҳои гуногун – Аврупо, Русия ва Осиёи Миёна – дар шароити таърихии мухталиф ташаккул ёфтааст. Бо вуҷуди фарқиятҳо, байни онҳо умумияти ғоявӣ мушоҳида мешавад. Ба таъкиди муҳаққиқон, «ғояҳои маорифпарварӣ, новобаста аз муҳит, ба арзишҳои умумибашарӣ такя мекунанд» [31, с. 52]. Маорифпарварони тоҷик, аз ҷумла Аҳмади Дониш, Возеҳ, Шоҳин ва баъдан Асирӣ ва Айнӣ, ки анъанаи насли аввалро идома доданд, нисбат ба сохти феодалӣ ва низоми мавҷуда мавқеи интиқодӣ доштанд. Ба назари мо, ин умумият нишон медиҳад, ки ҷараёни маорифпарварӣ дорои хусусияти фаромиллӣ буда, дар ҳар минтақа бо шароити хоси худ зуҳур кардааст.

Ҳамон тавре ки маорифпарварони рус тарғиби маориф, озодӣ ва ислоҳоти иҷтимоиро ҳадаф қарор медоданд, маорифпарварони тоҷик низ ба густариши илму маърифати дунявӣ ва ташвиқи унсурҳои тамаддуни аврупоӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд. Чунонки таъкид мешавад, «равандҳои фарҳангӣ дар асри XIX бо таъсири мутақобили муҳитҳои гуногун рушд мекарданд» [31, с. 54]. Ба назари мо, чунин ҳамгунӣ далели таъсири мутақобили муҳитҳои фарҳангӣ ва интиқоли ғояҳои пешқадам миёни ҷомеаҳо мебошад.

Маорифпарварони тоҷик ҳамзамон ҳимояи манфиатҳои табақаҳои меҳнаткашро яке аз вазифаҳои асосии худ медонистанд. Расул Ҳодизода бо таҳлили асарҳои Аҳмади Дониш, аз ҷумла «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Рисола дар назми тамаддун ва таовун», инчунин «Савонеҳ-ул-масолик»-и Возеҳ ва лирикаи Шоҳин нишон медиҳад, ки «фаъолияти онҳо дар се самти асосӣ зуҳур кардааст: танқиди сохти феодалӣ, тарғиби илму маърифат ва ҳимояи

манфиатҳои мардум» [70, с. 105]. Чунонки ӯ таъкид мекунад, «ин се самт мазмуни асосии фаъолияти маорифпарваронро ташкил медиҳад» [70, с. 106]. Ба нманшаи азари мо, чунин таснифбандӣ имконият медиҳад, ки ҷараёни маорифпарварӣ ҳамчун як низоми мукаммали ғоявию иҷтимоӣ дарк гардад.

Ҳамчунин, дар ин қисмати китоб нахустин бор доир ба муҳити адабии берун аз Бухоро, аз ҷумла Бадахшон, Самарқанд ва ноҳияҳои кӯҳистони аморати Бухоро маълумот оварда мешавад. Ба таъкиди муҳаққиқ, «доираи ҷуғрофии адабиёти ин давра назар ба тасаввуроти қаблӣ васеътар будааст» [70, с. 122], ки аҳамияти ин пажуҳишро бештар менамояд.

Ҷустуҷӯҳои илмии Расул Ҳодизода дар заминаи омӯзиши рӯзгор ва осори Аҳмади Дониш яке аз марҳилаҳои муҳимми фаъолияти адабиётшиносии ӯ ба шумор меравад. Соли 1957 ӯ пораҳое аз «Наводир-ул-вақоеъ»-ро бо такя ба маводи бойгонии Русия ба нашр расонида, онҳоро бо шарҳу тавзеҳоти илмӣ ва маълумоти дақиқи тарҷумаиҳолӣ ҳамроҳ месозад. Ба таъкиди худи муҳаққиқ, ин кор имконият фароҳам овард, ки «чанде саҳифаҳои торик»-и ҳаёт ва эҷодиёти Аҳмади Дониш равшан гардад [18, с. 165]. Чунонки қайд мегардад, «маълумоти нав оид ба сафарҳои Дониш ба Русия арзиши муҳими илмӣ дорад» [18, с. 166]. Ба назари мо, чунин кашфиёт на танҳо доираи маъхазиро васеъ менамояд, балки барои бознигарии баъзе масъалаҳои тарҷумаиҳолӣ ва ҷаҳонбинии Дониш заминаи устувор фароҳам меорад.

Дар идомаи ин ҷустуҷӯҳо, Расул Ҳодизода таҳқиқи адабиёти асри XIX-ро густариш дода, соли 1969 рисолаи доктории худро дар мавзуи «Аҳмади Дониш ва адабиёти маорифпарварии тоҷик» дифоъ мекунад. Муҳаққиқон бар он назаранд, ки «ин асар натиҷаи ҷамъбасти таҷрибаи чандинсолаи илмӣ мебошад» [25, с. 29]. Баъдан, як силсила асару мақолаҳои ӯ ба табъ мерасанд, ки дар маҷмуъ саҳми арзишманди ӯро дар омӯзиши адабиёти ин давра нишон медиҳанд. Ба назари мо, ин пайдарҳамии таҳқиқот далели равшани равиши системавӣ ва пайгиронаи муҳаққиқ мебошад.

Бо вуҷуди ин, доираи таҳқиқоти Расул Ҳодизода танҳо ба адабиёти асри XIX маҳдуд намешавад. Ба таъкиди Мирзо Муллоаҳмад, «муҳаққиқ қариб тамоми давраҳои адабиро фаро гирифтааст» [47, с. 223]. Ҳамзамон, «дар бораи намояндагони маъруфу камшинохта таҳқиқоти ҷиддӣ анҷом додааст» [47, с. 224]. Ба назари мо, чунин фарогирии васеъ нишон медиҳад, ки Ҳодизода дорои ҷаҳонбинии энсиклопедӣ ва қобилияти баррасии адабиёт дар масири таърихии тӯлонӣ будааст.

Дар ҳамин замина, осори ӯ, аз қабили «Ақидаҳои эстетикии Форобӣ», «Рӯзгори Мавлонои Рум», «Назари Ҷомӣ ба назм», «Татаббуоти назм ва сабки шеъри Фонӣ-Навоӣ», «Шуҳрати ҷаҳонии адабиёти тоҷик» ва дигарон, бо усули таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳлилӣ аз дигар навиштаҳо фарқ мекунанд. Чунонки муҳаққиқон таъкид мекунанд, «ин асарҳо бо таҳлили амиқи назариявӣ ва таърихӣ фарқ мекунанд» [47, с. 225]. Ба назари мо, ин нишон медиҳад, ки муҳаққиқ на танҳо ба ҷамъоварии мавод, балки ба таҳлили амиқи онҳо аҳаммияти ҷиддӣ додааст.

Ҳамзамон, саҳми ӯ дар муаррифии адабиёти тоҷик ба доираи васеи хонандагон низ назаррас аст. Ба шаҳодати Мирзо Муллоаҳмадов, Расул Ҳодизода дар ҳамкорӣ бо Раҳим Ҳошим тазкираи «Шоирони Тоҷикистон»-ро бо забони русӣ ба нашр расонидааст [48, с. 46]. Чунонки қайд мегардад, «ин асар дар шиносонидани адабиёти тоҷик ба хонандаи хориҷӣ нақши муҳим бозид» [48, с. 47]. Ба назари мо, ин иқдом аҳамияти фарҳангӣ дошта, ба густариши робитаҳои адабӣ ва шинохти адабиёти тоҷик дар муҳити байналмилалӣ мусоидат кардааст.

Соли 1988 Расул Ҳодизода маҷмуаи мақолаҳои илмию тадқиқотӣ, адабию танқидиашро бо номи «Аз Рӯдакӣ то имрӯз» чоп кард, ки таҳқиқотҳои ӯро дар боби масъалаҳои таърихи адабиёт ва вазъи имрӯзаи адабиёти тоҷик, инчунин хотираву лавҳаҳои дӯстгонаи ӯ дар бораи ходимони илму адабиёт фаро мегирад. Ба таъкиди муҳаққиқон, «ин маҷмуа ҷамъбасти марҳилаи муҳими фаъолияти илмии муаллиф ба шумор меравад» [47, с. 222]. Бахши муҳимми китобро тадқиқотҳои ӯ оид ба масъалаҳои таърихи адабиёт,

аз ҷумла чеҳраи ҳунарии Рӯдакӣ, Форобӣ, Абуалӣ Сино, нақши Самарқанд дар адабиёти тоҷик ва масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ташкил медиҳад.

Дар ин маҷмуа чаҳор мақолаи Расул Ҳодизода дар бораи сардафтари назми классикии тоҷик устод Рӯдакӣ фароҳам омадааст, ки ҳарфи тоза дар бораи шоири бузург мебошад. Ҳақ ба ҷониби адабиётшинос Мирзо Муллоаҳмад аст, ки «аз ибтидои фаъолияти адабиётшиносӣ то поёни умр таваҷҷуҳи Ҳодизода ба аҳволу осори Рӯдакӣ устувор боқӣ мондааст» [47, с. 224].

Воқеан ҳам, дар рӯзҳои ҷашни 1100-солагии Рӯдакӣ, замоне ки Расул Ҳодизода ҳанӯз ҷавон буд, ба қавли худаш «дар таҳқиқ ва таҳлили санъати шеъри Рӯдакӣ» мақолаи «Дар бораи санъати назми Рӯдакӣ»-ро эҷод кард ва он дар қатори мақолаҳои донишмандони маъруф Садриддин Айнӣ, А. А. Семёнов, Жилбер Лазар, А. Мирзоев, А. Н. Болдирев ва дигарон дар маҷмуаи «Рӯдакӣ ва замони ӯ» нашр гардид. Ба таъкиди муҳаққиқон, «ин мақола аз нахустин таҳқиқоти илмии мукаммал дар бораи санъати бадеии Рӯдакӣ маҳсуб мешавад» [122, с. 124]. Ин мақола аз аввалин кӯшишҳо дар таҳқиқи санъатҳои бадеии осори шоир ва арзёбии маҳорати ҳунарии ӯ мебошад. Муаллиф хидмати муаллифони «Тарҷумон-ул-балоға», «Ҳадоиқ-ус-сеҳр», «Ал-муъҷам» ва «Маҷмаъ-ус-саноеъ»-ро дар шинохти маҳорати Рӯдакӣ дар корбурди саноеи бадеӣ мушаххас сохта, сипас истифодаи саноеи дигар, аз ҷумла таҷнис, табъин, тафсир, суолу ҷавоб, руҷуъ, ирсолулмасал, иғроқ ва истиораро дар таҷрибаи шоирии Рӯдакӣ арзёбӣ кардааст, ки дар он солҳо дар шинохти ҳунари тасвиргарии шоир «қадами ҷиддӣ ва навоварона» ба шумор мерафт [122, с. 125]. Ӯ дар бораи муҳассаноти шеъри Рӯдакӣ сухан карда, сабаби ҳаяҷонбахшӣ ва таъсирнокии ашъори Рӯдакиро, пеш аз ҳама, дар он медонад, ки шоир «дар тамоми санъати шеърӣ... ҳеҷ гоҳ ба фикрҳои муҷаррад, торик ва образҳои абстрактӣ роҳ надода, ҳамеша ба воқеият, ба ҳаёти зинда мурочиат кардааст» [122, с. 125].

Дар мақолаи дигараш, ки «Сардафтари назми классикии тоҷик устод Рӯдакӣ» унвон дошта, онро низ ба муносибати ҷашни мазкур навиштааст, нахуст замони зиндагии Рӯдакӣ, вазъи иҷтимоиву сиёсии он замон, амну осоише, ки дар замони Сомониён ба вуҷуд омад, равнақи илму адабиёт ва омилҳои таконбахши онро мушаххас намуда, сипас дар бораи зиндагиномаи шоир, бино ё нобино аз модар ба дунё омадан, анвои шеър, ҳунари шоирӣ, мундариҷаи ашъор ва ғайра муфассал сухан кардааст. Чунонки қайд мегардад, «ин таҳқиқ дар солҳои панҷоҳум ҳарфи тоза дар шинохти шахсият ва осори Рӯдакӣ буд» [73, с. 14-28].

Расул Ҳодизода аз зумраи муҳаққиқонест, ки аз оғози фаъолияти илмиашон зарурати ҷустан ва амалӣ кардани консепсияи нави шинохт ва арзёбии масъалаҳои таърихи адабиётро ба миён гузоштаанд. Ба таъкиди муҳаққиқон, «талоши ӯ ба таҳияи консепсияи нав дар адабиётшиносӣ хусусияти барҷастаи фаъолияти ӯст» [47, с. 226], ва ин нияташонро ҳам дар таҳқиқотҳояш амалӣ кардаанд, ҳам андешаҳои назарии худро дар ин боб ба чоп расондаанд, ки мақолаи «Пеш аз Рӯдакӣ» аз ин ҷумла мебошад.

Дар ин мақола вай мулоҳизаҳо ва фарзияҳои илмиашро дар бораи муайян кардани заминаҳо ва марҳилаҳои тараққиёти адабиёти аҳди Сомониён баён карда, аввалин бор масъалаи «дар чор маншаъ ҷустуҷӯй намудан»-и ин равандро пешбинӣ менамояд. Маншаи аввал ба назари ӯ ин аст: «Дар вазъияти забони форсие, ки пеш аз замони Рӯдакӣ вуҷуд дошт ва дар он назми нави дарӣ иншо мешуд» [74, с. 31].. Маншаи дуюм: «Дар намунаҳои аввалини шеъри форсӣ, ки дар замони ҳукмронии забон ва адабиёти араб дар сарзаминҳои нави забтшудаи маҳаллӣ ба вуҷуд омада буд» [74, с. 31]. Маншаи сеюм: «Дар суннатҳои шеъри арабӣ, ки пас аз истилои Эрон, Мовароуннаҳр аз тарафи шоирони эронинажод ба назми арабӣ ворид гардида буд» [74, с. 31].. Маншаи чорум, ба андешаи муҳаққиқ, ин «ба анъана ва мазмунҳои адабии давраи қадим, яъне замони тоисломии халқҳои маҳаллӣ, марбут буда, таъкид мешавад, ки ин унсурҳо ҳатто дар шароити ҳукмронии адабиёти арабӣ низ барқарор мондаанд» [74, с. 31]. Ба назари мо,

чунин бардошт нишон медиҳад, ки равандҳои адабӣ дорои хусусияти пайваста буда, ҳатто дар шароити тағйироти сиёсиву фарҳангӣ низ анъанаҳои бунёдӣ аз байн намераванд, балки дар шаклҳои нав идома меёбанд.

Дар ҳамин замина, муҳаққиқ таърихи адабиёти асри X-ро мавриди таҳлили амиқ қарор дода, саволи муҳиммеро ба миён мегузорад: оё мумкин аст, ки дар зарфи муддати кӯтоҳ забони наве, чун дарии форсии тоҷикӣ, ба вуҷуд омада, ҳамзамон ба низоми мукаммали адабӣ ва илмӣ расида бошад? Ӯ ба ин суол посухи рад дода, таъкид мекунад, ки «чунин равандҳои сифатӣ бидуни заминаҳои миқдорӣ ва таҳаввулоти тадриҷӣ ғайриимконанд» [74, с.30]. Ба назари мо, ин хулоса аҳамияти методологӣ дошта, бар зарурати баррасии таърихии падидаҳои адабӣ дар заминаи инкишофи пайдарпай ишора мекунад.

Муҳаққиқ бо такя ба санадҳои таърихию адабӣ ва осори шоирони давраҳои гуногун исбот менамояд, ки адабиёти асри X дар заминаи холӣ ба вуҷуд наомадааст. Баръакс, он натиҷаи раванди тӯлонии ташаккули таърихию фарҳангӣ мебошад, ки дар асрҳои IX-X ба авҷи худ расидааст. Ба таъкиди ӯ, «ин раванди тадриҷӣ дар асри X ба як ҷаҳиши сифатӣ табдил ёфта, адабиёти пуршукӯҳеро ба вуҷуд овард, ки Рӯдакӣ дар сарогози он қарор дорад» [74, с.39].

Ба назари мо, чунин таҳлил имкон медиҳад, ки ҷойгоҳи адабиёти асри X на танҳо ҳамчун марҳилаи ибтидоӣ, балки ҳамчун натиҷаи мантиқии таҳаввулоти қаблӣ дарк карда шавад. Ин дидгоҳ ҳамзамон нақши Рӯдакиро ҳамчун қуллаи ин раванд на танҳо дар заминаи истеъдоди инфиродӣ, балки дар доираи як муҳити таърихию фарҳангии ташаккулёфта муайян менамояд.

Чунонки ба назар расид, Р. Ҳодизода дар ин гуна мақолаҳо фақат масъалагузорӣ накардааст, балки ба хостаҳои худ ҷавоби бодалел ва саҳеҳ низ додааст. Вале аз тарҳи мушкилоти дар боло зикршуда умед доштааст, ки аҳли илм ин мавзуъро муҳокима мекунанд ва консепсияи ягонаи шинохти заминаҳо ва марҳилаҳои инкишофи давраҳои таърихи адабиёти тоҷик муайян ва мушаххас мегардад, ки мутаассифона, хостаи ӯ ҳанӯз иҷро нашудааст.

Мақолаи дигари ин донишманд, «Рӯдакӣ ва муҳити адабии ӯ», аз лиҳози мазмун ва мавзуъ идомаи мантиқии таҳқиқоти қаблӣ ба шумор меравад. Дар ин асар муҳаққиқ бо таҳлили амиқ нишон медиҳад, ки дар назми асри X ду марҳилаи муҳими рушд вуҷуд доштааст [75, с.53]. Дар заминаи чунин бардошт, ӯ доираи ҳамасрон ва ҳамзамонони Рӯдакиро муайян намуда, ҳамзамон шоиронеро, ки ба муҳити адабии ӯ мансуб нестанд, ҷудо месозад [75, с.53].

Ба назари мо, чунин равиши таҳлил аҳамияти муҳимми методологӣ дорад, зеро он имкон медиҳад, ки муҳити адабӣ ҳамчун як низоми мушаххаси таърихию эстетикӣ баррасӣ гардад, на танҳо маҷмуи номҳои шоирон.

Муайян намудани доираи муҳити адабии Рӯдакӣ ва тафриқаи он аз гуруҳҳои дигар ба шинохти дақиқтари хусусиятҳои назми асри X мусоидат мекунад. Ба назари мо, ин гуна таснифбандӣ барои дарки равандҳои дохилии адабиёт, аз ҷумла таҳаввули сабк, мавзӯъ ва ҷаҳонбинӣ, заминаи устувор фароҳам меорад.

Мақолаи ӯ «Дар тадқиқи осори Рӯдакӣ» ҳамчун яке аз аввалин намунаҳои накди илмии огоҳона ва мустанад дар масъалаи рӯзгор ва осори Рӯдакӣ арзёбӣ мегардад. Дар он осори таҳқиқӣ, намунаҳои нашри мероси шоир ва тарҷумаҳои ашъори ӯ ба забони русӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Доираи баррасии муаллиф фарох буда, таҳқиқот ва нашрҳои марбут ба осори шоирро, ки дар Аврупо, кишварҳои Шуравӣ, Эрон ва Тоҷикистон анҷом шудаанд, дар бар мегирад. Ин мақола то имрӯз низ дар масъалаи таҳияи «матни саҳеҳ ва муътамади илмию интиқодии ашъори Рӯдакӣ» ва «барқарор намудани шеърҳои шоир» [76, с.76] ҳамчун раҳнамо аҳамияти худро нигоҳ доштааст.

Муҳаққиқ дар солҳои баъдӣ низ ба масъалаи таҳия ва такмили осори боқимондаи шоир таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст. Бахусус, пас аз таъсиси «Бунёди Рӯдакӣ» (1999), ки сарварии онро ба уҳда дошт, фаъолияти ӯ дар ин самт густариш ёфт. Ӯ дар мақолаҳо ва мусоҳибаҳои худ, аз ҷумла «Рӯзи

Рӯдакӣ» ва «Рӯзи Рӯдакӣ ва Бунёди Рӯдакӣ», зарурати расман эълон гардидани 22 сентябр ҳамчун «Рӯзи Рӯдакӣ»-ро асоснок карда, барои татбиқи он талошҳои пайгирона анҷом дод. Дар навиштаҳои баъдии худ, аз қабили «Соҳибқирони шоирӣ устод Рӯдакӣ», «Назми фурӯзони Рӯдакӣ», «Аз Рӯдакӣ то Иқбол» ва «Бозсозии намо ва симои Рӯдакӣ мебояд», ки дар рӯзномаҳои «Садои мардум», «Минбари халқ» ва «Ҷумҳурият» нашр шудаанд, масъалаҳои гуногуни марбут ба аҳвол, осор ва бузургдошти шоир баррасӣ гардидаанд. Бо вуҷуди ин, қисме аз пешниҳодҳои ӯ амалӣ нагардиданд.

Саҳми Расул Ҳодизода дар таҳия ва нашри осори Рӯдакӣ назаррас мебошад. Соли 1974 таҳти назари ӯ ва Муҳаммад Нурӣ Усмонов маҷмуаи ашъори шоир дар нашриёти «Ирфон» ба табъ расид. Баъдан, дар остонаи таҷлили 1125-солагии шоир, маҷмуаи «1000 мисраи Рӯдакӣ» дар ҳаммуаллифӣ бо Ансор Афсаҳов нашр гардид. Дар ин китоб ашъор ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ пешниҳод шуда, асосан шеърҳои комили шоирро фаро мегирад. Маҷмуа бо мақолаи муқаддимавии Р. Ҳодизода «Назми ҷовидон фурӯзони Рӯдакӣ» оғоз ёфта, дар он масъалаҳои шуҳрати ҷаҳонии шоир, гирдоварии ашъори пароканда ва зарурати таҳияи матни илмӣ-интиқодӣ баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин, тасҳеҳу тавзеҳоти дар анҷоми китоб овардашуда арзиши илмии онро афзун месозад.

Муҳаққиқ ин равандро идома дода, соли 2008 дар ҳамкорӣ бо Алии Муҳаммадӣ матни интиқодии осори боқимондаи шоирро таҳти унвони «Девони ашъори Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакӣ» ба нашр расонд. Ин кор натиҷаи заҳмати чандсолаи муҳаққиқон буда, бо истифодаи беш аз сад манбаъ анҷом шудааст. Дар муқаддимаи муфассали китоб таърихи гирдоварӣ ва нашри осори Рӯдакӣ баррасӣ гардида, аз саҳми муҳаққиқони пешин, аз ҷумла Ҳ. Эте, устод Айнӣ ва Саид Нафисӣ ёд мешавад. Муаллиф ҳамзамон таъкид мекунад, ки аксари нашрҳо «дар асоси матни Нафисӣ сурат» гирифтаанд. Дар баробари ин, камбудиҳои нашрҳои қаблӣ нишон дода шуда, усули таҳия ва хусусиятҳои нашри нав тавзеҳ ёфтаанд. Аз

вижагиҳои муҳимми ин китоб ҷой доштани бахшҳои «Таълиқот», феҳрастҳо, вожаномаи мухтасар ва «Матни ашъори Рӯдакӣ дар транскрипсия» мебошад.

Расул Ҳодизода аз ҷумлаи адабиётшиносонест, ки ба масъалаҳои назарияи каломи бадеъ, аз ҷумла илми шеър ва санъати мусиқӣ, таваҷҷуҳи пайваста дошт. Дар мақолаҳои «Ақидаҳои эстетикии Форобӣ» ва «Абуалӣ Сино: тақсимоти илм ва фанҳои адабӣ» ӯ андешаҳои Форобӣ ва Ибни Синоро доир ба шеър, ҳунари шоирӣ ва робитаи илм бо улуми адабӣ таҳлил намуда, нақши онҳоро дар ташаккули афкори зебоишинохтии тоҷик муайян месозад. Ба хулосае мерасад, ки «афкори Форобӣ … як тартибу танзими муайяне дорад ва нисбат ба замони худ пешқадам аст» [77, с.90]. Ҳамчунин, таҳқиқоти ӯ доир ба осори Ибни Сино арзиши бунёдӣ дошта, саҳми ӯро дар «ҳудуди тақсимот ва истилоҳоти илмӣ» ва назарияи шеър равшан месозад [78, с.101-102].

Дар баробари ин, муҳаққиқ ба омӯзиши масъалаҳои таърихи адабиёт ва шахсиятҳои фарҳангӣ низ таваҷҷуҳ кардааст. Аз ҷумла, дар мақолаи «Як симои фаромӯшшудаи фарҳангу адаби мо» бори аввал фаъолияти адабӣ ва публитсистии Абдухолиқзода Қуқандбой мавриди баррасӣ қарор гирифта, нақши ӯ дар рушди насри тоҷикӣ, бахусус дар солҳои сиюм, муайян карда мешавад [131, с.37].

Рисолаи «Қиссаи Мансури Ҳаллоҷ» (1998) ба рӯзгор ва шахсияти орифи маъруф Мансури Ҳаллоҷ бахшида шудааст. Муаллиф, бар асоси таҳқиқоти тӯлонӣ, ҳангоми офариниши образи ӯ таъкид менамояд, ки асар бар воқеаҳои мустанади таърихӣ такя дошта, ҳамзамон унсурҳои бадеӣ низ дар он истифода шудаанд. Ба таъкиди худи ӯ, дар ин кор «аз ҳақиқати таърихӣ дур нарафта, кӯшиш шудааст, ки симои шахсият ба таври воқеӣ ва дар айни замон бо тасаввури эҷодӣ бозофарида шавад» [15, с.5].

Рисолаи дигари ӯ «Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик» [16] унвон дошта, ба мавзуи муҳимму мубрами тасаввуф дар таърихи тамаддуни исломӣ ва таъриху фарҳанг ва адабу шеъри форсӣ бахшида шудааст, ки фарогири маълумоти ҷолиб мебошад. Зеро бидуни донистани тасаввуф мо имрӯз

таърих ва асосҳои таҳаввулоти адабиёти форсии тоҷикиро дарк кардан наметавонем. Чунки бе тасаввуф таърихи фалсафа ва таърихи афкори иҷтимоию сиёсии мардуми мо номукаммал мемонанд. Аз ҳамин лиҳоз, омӯхтани тасаввуф ҳам аз ҷиҳати таърихӣ ва ҳам аз ҷиҳати назарӣ барои таҳқиқу баррасии илму фарҳанг ва ба вижа адабиёти бадеии мо дорои аҳаммияти калон мебошад. Маҳз ҳамин омилҳо сабаби таълифи рисолаи мавриди назар мебошанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки «дар тӯли солҳои зиёд ба омӯзиши адабиёти суфия ва ирфонӣ машғул буда, мазомини ирфонӣ ва андешаҳои тасаввуфӣ, инчунин либоси сеҳрангез, пур аз рамзу истиороти осори шуарои мутасаввифа барои ӯ манбаи илҳом ва ғизои фикрӣ гардидаанд» [16, с.5]. Ба назари мо, чунин изҳорот на танҳо аз шавқи шахсӣ, балки аз робитаи амиқи муҳаққиқ бо анъанаи маънавии адабиёти классикӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамзамон, ӯ дар бораи нақши тасаввуф дар тамаддуни исломӣ ва рушди адабиёт ва илми форсу тоҷик маълумоти муҳим пешниҳод намуда, бо хоксорӣ таъкид мекунад, ки «аз осори муҳаққиқони пешин истифода бурдааст, аммо ин истифода «бобаракат» буда, ба нусхабардорӣ асос наёфтааст» [16, с.5]. Ба назари мо, чунин мавқеъ нишон медиҳад, ки муҳаққиқ принсипҳои илмию ахлоқии таҳқиқотро риоя намуда, ба эҷоди кори мустақили илмӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ доштааст.

Дар ин замина, ӯ масъалаҳои марбут ба пайдоиш, маншаъ ва рушди тасаввуфро бо такя ба манобеи гуногун таҳлил намуда, хулосаҳои худро бо далелҳои муътамад асоснок месозад. Дар фасли «Инсони комил ва ахлоқи пок дар тасаввуф» мақом ва ҷойгоҳи инсон дар олами ҳастӣ баррасӣ мегардад. Ба таъкиди муаллиф, «пояҳои асосии тасаввуф бар чор унсур – зуҳд, ишқ, маърифат ва ваҳдати вуҷуд, бунёд ёфтаанд ва «танҳо инсон» қобили расидан ба ин марҳилаҳост» [16, с.135]. Ба назари мо, чунин таъбир инсонро ҳамчун меҳвари низоми маънавии тасаввуф муаррифӣ менамояд.

Аз ин бармеояд, ки дар таълимоти тасаввуф инсон дорои мақоми олӣ буда, расидан ба камолоти маънавӣ на танҳо ба воситаи ибодат, балки

тавассути ахлоқи пок ва худшиносӣ имконпазир аст. Ба назари мо, ин хулоса нишон медиҳад, ки тасаввуф на танҳо ҷараёни фалсафӣ, балки низоми ахлоқии фарогир низ мебошад.

Дар рисолаи «Ҷалолиддини Румӣ» муҳаққиқ ба омӯзиши рӯзгор ва афкори Ҷалолиддини Румӣ мепардозад. Ӯ таъкид мекунад, ки андешаҳои фалсафию ирфонии Мавлоно дар тӯли асрҳо ба мутафаккирони Шарқу Ғарб таъсири амиқ расонидаанд. Ба назари мо, чунин арзёбӣ нишон медиҳад, ки мероси Румӣ дорои хусусияти фаромиллӣ ва умумибашарист.

Мавлоно ҳамчун шоир низ ба рушди адабиёти форсии тоҷикӣ таъсири назаррас гузошта, ба эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ ва Муҳаммад Иқбол таъсир расонидааст. Расул Ҳодизода бо ишора ба фарохии мероси ӯ менависад, ки «Ҷалолиддини Румӣ баҳри беканорест» [19, с.6]. Ба назари мо, ин ташбеҳ амиқии маънавӣ ва бисёрқабатии осори Мавлоноро ба таври рамзӣ ифода мекунад.

Тавре ки ишора шуд, яке аз паҳлуҳои муҳими фаъолияти Расул Ҳодизода эҷодиёти бадеии ӯст. Асари «Парвози Шоҳин», ки аввал ҳамчун очерк ва баъдан дар шакли повест нашр гардид, намунаи равшани пайвастагии таҳқиқи илмӣ ва тасвири бадеӣ мебошад. Ба назари мо, чунин равиш имкон медиҳад, ки воқеияти таърихӣ дар шакли таъсиргузори адабӣ пешниҳод гардад.

Аз оғоз майл ба мавзуъҳои таърихӣ дар эҷодиёти ӯ мушоҳида мешавад, ки ин тамоюл дар мақолаҳои назариявии ӯ низ инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, дар мақолаи «Танқиди адабӣ ва масъалаи бадеияти адабиёт» (1972) дидгоҳҳои ӯ дар бораи насри таърихӣ ба таври муфассал баён гардидаанд [81, с.200-201]. Ба назари мо, ин асар нишон медиҳад, ки муҳаққиқ назария ва амалияро ба ҳам пайвастааст.

Аз ибтидои солҳои шастум Расул Ҳодизода ба эҷоди асарҳои бадеии таърихӣ рӯ оварда, як қатор ҳикояҳо ва қиссаҳоро таълиф мекунад. Романи «Ситорае дар тирашаб» марҳилаи нави фаъолияти адабии ӯро нишон дода, саҳми ӯро дар рушди насри ҳамосии таърихӣ тақвият мебахшад. Идомаи он,

«На ситораҳо мерезанд», низ баҳои баланд гирифта, ҳамчун қуллаи эҷодиёти ӯ арзёбӣ шудааст [55, с.164]. Ба назари мо, ин асарҳо нишон медиҳанд, ки муҳаққиқ тавонистааст таҷрибаи илмии худро дар қолаби бадеӣ низ муваффақона татбиқ намояд.

Дар солҳои охири ҳаёт ӯ ба жанрҳои хотирот ва сафарнома рӯ оварда, асарҳое чун «Самарқанднома», «Самарқандиён чӣ мегӯянд?» ва «Худоё, худро бишносам»-ро таълиф менамояд. Дар ин осор нақши Самарқанд ҳамчун маркази муҳими фарҳангӣ ва адабӣ баррасӣ шудааст. Ба таъкиди А. Қамарзода, ин китобҳо ба муҳити адабӣ, илмӣ ва фарҳангии шаҳр бахшида шудаанд [40, с.101]. Ба назари мо, ин асарҳо на танҳо хотирот, балки як навъ таҳқиқоти фарҳангӣ-таърихӣ низ ба шумор мераванд.

Бо вуҷуди ин, ин асарҳоро на танҳо ҳамчун хотирот, балки ҳамчун таҳқиқоти мустанад ва таҳлилӣ арзёбӣ кардан мумкин аст, зеро дар онҳо масъалаҳои таърихи Самарқанд, ёдгориҳои фарҳангӣ ва нақши шахсиятҳои барҷаста бо далелҳои муътамад баррасӣ шудаанд. Муаллиф ҳамзамон ба давраи Шуравии шаҳр низ таваҷҷуҳ намуда, дар бораи ташаккули матбуоти тоҷикӣ дар Самарқанд, аз ҷумла рӯзномаи «Овози тоҷик» ва маҷаллаи «Бигиз», инчунин фаъолияти нахустини нашриёти давлатӣ маълумоти арзишманд пешниҳод кардааст [40, с.105-106].

Ин осор, ки дар даврахои гуногун таълиф шудаанд, робитаи андешаҳои муаллифро бо гузашта, имрӯз ва ояндаи Самарқанд нишон медиҳанд. Китоби «Самарқанднома», ки бори аввал соли 2002 нашр гардида, баъдан соли 2007 таҷдид шудааст, фарогири маълумоти муфассал дар бораи таърихи шаҳр, ҳамлаҳои аҷнабиён, сохтори шаҳр, ёдгориҳои меъморӣ, муассисаҳои фарҳангӣ ва расму ойини мардуми он мебошад.

Китоби «Самарқанднома», ба таъкиди муҳаққиқи эронӣ Сайид Алӣ Мусавии Гарморудӣ, гарчанде дар зоҳир ба сабки сафарнома таълиф шудааст, аммо доираи мазмунии он аз ин жанр фаротар меравад. Дар он мавридҳое, ки муаллиф хонандаро бо муҳити шаҳр, аз ҷумла кӯчаҳо, гузарҳо, осори меъморӣ ва ҳатто ҳаммомҳои Самарқанд ошно месозад, асар хусусияти

сафарномавӣ дорад. Аммо баррасии воқеаҳои таърихӣ, таҳлили гузаштаи дур ва наздик ва истифода аз андешаҳои сайёҳон, донишмандон ва муаррихон ба он мазмуни фарохтар мебахшад [17, с.7].

Ҳамзамон, аз нигоҳи муҳаққиқ, яке аз вижагиҳои ҷолиби асар шеваи баёни муаллиф мебошад, зеро китоб ба форсии тоҷикӣ таълиф гардидааст [17, с.7].

Худи Расул Ҳодизода низ дар поёни асар таъкид менамояд, ки «онро ба забони форсии тоҷикии Мовароуннаҳр, ҳатто бо унсурҳои лаҳни самарқандӣ, навиштааст ва қасдан аз мутобиқсозии пурра ба меъёрҳои форсии муосири Эрон худдорӣ кардааст. Ин равиш бо ҳадафи шинос намудани хонандаи эронӣ на танҳо бо Самарқанд, балки бо хусусиятҳои забонӣ ва услубии адиби самарқандӣ интихоб гардидааст» [17, с.350]. Аз мазмун ва изҳороти муаллиф бармеояд, ки асар барои доираи васеи хонандагони тоҷику эронӣ таълиф гардида, ҳамзамон ҳадафи муаррифии муҳити фарҳангӣ ва забонии минтақа низ дар он мавқеи муҳим дорад.

Китоби «Самарқанднома» аз «Пешгуфтор» ва бобҳои «Дар кӯчаҳои Самарқанд», «Гузарҳои Самарқанд», «Боғоти Самарқанд», «Осори меъмории таърихӣ», «Мадрасаҳои Самарқанд», «Бозор, корвонсаро, васоили ҳамлу нақл», «Ҳаммомҳои Самарқанд», «Сухане чанд дар поёни сайри Самарқанд», «Вожанома» ва «Симои Самарқанд (тасовир)» иборат буда, ҳар боб чандин фаслро дар бар мегирад. Дар боби аввал, ки фаслҳои «Сароғози таърихи Самарқанд», «Искандари мақдунӣ дар Самарқанд», «Истилои араб ва шуйуъи ислом дар Самарқанд», «Бунёди аввалин давлати исломии мардуми эронинажод дар Самарқанд», «Ҳамлаи муғул ба Самарқанд», «Давраи Темур ва Темуриён», «Тақдири ҳузнангези Самарқанд баъд аз суқути Темуриён», «Самарқанд дар тасарруфи Русия», «Ҳокимияти Шуравӣ дар Самарқанд» ва «Давраи «бозсозии» Самарқанд»-ро фаро мегирад, муаллиф дар бораи таърихи ин шаҳр аз оғоз то ба имрӯз дар асоси манобеи таърихӣ маълумоти муҳим меоварад. Дар бораи Самарқанд китобҳои зиёде навишта шудаанд, вале он чи Расул Ҳодизода дар бораи гузашта ва имрӯзи ин шаҳр овардааст,

ҷомеъ буда, бахусус хонандаи ноогоҳро бо муҳимтарин давраҳои шикасту шукуфоии ин шаҳри қадимаи тоҷикон ошно менамояд.

Ба ин тартиб, муҳаққиқ дар бобҳои баъдии асар дар бораи тарҳу сохтмони гузарҳо, ҳавзҳои гузарҳои Самарқанд, самоворхона, чойхона, чойхонаи сурх, ҳавлиҳо, кӯча ва гузарҳо, гузарҳои кӯчаи Панҷакант, Чорсӯ, масҷиди Хазар, Қушҳавз, дарвозаи Пайқаббоқ, боғоти маҳаллоти шаҳр, осори меъморӣ, аз ҷумла Чӯпонато, расадхонаи Улуғбек, мазори Хоҷа Дониёл пайғамбар, масҷиди Хизр, муҷтамаъи меъмории Шоҳи Зинда, масҷиди ҷомеъ, масҷиди Бибихонум, мадрасаи Хонум, Регистон, мадрасаҳои Улуғбек, Шердор, Тиллокорӣ, Чорсӯ, Руҳобод, мақбараи Амир Темур, Оқсарой, Ишратхона, зиёратгоҳҳои беруни Самарқанд, мақбараи Имом Бухорӣ, мақбара ва масҷиди Хоҷа Аҳрор, мазори Қутби чаҳордаҳум, мазорҳои Хоҷа Абдуи берун ва Хоҷа Абдуи дарун, мақбараи Махдуми Аъзам, мадрасаҳои Самарқанд ва монанди инҳо маълумоти дақиқ меоварад, ки баёнгари таърихи бошукӯҳи гузашта ва имрӯзаи ин шаҳри бостонӣ мебошанд.

Дар фасли «Сарогози таърихи Самарқанд»-и боби аввали китоб аз 2500-солагии Самарқанд, ки соли 1970 ҷашн гирифта шуд, ёд оварда, сипас менависад: «Ҳисоби санаи 2500 сол дар асоси маълумоти маъхази юнонӣ ва маводу ҳафриётҳои Самарқанд муқаррар шудааст. Дар сарчашмаҳои юнонӣ ва дар навиштаҷоти кӯҳи Бесутун сабт шудааст, ки Куруши Кабир соли 539 қабл аз милод баъди аз пой даровардани бобулиён, тамоми қушуни худро барои тасхири Хоразм, Порт, Бохтар ва Суғд ба Осиёи Миёна равона мекунад. Дар ҷангҳои сахт бо бераҳмӣ ва хунрезӣ Куруш ин мулкҳоро забт мекунад, бисёр мардуми маҳаллиро ба қатл мерасонад ва асирони бешуморро ба Эрон мебарад. Дар нақли ин воқеиятҳо дар маъхази юнонӣ ва дар навиштаҷоти кӯҳи Бесутун аз Самарқанд ном бурда намешавад. Аммо бозёфтҳои бостоншиносӣ собит намуд, ки дар он аср пойтахт ва шаҳри калонтарини суғдиён дар Афросиёб воқеъ будааст. Ин ҳамон шаҳри Самарқанд буд, ки муаррихони юнонӣ онро Мароканда номзад кардаанд. Инак, таърихи бинои Самарқанд аз ҳамин аср гирифта шудааст ва аз рӯи

шумори асрҳо ва солҳо дар охири қарни XX аз бунёд ёфтани шаҳри Самарқанд дар Афросиёб ду ҳазору панҷсад сол гузаштааст» [17, с. 20].

Муаллиф дар заминаи санадҳои таърихӣ аз фоҷиаҳое, ки бо сабаби талаву тороҷи аҷнабиён ба сари ин шаҳр ва мардуми он омада буд, бо далелҳои қотеъ сухан ронда, эҳёи онро ба давраи салтанати Темури Курагон мансуб медонад. Маълумоти дар бораи баъди суқути Темур, таҳоҷуми русҳо, каҷдору марезҳои ҳукумати шуравӣ ва давраи «азнавсозӣ»-и Самарқанд овардаи Расул Ҳодизода низ тоза ва муҳим буда, сарнавишти таърихии ин шаҳрро бозгӯӣ менамояд. Он чи муаллиф дар ин боб овардааст, арзиши илмӣ ва фарҳангӣ дошта, муҳимтарин давраҳои таърихи ин шаҳрро дар пеши назари хонанда зинда месозад.

Маълумоте, ки муаллиф дар боби «Гузарҳои Самарқанд» овардааст, таҳқиқоти ҷиддӣ дар бораи ҷузъи таърих ва фарҳанги ин шаҳр мебошад. Таҳқиқоти ӯ аз шарҳи вожаи «гузар» оғоз ёфта, баъдан масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқӣ ва фарҳангии таркиби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва нақши он дар ҳифз ва инкишофи сохтори ягонаи шаҳр ба муҳокима кашида шудааст. Таҳқиқот ва арзёбиҳои Расул Ҳодизода дар бораи боғоти Самарқанд, суннатҳои боғдорӣ ва тағйироту пешомадҳои он низ муҳим ва тоза мебошад. Дар баъзе фаслҳои асар, аз ҷумла «Ба сайри боғоти Самарқанд аз дарвозаи Сӯзангарон то боғоти Равонак» на фақат дар бораи суннатҳои барозандаи боғдорӣ, балки шарҳи маънои топонимикии номи маҳалҳо маълумоти муҳим оварда шудааст, ки далели ҷустуҷӯҳои ҳаматарафаи муаллиф дар ин замина мебошад. Он чи муаллиф дар боби осори меъмории таърихӣ, аз ҷумла таърихи бунёди Чӯпонато, расадхонаи Улуғбек, мазори Хоҷа Дониёл пайғамбар, масҷиди Хизр ва дигар ёдгориҳои меъмории ин шаҳр овардааст, чеҳраи таърихӣ ва фарҳангии дар тули асрҳо доштаи онро зинда месозад.

Расул Ҳодизода дар бахши «Сухане чанд дар поёни сайри Самарқанд» пайванди маънавию фарҳангии худро бо ин шаҳр таъкид намуда, онро бо таърихи тамаддун ва адабиёти форсии тоҷикӣ зич марбут медонад. Ӯ Самарқандро ҳамчун яке аз марказҳои асосии ташаккул ва рушди ин

тамаддун арзёбӣ карда, муносибати шахсии худро бо он ба фаъолияти илмии худ, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи ҳамин мерос бахшида шудааст, пайванд медиҳад [17, с.349]. Ба назари мо, чунин бардошт нишон медиҳад, ки барои муҳаққиқ Самарқанд на танҳо як макони ҷуғрофӣ, балки як фазои маънавию илмӣ ва манбаи худшиносии фарҳангӣ мебошад.

Ин андешаҳо на танҳо баёнгари муҳаббати муаллиф ба Самарқанд, балки инъикосгари мавқеи устувори илмии ӯ дар арзёбии ҷойгоҳи таърихии шаҳр низ мебошанд. Ба таъкиди А. Қамарзода, китоби «Самарқандинома» дорои хусусияти омехтаи илмӣ, таърихӣ, публитсистӣ ва бадеӣ-хотиротӣ буда, барои доираи васеи мутахассисон манбаи муфиди иттилоотӣ маҳсуб мешавад [40, с.122]. Ба назари мо, ҳамин хусусияти синкретикӣ (омехта) арзиши асарро афзун намуда, онро аз доираи як жанри маҳдуд берун мебарорад.

Дар воқеъ, «Самарқандинома»-ро метавон ҳамчун як таҳқиқоти ҷомеи муаллиф арзёбӣ кард, ки дар он масъалаҳои гуногуни забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, таърихнигорӣ, мардумшиносӣ ва дигар соҳаҳо дар иртиботи мутақобил баррасӣ шудаанд. Ба назари мо, чунин фарогирии мавзӯӣ нишон медиҳад, ки муҳаққиқ ба омӯзиши воқеият бо равиши комплексӣ ва байнисоҳаӣ муносибат кардааст.

Китоби дигари ӯ – «Худоё, худро бишносам» – низ аз ҷумлаи таълифоти муҳими давраи охири фаъолияти ӯст. Гарчанде муаллиф онро «хотирот» номидааст, мазмуни он аз доираи ёддоштҳои шахсӣ фаротар меравад ва саҳифаҳои муҳими таърихи замон ва шахсиятҳоро дар бар мегирад [18, с.8]. Ба назари мо, ин асар намунаи равшани пайвастагии таҷрибаи шахсӣ бо таҳлили таърихӣ мебошад.

Мазмуни китоб нишон медиҳад, ки муаллиф воқеиятҳои замонро бо диққат ва таҳлили амиқ дар иртибот бо сарнавишти шахсиятҳо баррасӣ намудааст. Аз ин рӯ, он метавонад ҳамчун манбаи муҳим барои шинохти муҳити адабӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давраи Шуравӣ арзёбӣ гардад. Ба назари

мо, арзиши асосии асар дар он аст, ки он воқеиятро на танҳо нақл, балки таҳлил ва арзёбӣ мекунад.

Ин асар дорои хусусияти таҳқиқию таҳлилӣ буда, дар он унсурҳои хештаннигорӣ, дигарнигорӣ ва вақоёнигорӣ ба ҳам омехтаанд. Дар бисёр мавридҳо хештаннигорӣ мавқеи меҳварӣ касб намуда, муаллиф худро дар маркази воқеият қарор дода, андешаҳои худро бо таҳлили амиқ баён мекунад. Ба назари мо, чунин услуб ба асар хусусияти шахсӣ ва ҳамзамон таҳқиқотӣ мебахшад.

Ҳамзамон, ҳангоми тасвири сарнавишти дигарон усулҳои дигарнигорӣ ва вақоёнигорӣ истифода шуда, тасвири воқеиятро мукаммал мегардонанд. Илова бар ин, китоб маълумоти арзишмандро дар бораи муҳити зиндагӣ ва фаъолияти муаллиф, ҳамзамонон ва шаҳрҳои муҳим, аз ҷумла Самарқанд, Бухоро, Душанбе, Маскав, Тошканд ва Панҷакент дар бар мегирад. Ба назари мо, чунин фарогирии ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ асарро ба манбаи боэътимоди таърихию фарҳангӣ табдил медиҳад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки Расул Ҳодизода ҳамчун адабиётшинос дар таҳқиқ ва арзёбии масъалаҳои таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, зиндагинома ва осори намояндагони он, инчунин масъалаҳои назариявӣ саҳми назаррас гузоштааст. Натиҷаҳои илмии ӯ бо тафаккури амиқ ва нигоҳи таҳлилӣ фарқ намуда, дорои арзиши устувор мебошанд. Ба назари мо, аҳамияти фаъолияти ӯ дар он зоҳир мегардад, ки вай тавонистааст таҳқиқоти илмӣ ва эҷодиёти бадеиро ба ҳам пайваста, як симои мукаммали илмӣ-адабиро ба вуҷуд оварад.

## Боби II. Таҳқиқи мушкилоти таърихи адабиёт ва рӯзгору осори адибон

### 2.1. Назари муҳаққиқ ба масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти гузашта ва муосири тоҷик

Зери роҳбарӣ ва таъсири бевоситаи фаъолияти илмии устод Айнӣ дар солҳои панҷоҳуми асри бист адабиётшиносии тоҷик равиши тоза ва босамари таҳқиқ ва арзёбии масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти тоҷикро пеш гирифт, ки натиҷаҳои он раванди минбаъдаи инкишофи ин соҳаро муайян кард. Расул Ҳодизода аз ҷумлаи муҳаққиқоне буд, ки дар ҳамин давра ба арсаи илм қадам гузошта, бо фаъолияти босамари илмӣ ва ҷустуҷӯҳояшон дар заминаи омӯзиш ва баррасии масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти гузашта ва муосири тоҷик дар ташаккул ва таҳаввули адабиётшиносии муосири тоҷик, аз ҷумла риштаҳои назария ва нақди адабӣ саҳми назаррас гузоштаанд.

Расул Ҳолизода, чунонки худаш таъкид кардааст, «бо тарғиби устод С. Айнӣ дар аввали солҳои 50-ум ба тадқиқи илмии тазкираҳое, ки дар нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX таълиф шудаанд, инчунин ба таҳқиқи дигар маъхазҳои хаттии адабиёти ин давр» [70, с.19] ба ҷустуҷӯҳои илмӣ оғоз карда, дар ин замина таҳқиқоти аввалин ва пурарзишро оид ба соҳаи манбаъшиносӣ анҷом додааст. Ба таҳқиқи илмии ин масъала, бахусус омӯзиши маъхазҳои дастнарасидаи адабӣ машғул шудани ин донишманд сабабу омилҳои ҷиддӣ дошт. Аввалан, дар солҳое, ки баъзе доираҳо ҳуқуқи халқи тоҷикро ба мероси гузаштаи адабию фарҳангӣ инкор мекарданд, таҳқиқ ва арзёбии ин масъала барои шинохт ва барқароркунии ҳувияти фарҳангии тоҷикон аҳаммияти аввалдараҷа дошт, сониян, таҷрибаи муҳаққиқ дар адабиётшиносии шуравии тоҷик равияи нави манбаъшиносӣ ва аз рӯйи сарчашмаҳо ва муқоисаи онҳо бо осори адибони вақт барқарор намудани ҳаёти адабӣ ва ҷараёнҳои инкишофи адабиёти замонҳои мушаххасро фароҳам овард. Ба ин тартиб, рисолаи ӯ «Манбаъҳои омӯзиши адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX» қадами аввал ва ҷиддӣ дар таҳқиқи яке аз

масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик– манбаъшиносӣ ба ҳисоб меравад.

Расул Ҳодизода дар ин таҳқиқот «мазмун ва ҷиҳатҳои муҳимтарини тазкираву сарчашмаҳои хаттӣ»-и нимаи дувуми асри XIX-ро муайян намуда [70, с.19-20], ҳамзамон дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои илмии худ як қатор тазкираҳо ва маъхазҳои дигарро ошкор кардааст, ки то он замон барои адабиётшиносии тоҷик номаълум буда ё кам истифода мешуданд. Ин таҳқиқот бори аввал соли 1956 бо унвони «Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века» ба забони русӣ ба нашр расидааст [170].

Муҳаққиқ ҳамаи маъхазҳо ва сарчашмаҳои хаттии адабиёти нимаи дувуми садаи XIX-ро ба се даста тақсимбандӣ кардда, хусусият ва мундариҷаи ҳар кадомеро дар алоҳидагӣ баррасӣ ва муайян кардааст. Гуруҳи аввал тазкираҳое будаанд, ки дар нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX таълиф шудаанд. Ба мушоҳидаи ӯ, ин тазкираҳо маълумоти асосӣ ва арзишмандро доир ба эҷодиёт ва мероси адабии шоирони он давр фароҳам овардаанд. Дар ин радиф вай аз тазкираҳои Возеҳ, Шаръӣ, Ҳашмат ва Фаҳмӣ, ки дар нимаи дувуми асри XIX эҷод шудаанд, ёд карда, тазкираҳои Афзал, Абдӣ, Мухтарам ва Садри Зиёро намунаҳои аввали ин гуна сарчашма ва таълифот дар асри XX медонад.

Гуруҳи дувуми маъхазҳо, ба андешаи муҳаққиқ, баёзҳои дастнавис мебошанд, ки аз ҷониби дӯстдорони адабиёт, аксаран шахсони гумном, тартиб дода шуда, дар онҳо бе овардани маълумоти тарҷумаиҳолӣ ашъори шоирони ҳамон давра гирдоварӣ гардидааст [70, с.20]. Ба назари ӯ, дар шароите ки девони бисёре аз шоирони ин аср дастрас нест, чунин баёзҳо барои ҷамъоварӣ ва танзими мероси манзум аҳамияти хосса доранд. Аз ин рӯ, муҳаққиқ зарурати омӯзиши онҳоро дар таҳқиқи адабиёти ин давра таъкид менамояд [70, с.20].

Гуруҳи савуми маъхазҳо, ба андешаи ӯ, мусаввадаҳо, хотираҳо ва ёддоштҳои шоирон ва нависандагони ин давраро дар бар мегирад. Дар ин гуна дафтарҳо, ки то замони мо расидаанд, ёддоштҳои шахсӣ, порчаҳои

шеърӣ ва навиштаҳои гуногун гоҳ бо тартиби муайян ва гоҳ пароканда сабт шудаанд. Ба таъкиди муҳаққиқ, чунин дафтарҳоро метавон баёзҳои шахсии мусаввада низ номид [70, с.20]. Аҳамияти онҳо дар он аст, ки имкони ба даст овардани маълумот дар бораи аҳволи муаллифон, такмили мероси адабии онҳо ва муайян кардани сатҳи такомули эҷодӣ ва ҷаҳонбинии онҳо фароҳам меояд [70, с.20].

Дар идомаи таҳқиқот Расул Ҳодизода ду гуруҳи асосии сарчашмаҳои адабии ин давраро баррасӣ намуда, арзиши онҳоро ҳамчун манбаи боэътимоди илмӣ муайян месозад. Ӯ нахуст ба тазкираҳои асрҳои XV-XVIII, аз ҷумла «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, «Тазкира-уш-шуаро»-и Мутрибӣ ва «Музокир-ул-асҳоб»-и Муҳаммад Бадеъ Малеҳои Самарқандӣ ишора намуда, сипас тазкираҳои марбут ба нимаи дувуми асри XIX – асарҳои Возеҳ, Шаръӣ, Ҳашмат, Абдӣ, Афзал, Муҳтарам ва Садри Зиёро мавриди таҳлили муфассал қарор медиҳад.

Ба хулосаи муҳаққиқ, маҷмуи маълумоти ин тазкираҳо барои омӯзиши адабиёти нимаи дувуми асри XIX аҳамияти калон дошта, ҳамзамон онҳо «аз ҳайси сабку услуб намунаи насри бадеии он давр» низ ба шумор мераванд [70, с.22]. Аз ин лиҳоз, омӯзиши ин маъхазҳо имкон медиҳад, ки тасаввуроти илмӣ дар бораи вазъи адабиёти ин давра мукаммалтар гардад [70, с.22].

Дар идомаи ин баҳс Расул Ҳодизода аввал дар бораи тазкираҳои Возеҳ «Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб», Ҳашмат «Тазкират-уш-шуаро» (ду тазкира бо як ном, вале нусхаҳои гуногун), Садри Зиё «Тазкор-ул-ашъор» ва таълифоти дигари ӯ «Шуарои мутааххирин ва фузалои муосирини роқими адим-ул-қадр Зиёи Садр», «Фузалои мутааххирин ва шуарои муосирини роқими адим-ул-қадр Зиёи Садр» (ин ду асар номҳои ягона дошта бошанд ҳам, дигар-дигаранд), «Тарҷумаи ҳоли падари муаллиф «Қозӣ Абдушукури Оят», «Тазкират-ул-ҳумақо», Афзал-махдуми Пирмастӣ «Афзал-ут-тазкор фи зикр-уш-шуаро ва-л-ашъор», Абдӣ «Тазкират-уш-шуарои мутааххирин» ва Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ «Тазкират-уш-шуаро» маълумоти мухтасар оварда, сипас мундариҷа ва мазмуни онҳоро ба таври қиёсӣ таҳлил ва бартарии якеро аз

дигаре нишон медиҳад. Ҳамчунин, муҳаққиқ арзиши ҳар кадоме аз ин тазкираҳоро дар алоқамандӣ бо маълумоти овардаашон барои омӯхтани адабиёти ин давр ба таври мушаххас нишон додааст, ки моҳияти назари ӯро дар шинохт ва арзёбии маъхазҳои давраи мазкур муайян менамояд.

Маъхази дигаре, ки муҳаққиқ дар бораи он баъзе мулоҳизаҳояшро баён доштааст, баёзҳои қаламие будаанд, ки «то замони мо расидааст». Расул Ҳодизода чунин баёзҳоро тавсиф карда, аз ҷумла навиштааст: «Дар захираҳои дастнависи мамлакати мо нусхаҳои зиёди баёзҳо мавҷуданд, ки дар онҳо ашъори шоирони гузашта (махсусан, шоирони асрҳои XV-XIX) ба тартиби гуногун (гоҳо ба тартиби ҳуруфи аввали номи шоир, гоҳ ба тартиби радифи байтҳо ва ғайра) гирд оварда шудаанд. Баёзҳое низ бисёранд, ки дар онҳо аксар ашъори шоирони асри XIX гирд оварда шудааст. Барои ҷамъоварӣ намудани ашъори шоирони асри XVIII ва XIX, ки девонашон то замони мо омада нарасидааст, тадқиқи ин баёзҳо аҳаммияти ниҳоят калон дорад» [70, с.59]. Расул Ҳодизода дар ин поя «ба тарзи ҷиддӣ таҳқиқ» нашудани баёзҳои қаламиро таъкид намуда, аввалин бор худаш ин маъхазҳоро ба тарзи мухтасар тавсиф мекунад. Расул Ҳодизода нахустин бор дар бораи маъхази дигар– дафтарҳои шахсии шоиру нависандагони ин давра маълумот оварда, сипас мундариҷоти ин дафтарҳоро дар боби мероси адабии ҳар як шоир муфассал аз назар мегузаронад.

Чунонки ба гуфта омад, Расул Ҳодизода дар ин таҳқиқоташ аввалин бор маъхазҳои адабиёти нимаи дувуми асри XIX-ро дақиқ баррасӣ ва арзёбӣ карда, аҳаммияти илмии онҳоро муайян кардааст. Ҷустуҷӯҳои дар ин замина анҷомдодаи муҳаққиқ ӯро барои омӯзиши ҳаматарафа ва амиқи таърихи адабиёти асри XIX ва рӯзгору осори адибони маорифпарвари ин давра раҳнамоӣ кард. Дар ин равиш таҳқиқи ҳаёт ва осори Аҳмади Дониш ва адабиёти даврони ӯ машғулияти асосӣ ва якумрии ин донишманд гардид. Адабиётшинос Садрӣ Саъдиев хидматҳои бузурги Расул Ҳодизодаро дар адабиётшиносӣ ва умуман, дар илму фарҳанги тоҷик дар он дидааст, ки «вай ба воситаи тадқиқоти умда ва амиқи худ оид ба рӯзгор ва осори Аҳмади

Дониш ва шоиру нависандагони ҳамзамони ӯ манзараи васеи як давраи том, давраи шукуфон ва бисёр муҳимми таърихи адабиёти тоҷикро равшан намудааст» [61, с.36]. Дар ҳақиқат, ин донишманд дар бораи адабиёти нимаи дувуми асри XIX ва Аҳмади Дониш ғайр аз мақолаҳои зиёд ва китобҳои дарсӣ панҷ рисолаи калон ва китобҳои ҷудогона таълиф намудааст, ки дидгоҳҳои хосси ӯро нисбат ба адабиёти ин давра ифода менамояд. Таҳқиқоти ӯ равиши асосии инкишофи адабиёти маорифпарварии тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX, хусусиятҳои ғоявӣ ва ҳунарии ин адабиёт, нақш ва ҷойгоҳи Аҳмади Дониш дар адабиёти ин давр ва умуман, дар таърихи адабиёти тоҷикро муайян кардаанд, ки мавқеи ӯро ҳамчун донишманди амиқназар ва ҷӯё нишон медиҳад. Мақолаҳои ӯ «Равияи пешқадам дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX» (1955), «Аҳмади Дониш» (1957), «Аҳмади Дониш ва эҷодиёти ӯ» (1957), «Нусхаҳои хаттии тазкираи Возеҳ» (1957), «Дар бораи як устоди Аҳмади Дониш» (1962), «Ҳуҷҷати пураҳаммият аз тарҷумаи ҳоли Дониш» (1966) ва амсоли инҳо собит менамоянд, ки ин донишманд дар шинохт ва арзёбии адабиёти ин давра ва муҳимтарин масъалаҳои он мавқеъ ва назари хос дорад. Мақолаҳои зикршуда имконеро фароҳам оварданд, ки Расул Ҳодизода таҳқиқоти ҷомеъ ва арзишмандро дар ин замина ба вуҷуд оварда, натиҷаи онро дар шакли китобҳои «Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX» (1968) ва «Аҳмади Дониш. Тарҷимаи ҳол ва мероси адабию илмӣ» (1976) ба чоп расонад.

Расул Ҳодизода дар таҳқиқоти «Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX», чунонки худаш таъкид кардааст, «диққати асосиро барои муайян намудани равияи пешқадаме, ки бештар бо пайдоиш ва инкишофи афкори маорифпарварӣ вобаста буд, равона намудем» [70, с. 4]. Дар қисми аввали ин китоб муаллиф дар баробари тавсифи сарчашмаҳо, вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва ҳаёти адабии давр, ҳаёт ва эҷодиёти ду намояндаи адабиёти ин давр – Савдо ва Возеҳро низ таҳқиқ ва арзёбӣ кардааст, ки ҳарфи аввал дар ин боб мебошад.

Дар идомаи баҳс муҳаққиқ масъалаҳои инқирози мафкураи ҳукмрон ва вазъи адабиёти диниву феодалӣ, равияи пешқадам дар адабиёти нимаи дувуми асри XIX, афкори маорифпарварӣ ва адабиёти нимаи дувуми асри XIX, таъсири афкори маорифпарварӣ ба равияи пешқадами адабиёт, яъне адабиёти маорифпарварӣ, паёмади хуби маорифпарварӣ ба сабк ва воситаҳои бадеии адабиёти равияи пешқадам, таъсиргузори эҷодиёти Бедил дар адабиёти ин давр, таърих ва вазъи омӯхта шудани эҷодиёти Савдо, тарҷумаи ҳол, мероси адабӣ, лирика, ҳаҷвия ва мутоибот, вижагиҳои бадеии назм ва насри Савдо, дараҷаи омӯзиши осори Возеҳ, зиндагӣ ва мероси адабии шоир, ашъори лирикӣ, махсусиятҳои бадеӣ ва услуби лирика, сохтори мундариҷавӣ ва ғоявии намунаҳое аз осори ӯро ба муҳокима кашида, назарашро оид ба муҳимтарин масъалаҳои адабиёти ин давра ва эҷодиёти намояндагони он баён намудааст, ки то ӯ ин корро ҳеҷ кас дар ин сатҳу савияи илмӣ анҷом нададааст.

Расул Ҳодизода дар асоси омӯзишу таҳқиқ осори адабии ин давр таъсири эҷодии Бедилро ба ду гуруҳи адибон: – намояндагони адабиёти динию феодалӣ ва шоирони равияи пешқадами адабиёти ин давр бо далелҳои муътамад бозгӯӣ намуда, нуқсони онҳоро воқеъбинона нишон додааст. Бино ба андешаи ӯ, намояндагони адабиёти динию феодалӣ, амсоли Садри Сарир, Сипандӣ, Сират, Бебок ва чанде дигарон дар мазмуну мундариҷа ба ғояҳои динию тасаввуфӣ ва зуҳдпарастонаи Бедил тақлид мекарданд. Онҳо «дар ашъори худ ғояҳои гӯшанишинӣ, дармондагӣ аз лоилоҷӣ, пессимизми диниро тарғиб менамуданд» [70,с.127].

Баръакси ин гуруҳ шоирони равияи пешқадами адабиёт ба эҷодиёти Бедил ва тарзи пайравии онҳо ба сабку услуби ӯ тамоман дигар буд. Зеро намояндагони равияи пешқадам ба услуби Бедил пайравӣ карда бошанд ҳам, дар ин бобат ба пастравии дараҷаи бадеияти назм роҳ надоданд. Зеро «Аксарияти онҳое, ки дар аввали эҷодиёти худ (мисли Савдо, Возеҳ, Шоҳин, Музтариб ва ғайра) тақлиди услуби Бедил мекарданд, дертар бо талқин ё

таъсири ғайримустақими Аҳмади Дониш аз ин роҳ баргаштанд ва сабки соданависиро пеш гирифтанд» [70, с.127].

Қисми дувуми ин таҳқиқот асосан, ба таҳлили эҷодиёти Шоҳин, Аҳмади Дониш ва Ҳайрат бахшида шудааст. Дар боби махсусе муҳаққиқ дар бораи шоироне сухан кардааст, ки эҷодиёти онҳо дар ибтидои асри XX, ҳатто Инқилоби Октябр идома ёфтааст, мисли Тамкин, Мухлис ва дигарон. Ба назари ӯ, ҳарчанд инкишофи эҷодии шоирони мазкур ба аввали асри XX вобаста бошад ҳам, аммо оғози фаъолияти эҷодии онҳо бо давраи инкишофи маорифпарварӣ бевосита алоқаманд мебошад. Дар ин замина, муаллиф таъсири намоёни афкору андешаи маорифпарвариро ба давраи сонии эҷодиёти шоирони зикршуда нишон додааст.

Дар фасли махсуси қисми дувуми ин таҳқиқот Расул Ҳодизода дар бораи доираҳои адабии берун аз Бухоро, аз ҷумла ҳаёти адабии Бадахшон, Самарқанд, ноҳияҳои кӯҳии аморати Бухоро ва хусусиятҳои эҷодиёти намояндагони доираҳои адабии ёдшуда сухан карда, дар анҷоми қисми дувуми таҳқиқот муаллиф масъалаи таъсири равияи пешқадам ва афкори маорифпарварии адабиёти ин аҳдро ба муҳити адабии аввали асри XX муфассал баррасӣ намуда, омилҳо ва заминаҳои инкишофи ин ҷараёни адабиро муайян ва мушаххас кардааст.

Ба ҳамин тартиб, Расул Ҳодизода аввалин қадами ҷиддиашро дар таҳқиқ ва арзёбии илмии адабиёти тоҷик аз баррасии адабиёти нимаи дувуми асри XIX ва ҳаёту эҷодиёти намояндагони он сар карда, баъдан масъалаҳои гуногуни назарӣ ва амалии таърихи адабиёти гузашта ва муосири тоҷик, аз қабили муаммоҳои таърихи адабиёти гузаштаву имрӯза, аз ҷумла ҳаёт ва эҷодиёти намояндагони давраҳои гуногуни адабиёти классикӣ, мушкилоти реализм ва романтизм, анъана ва навоварӣ, забон ва услуби осори бадеӣ ва амсоли онҳоро ба муҳокимаи амиқи илмӣ кашидааст. Аз ҷумла, яке аз корҳои ҷиддие, ки вай дар ин замина анҷом дод, таълифи рисолаи «Аҳмади Дониш. Тарҷумаи ҳол ва мероси адабию илмӣ» [11] мебошад.

Дар ин рисола муҳаққиқ аввалин бор доир ба рӯзгори ибратбахши Аҳмади Дониш, вазъи оилавӣ, ташаккули шахсияти ӯ, машғулиятҳои шабонарӯзӣ, нависандагиву хаттотӣ, рассомӣ, муоинаҳои ситорашиносӣ, сафарҳояш ба Русия, таъсири фарҳанги рус ба афкору андеша ва эҷоди ӯ ва ниҳоят, мақоми маънавӣ, адабӣ ва иҷтимоии вай дар аморати Бухоро андеша ронда, чеҳраи ҷомеи адабию илмӣ ва фарҳангии ин мутафаккирро мушаххас намудааст. Расул Ҳодизода дар китоби мазкур дар баробари масъалаҳои фавқуззикр, оид ба вазъи сиёсиву иҷтимоии замони зиндагии Аҳмади Дониш мулоҳизаҳояшро баён намуда, дар ин асос шарҳи ҳоли пурраи ӯро ба вуҷуд овардааст. Дигар аз паҳлуҳои ҷустуҷӯи илмии Расул Ҳодизодаро «тавсифи ҳар чи тамомтари мероси илмию адабии Аҳмади Дониш» [11, с.6] мушаххас менамояд, ки бо дастрасии муаллиф ба нусхаҳои хаттии осори ӯ шакл гирифтааст. Муҳаққиқ дар вақти шарҳу баёни мундариҷаи осори илмӣ ва адабии Аҳмади Дониш бештар ба арзёбии паҳлуҳои пешқадами он эътибор додааст. Ду асари арзишманди ин мутафаккир «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Рисолаи таърихӣ»-ро Расул Ҳодизода дар бобҳои алоҳидаи ин рисола таҳлил ва арзёбӣ карда, масъалаҳоеро, ки то замони ӯ аз тарафи муҳаққиқон ҳанӯз омӯхта нашуда буданд, ба баҳсу муҳокима кашидааст.

Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Аълохон Афсаҳзод ин рисолаи Расул Ҳодизодаро «бештар ба қиссаи ҳуҷҷатӣ монанд» [25, с.19] кардааст, ки то андозае саҳеҳ менамояд. Зеро ин таълифот хусусияти жанри қиссаи бадеии ҳуҷҷатиро дорад ва асоси оморию ҳуҷҷатии он устувор аст. Масалан, муҳаққиқ пеш аз он ки мероси адабию илмии Аҳмади Донишро ба таври мукаммал тавсиф кунад, қабл аз он ки дар бораи нусхаҳои вуҷуддоштаи асарҳои ӯ маълумот диҳад, вазъияти омӯхта шудани осори мутафаккиро пешниҳод менамояд ва хусусиятҳои асосии ин осорро ҳамчун таълифоти бадеиву адабӣ муайян менамояд. Илова ба ин, ба сабаби он ки мазмуну мундариҷаи дафтарҳои мусаввадаи Аҳмади Дониш то он рӯз аз назари донишмандон пинҳон мондааст, мухтасаран мухтассоти мундариҷаи ин

дафтарҳоро бо роҳи муқоиса баррасӣ менамояд, ки асоси илмии қавӣ ва бебаҳс дорад.

Паҳлуи дигари бунёди илмии ин асарро ҷустуҷӯҳои муҳаққиқ дар заминаи замони зиндагии Аҳмади Дониш, рӯзгор ва мероси адабии ӯ, осори назмӣ ва насрӣ, мундариҷа ва мавзуву ғояи «Наводир-ул-вақоеъ», сохтори мундариҷавӣ ва бадеии асари мавриди назар, равобити адиб бо пешгузаштагонаш ва «Рисолаи таърихӣ»-и Аҳмади Дониш муайян менамояд, ки бо усули илмии қиёсӣ анҷом гирифта, мушкилоти зиёди замон ва ҳаёту эҷодиёти ин нависандаро дақиқ ҳаллу фасл намудааст.

Асоси андешаву орои Расул Ҳодизодаро дар ин рисола мубориза беамони Дониш бо амиру атрофиёни вай, дарду ранҷи ӯ аз вазъи замон ва ниҳоят, заминаи маънавӣ, асоси мардумӣ, сиришти инсонпарварӣ ва равиши ҳадафманди таълимоти ин мутафаккир ташкил мекунад. Ҷустуҷӯҳои ин донишманд собит кардааст, ки робитаи Аҳмади Дониш бо муҳит ва муосиронаш табиӣ ва мақсаднок буда, ба андешаю орои ӯ дар шинохти воқеияти сиёсиву иҷтимоии аморат таъсиргузор будааст. Аз мазмуни ин рисола бармеояд, ки шогирдон, пайравон, хайрхоҳон ва ситамкашон қувваҳои зидди аморат буда, дар интишори афкори пешқадами Аҳмади Дониш ёрӣ мерасонанд. Аз матни рисола бармеояд, ки Аҳмади Дониш мутафаккирест, ки бо андеша ва орои хос ва салим дар бораи иллатҳои ҷомеа андеша ронда, масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро бо ҳадафи дигар кардани авзои ҷомеаи онрӯзаи Бухоро ва мавқеи маънавии инсони равшанбин ба миён гузоштааст. Дар заминаи таҳқиқ ва афкору андешаи Расул Ҳодизода метавон хулоса кард, ки Аҳмади Дониш шахсиятест, ки сабаби мавҷудияти он ҳама мушкилоту бадбахтиҳо, тангназариву ҷаҳолат ва ақибмониро дар сохти асримиёнагии низоми давлатдории Бухоро, муҳити тангу дилфишори он мебинад. Ба ин далел, ин шахсияти ислоҳотҷӯ бо тамоми ҷуръат амиру амалдорон, аҳли шаръ ва оқибатҳои ногувори бемориҳои иҷтимоии муҳити мустабиди амир ва мансабдорони ӯро фош намуда, на фақат бо ҳамлаҳои паёпай худ ба он кохи истибдод рахна мезанад,

балки бо мантиқи комил ба хулосае меояд, ки асосҳои он сохт ва давлатдориро мебояд аз ҳам пошид ва дар харобаҳои он ҷамъияти ислоҳпазируфтаи маорифбунёде бунёд кард, ки адлу инсоф ва тараққиву равнақ аркони мавҷудияти он қарор гиранд. Дар таҳлилу тафсири муҳаққиқ осори Аҳмади Дониш, бахусус, «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Рисолаи таърихӣ»-и ӯ як навъ қиёми руҳи озод ва ақли солим бар зидди муҳити мустабид ва ҳукмронии ҷоҳилонаи амирони манғитӣ таъбир шудааст.

Масъалаҳои муҳимми адабиёти гузашта ва муосири тоҷик дар тули солҳо ҳамеша мавриди назар ва таҳқиқу баррасии Расул Ҳодизода қарор доштааст. Яъне, фарогирии ин мавзуъ дар таҷрибаи илмии ӯ аввалан, маҳдуд ба давраи муайян набуда, сониян, масъалаҳои назарӣ ва амалии таърихи адабиёт, ҳаёт ва осори намояндагони давраҳои гуногунро дар бар мегирад. Дар ин замина, ҷустуҷӯҳои ӯ дар таълиф ва нашри чанд ҷилди очеркҳои таърихи адабиёти давраҳои гуногун қобили мулоҳиза мебошад.

Расул Ҳодизода, ба хулосаи саҳеҳи шогирдаш Садрӣ Саъдиев, «чун сару сарвари мутахассисони соҳаи адабиёти классикии тоҷик» дар роҳи «ба вуҷуд овардани таърихи илмии бисёрҷилдаи ин адабиёт» [61, с.37] саҳми бузург гузошта, на фақат ба нашри мероси гузаштагон мусоидат намудааст, балки равиши илмии таҳқиқи ин осорро низ вазъ намуд, ки дидгоҳҳои назариву амалӣ, хусусиятҳо ва тарзи ҷустуҷӯҳои илмии ӯро мушаххас месозанд. Силсилаи очеркҳо аз таърихи адабиёти тоҷик на танҳо зери раҳбарӣ ва таҳрири умумии Расул Ҳодизода ба чоп расидаанд, балки баъзе қисматҳои ин китоб бо иштироки бевоситаи ӯ таълиф шудаанд. Аз ҷумла, бобҳои дуюм ва шашуми китоби якуми очеркҳои адабиёти асрҳои XII-XIV-ро ӯ таълиф намудааст. Дар ин китоб ин донишманд бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик девонҳои Анварӣ, Заҳири Форёбӣ, Муиззӣ, Асирии Ахсикатӣ, Рашиди Ватвотро таҳқиқ ва арзёбӣ карда, очеркҳои ҳаёт ва эҷодиёти онҳоро ба вуҷуд овард, ки дар савияи баланди илмию назариявӣ ва талаботи имрӯзаи адабиётшиносӣ навишта шудаанд. Ба мушоҳидаи Садрӣ Саъдиев, «Бо вуҷуди он ки ин очеркҳо дар муддати хеле кӯтоҳ бо девкории ба Р. Ҳодизода хос

таълиф гардида буданд, дар гузориш ва ҳалли масъалаҳои умдаи тоза, сатҳи баланди таҳлили осори сухансароёни мазкур онҳо бар тамоми навиштаҳои адабиётшиносони Эрон ва шарқшиносони аврупоӣ роҷеъ ба шоирони мавриди таҳқиқ дар китоби таърихи адабиёт имтиёз пайдо намудаанд» [61, с.38]. Воқеан ҳам, муҳаққиқ дар онҳо ба дарёфти баъзе нуқтаҳои муҳим оид ба инкишофи адабиёти давр, мухтассоти эҷодиёти адибон, аз қабили ба мустақилият ва озодии шахсӣ даст ёфтани шоирони қасидасарои асри XII ва ба дарбори ҳукмрони муайян вобаста набудани бештарини онҳо, таъсири судманди ин ҳодиса дар ғанӣ гардидани мундариҷаи қасида бо мазмунҳои ғайримадеҳавию ҳаётӣ муваффақ гардидааст, ки аз ҷумлаи тозакориҳои ӯ дар шинохти масъалаҳои муҳимми адабӣ дар он солҳо ба шумор меравад.

Расул Ҳодизода дар боби дувуми китоби «Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV» роҷеъ ба масъалаи вазъияти иҷтимоиву сиёсӣ, илмию адабӣ ва рушду такомули адабиёти асри XII ва таҳлили эҷодиёти намояндагони ҷудогонаи он, аз ҷумла Муиззӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Рашиди Ватвот, Асириддини Ахсикатӣ, Сайфи Исфарангӣ, Заҳири Форёбӣ ва Анварӣ ва асрҳои XIII-XIV таҳқиқоти ҷомеъро анҷом додааст. Тозагии назар ва диди моҳиятҷӯи муҳаққиқ, пеш аз ҳама, дар омӯзиш ва шинохту арзёбии вазъи иҷтимоии давраи салҷуқиҳо ва таъсиргузории он ба адабиёт ва эҷодиёти шоирони давр ошкор мегардад. Ба мушоҳидаи ӯ, равияи таъсиргузор дар адабиёти ин давра, ки зери қудрати Салҷуқиён шакл гирифтааст, нуфузи назми дарборӣ ва шеъри мадеҳавӣ мебошад. Ин равияи умумиро муҳаққиқ фақат ба майлу хоҳиши худи шоирон вобаста намедонад, балки онро тазоҳуроти сиёсате медонад, ки «ҳукмронҳои салҷуқӣ ва ашрофи маҳаллӣ дар соҳаи маданият ҷорӣ менамуданд» [28, с. 40]. Барои таъйиди ин андеша, ки дар адабиётшиносии он солҳо диди нав буд, Расул Ҳодизода санади мушаххас меоварад, ки андешаи зерини ӯст: «Ҳукмронҳои салҷуқӣ на танҳо аз қувваи назм, балки аз дониши дипломатӣ ва қобилияти сиёсатмадории шоирони дарбори худ низ ҳамоно истифода мебурданд. Маълум аст, ки Санҷар шоири номии дарбори худ Адиб Собири Тирмизиро барои муътадил

кардани муносибатҳои сиёсӣ ба дарбори Отсиз (эҳтимол ба сифати сафири ғайрирасмӣ бошад) фиристода буд. Ин хидмати давлатӣ барои шоир ба як тарзи фаҷеъ анҷом ёфт: Отсиз Адиб Собирро ба туҳмати ҷосусӣ ба оби Аму партофта кушт» [28, с. 41].

Ҳамин тавр, муҳаққиқ омилҳо ва заминаҳои маҳдудияти доираи мавзуоти эҷодиёти шоиронро ба сиёсати ҳокимони салҷуқӣ алоқаманд медонад. Ба андешаи ӯ, гарчанде дар қасоид шикоят ва таъризу киноя бештар хусусияти шахсӣ доштаанд, вале ҳамин унсурҳо нишонаи тозагӣ ва озодии нисбии шоирон низ мебошанд, ки воқеияти ҳаёти адабии он давраро инъикос мекунанд. Ба назари мо, чунин бардошт имкон медиҳад, ки ҳатто дар доираи маҳдудиятҳои сиёсӣ низ унсурҳои худогоҳии эҷодӣ ва тамоюли интиқодӣ дар адабиёт ошкор карда шаванд.

Муҳаққиқ дар идомаи баҳс яке аз омилҳои муҳими рушди адабиётро «аз байн рафтани давлати мутамаркази Салҷуқиён» [28, с.41] мешуморад. Дар натиҷаи ин раванд, доираи мавзуъҳои адабӣ васеъ гардида, мазмун ва ғояи назм амиқтар мешавад. Ба андешаи мо, ин хулоса аҳамияти назариявӣ дошта, робитаи мустақими тағйироти сиёсӣ ва рушди адабиро ба таври муътамад нишон медиҳад.

Расул Ҳодизода дар асоси таҳқиқи ашъори ин давра таъкид мекунад, ки озодии нисбии шоирон ба ғанӣ гардидани мазмун ва густариши доираи мавзуъҳо мусоидат намудааст. Ӯ менависад, ки «Назми мадеҳавӣ … ба воситаи мафҳумҳои илмӣ-фалсафӣ бой шуд» ва шоирон дар баробари мадҳ, масъалаҳои муҳими илмӣ ва андешаҳои фалсафии худро низ баён мекарданд [28, с.42]. Ба назари мо, ин ҳолат нишон медиҳад, ки ҳатто жанри анъанавии мадеҳавӣ низ дар ин давра аз доираи маъмулӣ берун рафта, хусусияти маърифатӣ ва фикрии нав пайдо кардааст.

Муҳаққиқ ҳамчунин яке аз вижагиҳои муҳими адабиёти ин давраро дар густариши унсури танқид мебинад. Ба гуфтаи ӯ, «дар ашъори баъзе шоирон танқиди замон, уламои расмӣ ва ҳатто нобаробариҳои иҷтимоӣ ба таври равшан инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, мазаммати шеъру шоирӣ дар Анварӣ ва

дилсардии Заҳири Форёбӣ аз қасидасароӣ ҳамчун тазоҳуроти нафрати умумӣ нисбат ба назми мадеҳавӣ маънидод мешаванд» [28, с.42]. Ба андешаи мо, чунин таҳлил нишон медиҳад, ки дар зери қолаби анъанавии адабӣ низ равандҳои пинҳонии интиқоди иҷтимоӣ ва тағйироти фикрӣ шакл мегирифтанд. Масъалаи муҳимми дигаре, ки муҳаққиқ дар адабиёти ин давра ба мушоҳида гирифтааст, дар эҷодиёти шоирон мавқеъ пайдо кардани мавзуи ахлоқ мебошад. Ин мавзуъ, ба мушоҳидаи ин донишманд дар қасида, қитъаҳои ҷудогона ба василаи байтҳои ҳикматнок ё бо овардани масал ва ҳикояҳои хурд ифода ёфтааст. Ӯ намунаҳои беҳтарини фикрҳои ахлоқиро дар ашъори Анварӣ ба мушоҳида гирифтааст.

Расул Ҳодизода дигар масъалаҳои муҳимми адабиёти ин давра, аз ҷумла таҳаввули мавзуи лирикӣ, ривоҷи таълимот ва ғояи тасаввуф, ташаккули адабиёти илмӣ ва насри бадеӣ ва мухтассоти ҳунарии намояндагони адабиёти асри XII Муиззӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Рашидаддини Ватвот, Асириддини Ахсикатӣ, Сайфи Исфарангӣ, Заҳири Форёбӣ ва Анвариро муфассал таҳлил ва арзёбӣ карда, ба ин васила тамоюлҳои асосии инкишофи адабиёти асри XII-ро муайян намудааст.

Таҳқиқоти Расул Ҳодизода роҷеъ ба адабиёти асри XIII ва аввали садаи XIV низ масъалаҳои муҳимми адабиёти ин давр, ба монанди вазъи сиёсию иҷтимоии Осиёи Миёна ва Эрон пас аз ҳамлаи Чингиз, таъсири ҳамлаи муғул ба ҳаёти адабӣ ва фарҳангии Осиёи Миёнаву Эрон, адабиёти таърихии асрҳои XIII ва аввали асри XIV, вазъи илм ва санъат, ҳаёти адабии асрҳои XIII-XIV ва тамоюлҳои инкишофи онро дарбар мегирад, ки дар вақташ ҳарфи тоза, пурмуҳтаво ва масъалагузор дар боби адабиёти ин давр ба шумор мерафт.

Расул Ҳодизода дар баробари таҳқиқи масъалаҳои куллии таърихи адабиёти форсу тоҷик, ба омӯзиш ва арзёбии ҷузъиёти ин мавзуъ низ дар тули фаъолияти эҷодиаш ҳамеша машғул будааст, ки марбут ба адабиёти гузаштаву имрӯзаи тоҷик мебошад. Дар ин замина, вай як силсила мақолаҳои масъалагузор навиштааст, ки масъалаҳои гуногуни ҳаёти адабӣ ва аҳволу

осори адибони асрҳои гуногунро дарбар мегиранд. Афзалияти ин гуна таълифоти донишманд аз он иборат аст, ки дар ҳар мақола масъалаи муҳимме оид ба адабиёти гузашта ё имрӯз ба муҳокима кашида шуда, дар ин замина натиҷагириҳои судманд ҳосил шудааст.

Расул Ҳодизода дар бисёре аз мақолаҳояш масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи тоҷикон ба мероси адабию фарҳангӣ, нақш ва ҷойгоҳи ин ё он шоир дар таърихи адабиёт, мушкилоти зебоишиносӣ, тақсимоти илм ва фанҳои адабӣ, мақоми баъзе шаҳрҳо дар таърихи адабиёт ва фарҳанги тоҷик ва монанди инҳоро бо назари нав ва моҳиятҷӯёна баррасӣ ва арзёбӣ намудааст, ки бо гузашти замон масъалаҳои ба миён гузоштаи муаллиф куҳна намешавад.

Яке аз ҳамина гуна мақолаҳои Расул Ҳодизода «Шуҳрати ҷаҳонии адабиёти тоҷик» мебошад, ки муаллиф масъалаи ҳифзи ҳуқуқи таърихии тоҷикон ва пайванди меросии миллат ба мероси адабию фарҳангӣ ва мавқеи адабиёти тоҷикро дар «арсаи маданият ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ» [72, с.3] дар сатҳи ҷаҳонӣ ба миён гузоштааст. Муҳаққиқ барои таъйиди назари худ оид ба масъалаҳои зикршуда, пеш аз ҳама, ба андешаҳои шахсиятҳои машҳур, аз ҷумла Парвиз Нотили Хонларӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Бадрӣ Отабой, Иржи Бечка, Юлиус Фучик, Алфред Курелла ва дигарон такя карда, нақш ва ҷойгоҳи адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ ва намояндагони машҳури онро дар тамаддуни ҷаҳонӣ муайян ва мушаххас намудааст.

Аксари мақолаҳое, ки Расул Ҳодизода дар солҳои гуногун таълиф ва чоп кардааст, масъалагузор (проблемавӣ) буда, мушкилоти муҳимми адабиёт ва осори шоирони давраҳои гуногунро матраҳ кардаанд. Мақолаи «Пеш аз Рӯдакӣ», ки муаллиф дар поёни сарлавҳа ва қавсайн ба он «Мулоҳиза ва чанд фарзияҳои илмӣ» ном гузоштааст, аз ҳамин гуна таълифоти муҳаққиқ мебошад. Вай нахуст заминаҳои таърихии адабиёти бузургеро, ки дар охири асри IX ва аввали асри X дар Осиёи Миёна ва Хуросон равнақу ривоҷ ёфт, дар заминаи далелҳо муайян менамояд, ки дар ин хусус дар фасли дуюми боби аввал изҳори назар шудааст.

Муҳаққиқ дар идомаи мақола заминаҳо ва маншаъҳои пайдоиш ва инкишофи адабиёти форсии тоҷикиро ба таври муфассал баррасӣ намуда, ба хулосае мерасад, ки адабиёти шукуфони асрҳои IX-X натиҷаи як раванди тадриҷии таърихӣ мебошад. Ба таъкиди ӯ, «ин раванд дар асри X ба марҳилаи авҷи худ расида, адабиёти пуршукӯҳеро ба вуҷуд овард, ки дар сароғози он Рӯдакӣ ҳамчун қуллаи баланд қарор дошт» [74, с.39]. Ба назари мо, ин бардошт аҳамияти муҳимми назариявӣ дошта, бар он ишора мекунад, ки зуҳури адабиёти классикӣ на натиҷаи якбора, балки маҳсули таҳаввулоти пайдарпайи таърихию фарҳангӣ мебошад.

Дар мақолаи «Рӯдакӣ ва муҳити адабии ӯ» муҳаққиқ кӯшиш кардааст, бо дур шудан аз усули маъмули даврабандии адабиёт, ки дар адабиётшиносии шуравӣ роиҷ буд, муҳити адабии асри X-ро бо назардошти омилҳои фарогиртар муайян намояд. Ӯ ду марҳилаи муҳими назми ин давра, доираи ҳамасрон ва муҳити адабии Рӯдакиро дар иртибот бо мафҳумҳои замон, макон ва хусусиятҳои бадеиву эстетикӣ баррасӣ мекунад. Ба таъкиди ӯ, «ҳамин омилҳо шоиронро на танҳо аз ҷиҳати замонӣ, балки аз лиҳози сабк, услуб ва мазмуну ғоя ба ҳам мепайванданд» [75, с.44-45].

Ба назари мо, чунин равиш як қадами муҳим дар таҳаввули методологияи адабиётшиносӣ ба шумор меравад, зеро он имкон медиҳад, ки муҳити адабӣ ҳамчун як низоми мураккаби робитаҳои эҷодӣ ва эстетикӣ дарк гардад. Бо вуҷуди навоварӣ ва аҳамияти илмии ин пешниҳод, он дар адабиётшиносии минбаъда ба таври кофӣ пайгирӣ нашудааст, ки худ нишондиҳандаи пешқадам будани дидгоҳи муҳаққиқ мебошад.

Доираи таҳқиқоти Расул Ҳодизода дар ин замина фарохтар буда, масъалаҳои адабию эстетикӣ ва фаъолияти илмии баъзе шахсиятҳоро низ дар бар мегирад. Дар ин равиш мақолаҳои ӯ «Ақидаҳои эстетикии Форобӣ» ва «Абуалӣ Сино: тақсимоти илм ва фанҳои адабӣ» дар шинохт ва арзёбии андешаҳои эстетикии Форобӣ ва равиши тақсимбандии илм ва фанҳои адабӣ аз тарафи Абуалӣ Сино муҳим ва арзишманд мебошад. Мақолаҳои ӯ «Мақоми Самарқанд дар адабиёти тоҷик» ва «Масъалаҳои таърихи адабиёти

тоҷик дар «Намунаи адабиёти тоҷик» низ бо гузориши масъалаҳои муҳимми ҳаёти адабию фарҳангии тоҷикон баёнгари назари фарох ва моҳиятҷӯи муҳаққиқ дар шинохти масъалаҳои сарнавиштсози ҳаёти адабӣ ва фарҳангии тоҷикон мебошад.

Доираи таҳқиқоти ин донишманд дар боби таърихи адабиёти гузашта ва осори шоирони классик васеъ буда, мо дар ин фасл имкони баррасии ҳамаи онҳоро надорем. Вале мурӯре, ки дар ин боб анҷом гирифт, баёнгари назари тоза ва моҳиятҷӯи муҳаққиқ дар роҳи ҷустуҷӯ ва арзишдорӣ дар ин боб мебошад.

Паҳлуи дигари ҷустуҷӯҳои ӯро дар ин замина дидгоҳҳои касбии ӯ оид ба масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти муосири тоҷик муайян менамояд, ки мушкилоти назарӣ ва амалии адабиётшиносӣ ва нақди адабиро дар бар мегирад.

Расул Ҳодизода охири солҳои панҷоҳуми садаи бист дар баробари омӯзиши масъалаҳои таърихи адабиёти гузашта, ба таҳқиқ ва баёни андеша доир ба мушкилоти адабиёти имрӯз, аз ҷумла насри муосир ва нақди адабӣ машғул мешавад. Гоҳо дар пленумҳои Правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон суханронӣ карда, баъдан матни онро дар шакли мақола чоп мекунад. Аз ҷумла, мақолаи «Дар бораи эҷодиёти нависандагони ҷавон» матни яке аз ҳамин гуна суханрониҳост, ки баъзе масъалаҳои муҳимми ҳаёти адабиро ба муҳокима кашидааст.

Муҳаққиқ бо таҳқиқи қиёсӣ пешрафти эҷодиёти шоир ва нависандагони солҳои 1945-1946-ро «нисбат ба синну сол ва таҷрибаи адабии онҳо ҳайратовар» шинохта, дар ин замина ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо ва Файзулло Ансориро нақд мекунад. Ба андешаи Расул Ҳодизода, шеъри ин се шоир хусусиятҳои хоси фарққунанда дошта, чеҳраи ҳунарии онҳоро мушаххас месозад. Ба назари ин донишманд, шеъри Аминҷон Шукӯҳӣ «як лирикаи латифе»-ст, ки «эҳсоси шоир аз ҳар як воқеаи ҳаёти мо касб мекунад, лирикае, ки гоҳо хеле шахсӣ намояд ҳам, аммо асосан, аз дарк намудани воқеияти мо ва инъикоси он дар ҳиссиёти шоир пайдо шудааст,

хуллас лирикае, ки монанди зебоии ҳаёти мо зарофат дорад» [79, с.142]. Муҳаққиқ ҳунари Ғаффор Мирзоро дар тобишҳои гуногуни инъикоси воқеият дида, ҷанбаи граждани̇̄ ва ошиқонаро аз мухтассоти эҷодиёти ӯ таъбир мекунад. Дар шинохти ӯ, шеърҳои Файзулло Ансорӣ «бо хушоҳангӣ, равонии худ» [79, с.142] тафовут доранд.

Муҳаққиқ баъд аз ба ин тарз мушаххас намудани хусусиятҳои ҳунари шоирии ин се шоир ба таҳлили «мазмуни ғоявии» осори онҳо мегузарад ва зери таъсири накди идеологии солҳои панҷоҳуми садаи гузашта сохтори мундариҷавию ғоявии ашъори онҳоро таҳлил мекунад, ки бештар ҳадафҳои сиёсати давлати Шуравиро ифода менамояд. Ҳамчунин, дар ин мақола намунаҳои адабиёти бачагонаи дар ин солҳо нашршудаи шоиру нависандагон Толис, Абдумалик Баҳорӣ, Аъзам Сидқӣ, Акобир Шарифӣ, Гулчеҳра Сулаймонӣ, Мустафо Шарқӣ ва дигарон муфассал таҳлил шуда, муҳаққиқ аз арзёбии ҷанбаи ҳунарии осори онҳо фосила гирифтааст.

Мақолаи муҳаққиқ «Ҳаётро мукаммалтар ва амиқтар нишон диҳем» низ матни нутқест, ки вай дар Пленуми 3-юми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар соли 1961 эрод кардааст. Ин мақола низ ҷанбаи амиқи идеологӣ дошта, ифодакунандаи хусусияти расмии накди он солҳо мебошад. Бо вуҷуди ин, дар мақола муҳаққиқ тавонистааст, ки нуқтаи назарашро оид ба баъзе масъалаҳои ҳаёти адабӣ, аз ҷумла жанри очерк, мақолаҳои публитсистӣ, забони ин осор ва вазъи накди адабӣ баён кунад.

Муҳаққиқ аз паҳлуи мусбати фаъолияти очеркнависон ба «бо фактҳои зиндагии имрӯза, бо обу ранги бадеӣ» тасвир намудани меҳнати бунёдкоронаи мардум ишора намуда, онро дастоварди муҳим мешуморад. Дар баробари ин, ӯ камбудии ҷиддии ин жанрро дар якҷониба будани тасвир мебинад, яъне таваҷҷуҳи бештар ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва камаҳамиятӣ нисбат ба ҷаҳони ботинӣ ва ҳаёти шахсии қаҳрамонҳо. Ба таъкиди ӯ, «қаҳрамонҳои очеркҳо на танҳо иштирокчиёни равандҳои истеҳсолӣ, балки инсонҳои дорои эҳсосот, муносибатҳои оилавӣ ва таҷрибаҳои шахсӣ мебошанд, ки ин ҷанбаҳо дар осор камтар инъикос меёбанд» [85, с.168-169]. Ба назари мо,

чунин бардошт аҳамияти методологӣ дошта, зарурати тавозуни миёни тасвири иҷтимоӣ ва равонӣ-индивидуалиро дар адабиёт таъкид мекунад.

Расул Ҳодизода нақши публитсистикаро дар ҳаёти адабию ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ намуда, канорагирии нависандагонро аз баррасии мушкилоти иҷтимоиву ахлоқӣ нишонаи дуршавӣ аз воқеият медонад [84, с.170]. Ӯ инчунин ба масъалаҳои доғи рӯз, аз ҷумла вайрон гардидани меъёрҳои забони адабӣ, фаъолияти носаҳеҳи «тарҷумонҳои чаласавод» ва паҳн гардидани матнҳои бесавод ишора мекунад. Ба назари мо, ин мушоҳидаҳо на танҳо ба муҳити адабии он давра, балки ба вазъи умумии фарҳанги забонӣ низ дахл дошта, аҳамияти худро то имрӯз ҳифз кардаанд.

Яке аз масъалаҳои марказии мақола баррасии вазъи танқиди адабӣ ва зарурати мутобиқ намудани он ба «вазифаҳои замони ҳозира ва ҷараёни ҳаррӯзаи адабиёт» мебошад [85, с.171]. Муаллиф аз ақибмонии танқиди адабӣ ёд карда, камфаъолиятии мунаққидон, набудани мақолаҳои ҷиддии назариявӣ ва бетаваҷҷуҳии ниҳодҳои масъулро аз омилҳои асосии ин ҳолат мешуморад. Ба назари мо, чунин арзёбӣ нишон медиҳад, ки танқиди адабӣ дар он давра натавонистааст ба талаботи рушди адабиёт ҷавобгӯ бошад ва аз равандҳои воқеии он ақиб мондааст.

Дар баробари танқид, муҳаққиқ роҳҳои ислоҳи вазъиятро низ пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, зарурати «ҳамдаму ҳамнафаси ҳаёт» будани адибон ва тақвияти фаъолияти сексияи танқид дар Иттифоқи нависандагон ҳамчун шартҳои асосии пешрафти танқиди адабӣ арзёбӣ мешаванд [85, с.172]. Ба назари мо, ин пешниҳодҳо аҳамияти амалӣ дошта, ба таҳкими робитаи адабиёт бо ҳаёти иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи таҳлилҳои интиқодӣ мусоидат мекунанд.

Масъалаи муҳимми дигар, ки дар тули солҳо ҳамеша мавриди назар ва андешаи Расул Ҳодизода қарор доштааст, вазъи инкишофи танқиди адабӣ ва таъсири он ба раванди инкишофи адабиёт мебошад. Оид ба ин масъала низ вай солҳои 1972 (моҳи апрел) ва 1976 дар пленуми II Правленияи Иттифоқи

навистандагони Тоҷикистон ва съезди VII Иттифоқи нависандагон суханронӣ карда, баъдан матни онро ба сурати мақола ба чоп расонидааст.

Дар мақолаи аввал, ки «Танқиди адабӣ ва масъалаи бадеияти адабиёт» унвон дорад, бадеияти осори шоиру нависандагон ҳамчун унсури муҳимми назарияи адабиёт ва омили умдаи эҷодиёти бадеӣ мавриди нақду арзёбӣ қарор гирифтааст. Нахуст, муҳаққиқ дар бораи хусусиятҳои бадеии насри Ю. Акобиров ва Сорбон сухан карда, ба тариқи умумӣ норасоии бадеияти осори онҳоро ёдрас мекунад, ки арзиши амалӣ надорад. Сипас, дар қисмати дувуми мақола, ки хусусияти тавсифию тавсиявӣ дорад, вазифаҳои мунаққидонро дар арзёбии сохтори мундариҷавию бадеии осори манзум мушаххас мекунад. Дар мақола ҳеҷ кӯшиши муайян намудани хусусиятҳои бадеии шеъри ин ё он шоир ба назар намерасад.

Мақола аз дастурҳое таркиб ёфтааст, ки хосси нақди он рӯзгор буд. Зайли намуна хулосаи охирини муҳаққиқро, ки низ дастур аст, иқтибос менамоем: «Методологияи илми адабию эстетикии марксистӣ-ленинӣ ба тамоми возеҳӣ нишон медиҳад, ки танҳо мувофиқати комили таҳлили идеявию бадеӣ қимати боигариҳои маънавии адабиёти моро барои халқ, барои наслҳои оянда нишон дода метавонад. Аз ин сабаб, танқиди адабии тоҷик ба таҳлил ва таҳқиқи ғояву мундариҷа ва шаклҳои бадеии адабиёти бадеӣ бояд баробар диққат диҳад. Гоҳо мепурсанд, ки маҳорати мунаққид дар чист? Ба ақидаи қавии ман, маҳорати мунаққид, пеш аз ҳама, дар таҳлили таркибии ғоявию бадеии асари бадеӣ ва умуман, ҳодисаҳои адабӣ мебошад. Ин принсип на танҳо маҳорати мунаққид, балки вазифаи олӣ, вазифаи илмӣ, вазифаи партиявии ӯст. Мо барои иҷрои ҳамин вазифаи олии бошараф мекӯшем, то номи боифтихори мунаққиди адабиёти советиро шоиставу сазовор бошем» [81, с.215]. Мазмуни ин суханони Расул Ҳодизода моҳияти аслии мақолаи ӯро, ки дастурист, мушаххас сохта, вазъи муносибат ба ҳодисаҳои адабӣ, бахусус адабиёти асили бадеиро ошкор месозад.

Расул Ҳодизода дар мақолаи дувум, ки «Мавқеи танқиди адабӣ дар инкишофи адабиёт» унвон дорад, вазъи танқиди адабии тоҷикро баъди

қабули қарори ҳизби коммунисти шуравӣ «Дар бораи танқиди адабию бадеӣ» баррасӣ карда, нахуст дастовардҳои баъди қабули қарор бадастомадаро як-як зикр мекунад, сониян «камбудиву нуқсонот»-и танқиди адабиро ёдрас намуда, мувофиқи талаботи ин ҳуҷҷати сиёсӣ барои равнақи ин соҳа баъзе пешниҳодҳои мушаххас менамояд.

Ба мушоҳидаи ӯ, дар ин давра танқиди адабӣ аз ҷиҳати назариявӣ боз ҳам қавитар ва дақиқтар гардида, дараҷаи таҳлил ва тадқиқи ҳодисаҳои адабӣ амиқтар мешавад. Илова ба ин, танқиди адабӣ бештар ба таҳқиқи масъалаҳои рӯзмарраи адабиёти муосир мепардозад. Мунаққидон ба воситаи таҳлили мушаххас ҷараёни имрӯзаи инкишофи адабиётро аз назар мегузаронанд. Образи қаҳрамони муосир дар насри имрӯзаи тоҷик, моҳияти иҷтимоии фард ва тасвири бадеии он, оҳанги гражданӣ дар шеъри муосир, ҳаёти имрӯз ва инъикоси он дар драматургия, мавзуи инқилоб ва тасвири бадеии он, шеъри имрӯза ва матбуоти ҷорӣ, масъалаҳои байналмилалӣ ва хусусиятҳои миллии адабиёти тоҷик аз ҷумлаи масъалаҳое будаанд, ки дар он солҳо мавзуи баҳсу мунозираҳои аҳли танқид қарор гирифтаанд.

Ин донишманд таъсири судманди танқиди адабиро ба ҷараёни адабӣ таъкид карда, қавӣ шудани ҷанбаи назарии танқидро аз имтиёзоти он ба шумор меоварад ва баъзе паҳлуҳои ҷустуҷӯҳои мунаққидонро ба таври мушаххас таҳлил менамояд. Муҳаққиқ тозаназарӣ ва ҷӯяндагиро дар ин самт аз имтиёзоти нақди адабӣ дониста, менависад: «Ғайр аз мақолаҳои маъмули танқидӣ, шаклҳои нави тақриз, мақолаҳои танқидию бадеӣ, маҷлиси мизи мудаввар дар редаксияи «Садои Шарқ» ва дигар навъҳои муҳокима ва мубоҳисаҳои илмию танқидӣ ҷорӣ гардид. Ҳамаи ин ба ҷунбиш ва равнақи афкори танқиди бадеӣ омили қатъӣ гардид» [82, с. 218-219].

Муҳаққиқ аз дастовардҳои танқиди адабӣ ёд карда, камбудиҳои онро низ ба таври мушаххас зикр кардааст, ки бештари он ба масъалаҳои бунёдии методологӣ ва маърифати касбии назариявӣ ва амалии мунаққидон мансуб мешавад. Расул Ҳодизода дар мақолаи «Чанд мулоҳиза» вазъи насри имрӯзаи ҷавонон ва саҳлангорӣ дар истифодаи забонро ба муҳокима кашида, роҳҳои

дар ин замина ба муваффақият даст ёфтанро нишон медиҳад. Мақола ҷанбаи амиқи илмӣ ва амалӣ дорад.

Чунонки ба мушоҳида расид, Расул Ҳодизода дар тули умри бобаракат ҳамеша мутаваҷҷеҳи масъалаҳои доғи ҳаёти адабӣ будааст ва ин тамоюли эҷодиро то охири умр ҳифз намудааст. Дар анҷоми ин фасл аз яке аз охирин мақолаҳои ӯ ёд мекунем, ки бо номи «Як симои фаромӯшшудаи фарҳангу адаби мо» дар маҷаллаи «Гули мурод» (1998.– № 7) чоп шуда, нахуст масъалаи муҳимми қадршиносӣ аз намояндагони адабиёту фарҳангро ба миён мегузорад, сипас аз ҳаёт ва осори нависанда ва тарҷумони тоҷик, ки фаромӯш шудааст, ёд меоварад. Муҳаққиқ фаъолияти нависандагӣ ва тарҷумонии ин шахсияти адабиро мурур карда, доир ба фаъолияти нависандагӣ ва тарҷумонии ӯ маълумоти аввалиро меоварад. Оид ба дар байни мардум маъруфият доштани асарҳои ин нависанда «Намоз» ва «Духтари кӯҳсор» сухан карда, аз таъзияномае, ки устод Айнӣ низ зери он имзо гузоштааст, пораеро иқтибос мекунад, ки дар таъйиди мавқеи инсонӣ ва ҳунарии Қуқандбой Абдухолиқзода мебошад. Муҳаққиқ мақоларо бо сатрҳои зерин ба поён мебарад, ки гувоҳи садоқати ӯ ба таърих, адабиёт ва фарҳанги миллат аст: «Имрӯз аз таваллуди Қуқандбой Абдухолиқзода 130 сол ва аз даргузашти вай 50 сол сипарӣ мешавад. Ман шодам, ки ин аврокро дар солҳои мубораки ёдбуди ин марди пуркори фурӯтан менависам. Ман бовар дорам, ки аз байни донишмандони ҷавони мо фарде ёфт мешавад, ки зиндагинома ва навиштаҳои тамому нотамоми Абдухолиқзода Қуқандбойро ба таври боиставу шоиста омӯхта, дар бораи вай китоби мукаммале хоҳад навишт. Ин мард сазовори ин аст. Ва мо насли миннатпазир дар пеши хотираи ӯ бояд сипосу қарзи худро адо намоем» [131, с.37].

Ба ҳамин минвол, аз омӯзишу таҳқиқ ва таҳлилҳои дар ин фасл ба субут расида метавон ба хулоса омад, ки Расул Ҳодизода дар мақолоту рисолаҳояш муҳимтарин масъалаҳои таърихи адабиёти гузашта ва муосирро ба муҳокима кашида, дидгоҳҳои назарӣ ва амалиашро доир ба вазъи таърихии адабиёти тоҷик, ҳодисаҳои муҳимми ҳаёти адабӣ, ҷараёнҳои рушди адабиёт, саҳми

ашхоси ҷудогона дар шаклгирӣ ва дигаргуншавии он бо далоил ва таҳлилҳои ҳақиқатнигорона ба таври дақиқ баён кардааст. Мулоҳизаҳои Расул Ҳодизода дар бораи раванди инкишофи адабиёти муосири тоҷик, аҳаммиятноктарин ҳаводиси ҳаёти адабӣ, танқиди адабӣ ва равиши такомули он на фақат арзиши адабию таърихӣ, балки муҳиммияти замонавӣ дошта, ба инкишофи афкори адабӣ ва адабиёти муосир низ мусоидат хоҳанд намуд. Андеша ва дидгоҳҳои ӯ гоҳо зери таъсири ҷараёни идеологии вақт қарор гирифта, ба муҳаққиқ имкон надодаанд, ки воқеияти ҳаёти адабӣ ва камбудиҳои мавҷудро холисона таҳлил ва арзёбӣ намояд. Дар ин замина, мақолаҳои ӯ доир ба танқиди адабӣ аз воқеияти ҷараёни инкишофи ин соҳа то ҷое фосила гирифтаанд, ба суди адабиёт ва илм нест.

## 2.2. Таҳқиқ ва арзёбии хусусиятҳои мундариҷавӣ ва бадеии осори гузаштагон дар пажуҳишҳои муҳаққиқ

Таҳқиқ ва арзёбии хусусиятҳои мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии осори намояндагони адабиёти гузашта тамоюли асосии ҷустуҷӯҳои илмии Расул Ҳодизодаро дар ин самт муайян карда, пеш аз ҳама, ба усулҳои санҷидашудаи илмию методологии замони шуравӣ такя дорад. Методологияи адабиётшиносии шуравӣ таҳқиқи осори бадеиро фақат дар таносуби комили мундариҷавию ғоявӣ ва бадеӣ раво медонист. Аз ин нигоҳ, ба таъкиди А. С. Бушмин, «мундариҷа ва шакл ҷудо аз ҳам вуҷуд дошта наметавонад. Онҳо чун ду паҳлуи ба ҳам пайванд, ду унсури ягона ҳамеша дар ягонагии ҷудонашаванда қарор доранд. Ҳудуди байни онҳо на фазоӣ, балки мантиқӣ мебошад» [135, с.109-110].

Аз таҷрибаи Расул Ҳодизода дар заминаи омӯзишу таҳқиқоти дар ин равиш ба субут расонидааш метавон ба ин натиҷа расид, ки вай ҳеҷ гоҳе нишондодҳои назарӣ ва амалии бунёдии эстетикиро дар бораи ягонагии мундариҷаю ғоя ва бадеиёти осори бадеӣ истисно накардааст, балки ин тарзи таҳқиқро ҳамчун усули таҳлилӣ дар шинохти ҷустуҷӯҳои ҳунарии адибони замонҳои гуногун ба кор гирифта, дар ин замина таълифоти қобили мулоҳиза ба вуҷуд овардааст. Ба ифодаи саҳеҳ Расул Ҳодизода дар ҳамаи таҳқиқоти ба анҷом расонидааш мундариҷаю ғоя ва вижагиҳои бадеии осори адибонро дар ҳамхонӣ бо ҳам таҳқиқ намудааст, ки дар ҷамъ, мавқеи иҷтимоиву сиёсӣ ва чеҳраи инсониву ҳунарии адибро инъикос менамояд.

Дар ин замина, яке аз аввалин таҳқиқотҳои Расул Ҳодизода «Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX» консепсияи хосси ҷустуҷӯҳои илмии ӯро дар шинохти мундариҷаю ғоя ва унсурҳои бадеии осори баъзе аз намояндагони адабиёти ин даврро дар таносуб бо ҳамдигар ошкор менамояд. Масалан, дар асарҳои маорифпарварони давраи мазкур, аз қабили Аҳмади Дониш ин муҳаққиқ «якҷоягии тасвири бадеӣ ва тафаккуроти фалсафӣ»-ро ҳамчун унсури сохтори мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии осори ин маорифпарвари тавоно тавзеҳ дода, менависад: «Ин хусусият барои адабиёти

нимаи дувуми асри XIX тоҷик ҳодисаи нав ва фақат ба тақозои пайдоиши ҷараёни нави маорифпарварӣ набуд. Ин равия давоми анъанаҳои адабиёти классикии форс-тоҷик буд. Мо дар таърихи чандинасраи адабиётамон бисёр асарҳои манзуму мансуреро медонем, ки ба онҳо як ҳадди муайяни жанри асари адабӣ ё фалсафиро гузоштан душвор аст. Дар достонҳои суфиёнаи Саноӣ, Фаридуддини Аттор, маснавии машҳури Ҷалолиддини Румӣ, маснавиҳои Бедил ва дигар шоирон, дар асарҳои мансури «Синдбоднома», «Анвори Суҳайлӣ» ва ғайра дар доираи тасвир ва тахайюлоти бадеӣ мо бисёр тафаккурот ва андешаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ ва сиёсиву иҷтимоиро мебинем» [70, с.109-110]. Аз дидгоҳи Расул Ҳодизода, ин суннат ва ҷараёни адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар таълифоти Аҳмади Дониш барои баён намудани фикру ақоиди маорифпаварӣ хеле бомаҳорат ва навоварона мавриди истифода қарор гирифтааст. Вале пажуҳишоти Расул Ҳодизода бозгӯи он аст, ки Аҳмади Дониш ба ин суннат ва раванди адабиёти гузашта навгониҳои зиёдеро бо сабку услуби тозаи худ амалӣ кардааст. Яке аз усулҳои тоза ва навоваронаи нависандаро ҳикояҳои воқеӣ-фалсафии дар «Наводир-ул-вақоеъ» иншокардаи ӯ, монанди ҳикоятҳои «Ҳоҷӣ», «Марди аҷамӣ», саргузаштҳои Мулло Хол ва Шукурбек, ки Расул Ҳодизода бо камоли таваҷҷуҳ махсусиятҳои мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии онҳоро дар ҳамбастагӣ таҳлил ва арзёбӣ кардааст, таъйид менамояд. Хулосаи ин донишманд дар ин боб ин аст, ки дар ҳамин осори бадеӣ низ андешаҳои фалсафӣ ва тахайюлоту тасвири бадеӣ бо ҳам пайваст омадааст.

Чунин анъанаи таълифотро муҳаққиқ дар «Савонеҳ-ул-масолик» ном асари Возеҳ низ ба мушоҳида гирифта, паҳлуҳои гуногуни онро муфассал таҳлил менамояд. Дар навбати аввал хусусияти мундариҷавӣ ва ғоявии асари зикршударо баррасӣ карда, баъдан мақом ва аҳаммияти бадеии ин асарро дар алоқамандӣ бо сохтори мундариҷавию ғоявӣ мушаххас месозад. Муҳаққиқ пас аз омӯзишу таҳлили «Савонеҳ-ул-масолик» ба натиҷае меояд, ки «ин асар (ишора ба «Савонеҳ-ул-масолик»– А.К.) на фақат дар эҷодиёти Возеҳ, балки дар адабиёти нимаи дувуми асри XIX низ мақоми махсус дорад. Мазмуни

ғоявии пешқадам ва афкори маорифпарварии ин асар дар инкишофи идеявии адабиёти он давр ва такомули дараҷаи бадеиёти он бешубҳа таъсири мусбат бахшидааст» [70, с.253]. Дар вақти таҳлили сохтори мундариҷавию ғоявии асари зикршуда, муҳаққиқ қисматҳои таркибии онро ба алоҳидагӣ шарҳ дода, моҳияти мундариҷа ва ғояи асарро як-як зикр менамояд.

Равиши ҷустуҷӯҳои Расул Ҳодизодаро дар ин замина «обзори мазмуни ғоявии асар» дар вобастагӣ бо «воқеаҳои реалии зиндагӣ» муайян мекунад, ки адиб бевосита мушоҳида кардааст. Ба мушоҳидаи ӯ, «Асоси реалӣ–воқеияти мазмуни ғоявӣ ба тарзи тасвири бадеӣ, ба сабку услуб ва забони асар бетаъсир намондааст. Возеҳ дар мазмуни асар ҳамон қадар ба роҳи воқеият бештар дохил шуда бошад, дар тасвири бадеӣ низ, аз усули рамзиву шартии насри бадеии классикӣ дур рафта, роҳи тасвири реалистиро пеш гирифтааст. Азбаски ӯ ҳаёти воқеӣ, зиндагии реалиро мундариҷаи асари худ қарор додааст, тасвири ӯ ҳам реалӣ, ба воқеият наздик аст» [70, с. 245].

Муҳаққиқ тарзи тасвири Возеҳро дар мисоли шаҳрҳову ёдгориҳои таърихӣ, масҷиду ҳарамҳо дар алоқамандӣ бо мавзуву мазмуни асар таҳлил карда, тасвири воқеи ӯро, ба вижа дар ҷойҳое, ки дашту водиҳои серҳосил ва дигар манзараҳои табиати шаҳру деҳотро тавассути воситаҳои бадеии содаву барҷаста ба тасвир кашидааст, «хеле муҷассам ва боварибахш» ба қалам гирифтааст. Ба ақидаи ӯ, «чунин тасвирҳои реалиро мо на танҳо дар насри бадеии нимаи аввали садаи XIX, ҳатто дар адабиёти классикӣ низ мушоҳида намекунем. Маслан Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ҳамворӣ ва сатҳи як даштро ба чунин шакл тасвир кардааст:

«Дар имрӯз баъд аз таййи ним фарсах роҳ кӯҳҳо тамом шуда ба биёбон расидем. Заминаш ҳамвор аз сангҳои сиёҳи бузург, ки ҳар кадом дар вазн ба қадри ним ман ва камтар ва бештар бошад, бар он заминҳо чунон ҳамвор рехта шуда буд, ки гӯё ба даст дар он ҷойҳо ба тартиб чида бошанд, ки ҳаргиз санге гӯё бар болои санге наафтода бошад...» [70, с. 247].

Расул Ҳодизода нақши ҷараёни реалистии воситаҳои бадеии тасвирро ба сабку услуб ва забони «Савонеҳ-ул-масолик» муҳим дониста, қаробати тарзи

тасвири Возеҳро бо мундариҷаю ғоя ва сабку забон василаи наздикшавии адиб бо воқеияти зиндагӣ медонад. Вай барои содаву фаҳмо шудани мазмуни асар, ба мушоҳидаи ин донишманд, аз санъати мусаҷҷаъ ва мураҷҷаз, ки дар насри классикӣ анъана шуда буд, «қариб тамоман даст кашидааст». Илова бар ин, Возеҳ дар ин асар барои содатар ва ба фаҳми хонанда наздик шудани мазмуну мундариҷаи он аз таъбиру ибора ва калимаҳои забони мардуми тоҷик ҳунармандона истифода кардааст. Ин шакли корбурди унсурҳои забонӣ «на аз шавқу ҳаваси хушгӯӣ ва мутоибаҷӯӣ, балки ба ҳадафи ҳам сода ва ҳам зеботар намудани забони адабии тоҷик будааст.

Расул Ҳодизода аз таҳлилу баррасии мундариҷаю ғоя ва бадеиёти «Савонеҳ-ул-масолик» ба натиҷа меояд, ки ин асар на фақат дар эҷодиёти Возеҳ, балки дар адабиёти нимаи дувуми садаи XIX низ мақоми хос дорад. Мазмуну мундариҷа ва ғояи пешқадам ва афкори маорифпарварии муаллиф дар пешрафти ғоявӣ ва ташаккули бадеияти он таъсиргузор будааст.

Таҷрибаи таҳқиқии Расул Ҳодизода дар шинохт ва арзёбии хусусиятҳои мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии осори адабии ин давр дар рисолаи ӯ «Аҳмади Дониш. Тарҷумаи ҳол ва мероси адабию илмӣ» низ муҳим ва пурарзиш мебошад. Муҳаққиқ дар ин рисола дар қатори дигар масъалаҳо сохтори мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии асарҳои Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Рисолаи таърихӣ»-и ӯро муфассал таҳлил карда, дидгоҳҳояшро оид ба ин масъалаҳо ба таври мушаххас баён кардааст.

Муҳаққиқ мундариҷа ва мавзуъҳои «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Донишро муфассал баррасӣ карда, сипас дар алоқамандӣ бо ин масъалаҳо сохтори бадеии ин асарро низ мухтасаран аз назар гузаронидааст. Нахуст, ҳангоми таҳқиқ ва арзёбӣ моҳияти масъалаҳоеро, ки нависанда дар муқаддима мавриди баррасӣ қарор додааст, мушаххас сохта, сипас мазмуни ҳар боби «Наводир-ул-вақоеъ»-ро мухтасаран нақл мекунад ва ҷустуҷӯҳои нависандаро дар такмили сохтори мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии асар арзёбӣ менамояд. Ба мушоҳида ва хулосаи ӯ, ҳамаи бобҳои «Наводир-ул-вақоеъ» ба тасвир ва таҳқиқи масъалаҳои гуногуни иҷтимоиву сиёсии ҳаёти ҷомеа

бахшида шуда, «Аҳмади Дониш масъалаҳои зиндагии шахсии инсон ва ҳаёти ҷамъиятиро аз назар мегузаронад, ин масъалаҳоро ҳамеша бо факту воқеаҳои реалии зиндагӣ ва таҷрибаи ҳаётии худ санҷида мебарояд. Азбаски ин масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ бо бисёр масъалаҳои фалсафӣ низ (монанди пайдоиши олам, қазову қадар, руҳи инсонӣ ва нисбат ба он ба ҷисми одамӣ ва ғайра) вобастаанд, ӯ ин масъалаҳоро низ таҳқиқ мекунад ва бисёр фикрҳои мустақил ва пешқадамонае баён месозад» [11, с.207-208]. Дар заминаи таҳлилҳои анҷомгирифта Расул Ҳодизода ба ин натиҷа мерасад, ки Аҳмади Дониш дар ин асар муҳимтарин масъалаҳои назарӣ ва амалии алоқаманд ба муҳити идорӣ ва зиндагии амората Бухороро таҳлил карда, дар чордаҳ боби он масъалаҳои ҳикмати зиндагиро, ки ҳам барои манфиати ҷамъияти инсонӣ ва ҳам беҳбудии ҳаёти шахсии инсон зарур аст, муфассал таҳлил менамояд. Баъд аз таҳлили масъалаҳо Аҳмади Дониш дар рисолаи махсусе, ки худаш онро баъдтар «Рисола бар назми тамаддун ва таовун» номидааст, ба баёни он ки тартиби идораи давлатӣ бояд чӣ гуна шавад, мегузарад. Хулосаи муҳаққиқ дар ин замина ин аст, ки «ин рисола дар тартиби ҳамаи бобҳои асар на фақат инкишофи фикру андешаҳои гузашта, балки ба дараҷаи зиёде хулоса ва ҷамъбасти ҳамаи он таҳлилот ва таҳқиқотест, ки Аҳмади Дониш дар бобҳои гузаштаи «Наводир-ул-вақоеъ» анҷом дода буд» [11, с. 210].

Дар идомаи таҳқиқ ва таҳлил Расул Ҳодизода хусусиятҳои образофарии Аҳмади Донишро ҳамчун яке аз ҷанбаҳои бадеияти асар баррасӣ карда, дар ин равиш тарзи образофарии нависандаро дар мисоли «образи ҷавонони ҷаҳондидаю сафаркарда» ва образҳои воқеӣ, аз ҷумла «образи шахси дигаре аз Бухоро» муфассал арзёбӣ кардааст. Дар заминаи тарзи тасвири воқеиятҳо ва образҳои асар Расул Ҳодизода ба хулоса меояд, ки «Наводир-ул-вақоеъ» «асари фалсафию илмӣ ва бадеист». Ба назари ӯ, «бобҳои асар, ки характери сирф бадеӣ доранд ва ба услуби сабки насри бадеӣ навишта шудаанд, бобҳои илмию фалсафии он низ аз унсурҳои бадеӣ холӣ нестанд» [11, с. 218].

Муҳаққиқ яке аз воситаҳои такмили хусусияти бадеии асарро дар истифодаи «осори манзуми шоирони асрҳои пешин» [18, с. 219], «латифаю

ҳикоётҳои китобҳои муаллифони гузашта» ва «тамсилҳои халқӣ» дар матни асар барои тақвият бахшидани хусусияти зебоишиносӣ ва таъсири амалии асар дида, дар ин замина андешаашро бо мисолҳои мушаххас собит намудааст, ки диди воқеӣ дар шинохти ин паҳлуи ҳунари Аҳмади Дониш мебошад [18, с. 220]. Дар ин равиш Расул Ҳодизода таъсирпазирии Аҳмади Донишро аз Муҳаммади Ғаззолӣ, Бедил, Шаҳобиддини Ҳамадонӣ ва осори онҳо мушаххас сохта, ин таҷрибаро ҳамчун воситаи такмили сохтори бадеии асар маънидод намудааст.

Таҷрибаи Расул Ҳодизода дар шинохти хусусиятҳои мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии «Рисолаи таърихӣ»-и Аҳмади Дониш низ қобили мулоҳиза буда, дар идомаи ин фасл баъзе паҳлуҳои онро ба тарзи фишурда аз назар мегузаронем.

Дувумин асари Аҳмади Дониш, ки барои муайян намудани афкори сиёсиву иҷтимоӣ ва ақидаҳои маорифпарварии ӯ арзишманд аст, «Рисолаи таърихӣ»-и беноми ӯст. Расул Ҳодизода дар бораи собиқаи таҳқиқ, таърих ва шароити таълиф, нашрҳои рисола, шакл ва жанри он ҳамчун асари бадеӣ, композитсия ва мавзуъҳои асосӣ, арзиш ва аҳаммияти бадеии он муфассал сухан ронда, хусусиятҳои мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии асарро низ мушаххас намудааст. Ҳамчунин, вай дар фасли «Шакл ва жанри рисола ҳамчун асари адабӣ» бо назардошти мазмуну моҳияти ин асар аз ҷиҳати жанр онро «ба жанри памфлет ва сабку услуби онро ба публитсистикаи сиёсиву адабӣ нисбат» [11, с.264] додааст.

Дар фасли «Композитсия ва мавзуъҳои асосии рисола» муҳаққиқ пас аз шарҳи муқаддима мавзуъ ва мундариҷаи асарро таҳлил карда, менависад, ки «Аҳмади Дониш давраи салтанати амирони манғитияро то замони ба тахт нишастани амир Насрулло хеле мухтасар тасвир мекунад. Вай асосан ба тавсифи амир Шоҳмурод пардохта, ӯро ҳамчун ҳукмроне, ки ахлоқи писандида ва ақлу хиради расо доштааст, ба хонанда нишон медиҳад. Аҳмади Дониш чунин илқо мекунад, ки агар ҳар як амир чунин хислату

чунин хираде медошт, кори мамлакат ҳамеша дар ривоҷу равнақ буд» [11, с. 269-270].

Ба мушоҳидаи Расул Ҳодизода, назари Аҳмади Дониш ба «хислатҳои шахсӣ ва ҷамъиятии амир Музаффар» манфӣ буда, «тамоми иллатҳои иҷтимоӣ ва фасоди тартиби ҷамъиятии он давр ё бевосита ё ба воситае дар шахс ва фаъолияти давлатии амир зоҳир» [11, с. 271] мешавад. Муҳаққиқ мундариҷаи рисоларо пурра таҳлил карда, назари манфии Аҳмади Донишро ба фаъолияти амир Абдулаҳад бо зикри санадҳои таърихӣ нишон медиҳад. Ба ин тартиб, Расул Ҳодизода мазмуну мундариҷа ва ғояи тасвирҳои Аҳмади Донишро таҳлил карда, ба хулоса меояд, ки «Аҳмади Дониш он фикри асосии худро дар бораи тараққӣ ва таназзули давлатҳо дар мисоли ҳукмронии хонадони манғитиён таҳлил намуда, дар хотима хулоса мебарорад, ки аз байн рафтани ин давлату ҷамъияте, ки ба зулму ситам асос ёфтааст, як амри қонунист» [11, с. 274].

Муҳаққиқ баъд аз шарҳу баррасии мазмуну мундариҷа ва ғояи асар дар фасли «Арзиш ва аҳаммияти бадеии рисола» хусусиятҳои бадеии тасвири Аҳмади Донишро мухтасаран зикр менамояд. Ба назари ӯ, Аҳмади Дониш дар вақти нақли воқеаҳои таърихӣ ба онҳо то андозае ранги бадеӣ медиҳад, то ки хонанда ба мақсаду мароми ӯ бовар ва эътиқод кунад. Дар ин хел ҳолатҳо аз тамоми усулу воситаҳои тасвири бадеӣ ва санъатҳои сухан истифода мебарад. Дар натиҷа воқеаҳое, ки нақл мекунад, баробари саҳеҳии таърихӣ, як ранги умумии бадеӣ низ мегиранд. Баибораи дигар гӯем, «Аҳмади Дониш гӯё бо ин воситаҳои бадеӣ ба типонидани воқеаҳо кӯшидааст» [11, с. 279].

Расул Ҳодизода усули бадеии типикунонии воқеаҳо, балки шахсони таърихиро низ аз мухтассоти бадеии образофаринии Аҳмади Дониш медонад. Ба назари ӯ, Аҳмади Дониш образи амир Шоҳмуродро дар «Рисолаи таърихӣ» ҳамчун як идеали ҳукмрони одилу некхислат ва типӣ тасвир намудааст. Дар қиёси Шоҳмурод амир Музаффар ҳамчун образи ҳукмрони манфӣ ба тасвир омадааст. Дар натиҷа, амир Музаффар ғайр аз шахси

таърихӣ будан, ҳамчун образи ҳукмроне, ки дар ҳар ҷамъият боиси бадбахтии ҷомеаи инсонӣ шуда метавонад, дар пеши назари хонанда намоён мешавад.

Яке аз воситаҳои такмили тасвири бадеӣ дар таҷрибаи эҷодии Аҳмади Дониш истифода аз нақлу ривоятҳо, масалан барои образнок офаридани образи ҳукмрони одилу ботадбир аз ривояти мансуб ба шоҳигарии Анӯшервони одил ва Ҳорунаррашид истифода кардан будааст. Ғайр аз ин, ба мушоҳидаи ин донишманд, Аҳмади Дониш дар тасвири шахс ва воқеаҳои таърихӣ аз санъатҳои бадеии киноя, рамз, ҳаҷву мутоиба низ ҳунармандона истифода кардааст, ки на фақат сохтори бадеии ин рисоларо такмил бахшидааст, балки ба таъсири мавзую ғояи он низ мусоидат намудааст. Муҳаққиқ илова ба он чи гуфта шуд, барои такмили образи асар аз ҳикояҳои халқӣ, латифаҳо, қиссаву ривоятҳои диниву мазҳабӣ, мақолу зарбулмасалҳо фаровон иқтибос кардааст, ки дар такмили сохтори мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии асар таъсиргузор будаанд.

Расул Ҳодизода барои таъйиди назараш оид ба тасвири бадеии Аҳмади Дониш аз пораҳои тасвиркардаи ӯ мисол оварда, сипас хулосаашро баён медорад, ки пораи зерин намунаи он аст:

«...Бад-он иллат, ки собиқан ишора кардем, ҳоли хасмро ба мардуми билоди худ қиёс мегирифтанд, аз он ҷиҳат ба чуби сегазӣ иктифо менамуданд, ки ба мисли он мардуми узбакро аз худ дафъ тавон кард.

Нек монанд аст ҳолашон ба он ғӯрӣ, ки дар масҷид авсофи ҳаҷи ислом аз воиз шунид, ки вуқуф ба арафа ин савоб дорад ва рамйи чимор ин самара ва саъй мобайни Сафо ва Марва ин хосият. Саросема шуда, ҳам аз масҷид ба хона норафта, бе зоду роҳила озими ҳаҷ шуд. Чун фарсахе аз роҳ қатъ шуд, гуруснаву ташна шуда дар арзи роҳ аз баққоле пурсид, ки «аз ин ҷо то ҳаҷ чӣ миқдор роҳ мондааст?» Марди баққол гуфт:

– Ҳамоно девона шудаӣ, аз куҷо суроғ мехоҳӣ? Аз ин ҷо то ҳаҷ ҳазор фарсанг аст ва ту ҳанӯз аз финои (атрофи) гаштаӣ. Он марди «ҳоҷӣ»

алалфавр ба шаҳр муовадат намуд, ки «ҳаҷ кори душворе будааст ва маро инчунин машаққатнок савоб намебояд» [11, с. 282].

Муҳаққиқ мундариҷаи ин ҳикояро бадеӣ тавсиф карда, забони онро «муҷази образнок» ва омехта бо «кинояву ҳаҷви сахт» таъбир мекунад. Ба назари ӯ, ҳадафи Аҳмади Дониш аз ин тасвири бамуддао он будааст, ки вазъи соҳибдавлатони Бухороро, ки «ҳоли халқи худ ва кишвари худро намедонанд», ба хонанда фаҳмонад. Ин усули нигориш ба сухани нависанда ниру бахшида, таъсири онро «як бар чанд меафзояд» [11, с.283]. Муҳаққиқ чунин тасвирҳои ҳаҷвию кинояviро, ки Аҳмади Дониш дар офаридани образҳои шахсони ҷудогона ба кор гирифтааст, таҳлил карда, ба ин васила маҳорати нависанда ва хусусияти бадеии осори ӯро мушаххас намудааст.

Хулосаи муҳаққиқ аз тарзи нигориши Аҳмади Дониш ин аст, ки вай воқеаҳои таърихиро фақат барои таърих нақл накардааст, балки саъй намудааст, ки ин воқеаҳоро ба тарзи дилхоҳаш тасвир карда, ҳадафи ғоявиашро амалӣ созад. Барои таъйиди ин назари саҳеҳи Расул Ҳодизода пораи ҳаҷвии тезутунди зерро, ки Аҳмади Дониш обуранги бадеӣ додааст, иқтибос намоем:

«...Мо бақияи аҳмақон дарвозаҳои шаҳрро хокрез карда, роҳи халосро бар худ масдуд намуда, шоҳроҳи дорулбаворро ба тарафи худ кушуда; умаро маа аскар ҳисорӣ шуданд. Ҳам дар он асно Русия ба таҳти қурғон расида, қалъаро ба тупу туфанг гирифта... миқдори як сад нафар ба даруни қурғон даромада, ҳар чи аз зӣ-руҳ (зинда) ба муқобили эшон мерасид, туфанг мезаданд... Ҳама сарҳо ба пушти ҳамдигар хам намуда, то аз теғи хасм раҳоӣ ёбанд. Ва ҳама кунҳо кӯж чун кӯжпушт баромада. Дар ақиби ҳар ду ҳазор ва се ҳазор аз ин ғозиёни кунгардон се-чаҳор нафар аз сарбози Русия буд, ки аз ақиби куни онҳо ба туфанг оташ медоданд. Ва ҳар тире аз куни шаш нафар ғозӣ гузашта, ба куни ҳафтум сард мешуд...»[11, с. 283].

Чунин тарзу усули тасвири бадеии Аҳмади Донишро муҳаққиқ дар тамоми асар ба мушоҳида гирифта, ба ин далел арзиши бадеии рисолаи таърихии нависандаро бузург арзёбӣ менамояд ва ба хулоса меояд, ки «ин

асари Аҳмади Дониш барои таърихи афкори сиёсиву иҷтимоӣ чӣ қадар қимату аҳаммият дошта бошад, дар таърихи адабиёт низ ба ҳамон дараҷа қадру манзалат ва таъсири бузурге дорад» [11, с. 284].

Дар тули солҳои зиндагӣ ва фаъолияти эҷодиаш Расул Ҳодизода доир ба мухтассоти мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии осори дигар намояндагони даврахои гуногуни адабиёти гузашта ва муосири тоҷик низ таҳқиқоти қобили мулоҳизаро ба анҷом расонидааст, ки баъзеи онҳо аз назари методологӣ ва таҷрибаи таҳқиқ қобили мулоҳиза мебошанд. Дар ин замина, нахуст аз мақолаҳои ӯ «Дар бораи санъати назми Рӯдакӣ» ва «Сардафтари назми классикии тоҷик устод Рӯдакӣ» ёд хоҳем кард, ки дар онҳо хусусиятҳои мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии шеъри шоир дар ҳамбастагӣ бо ҳам таҳлил ва арзёбӣ шудаанд.

Расул Ҳодизода дар мақолаи аввал қабл аз ҳама, санъатҳои шеъриеро, ки дар асарҳои илмӣ-бадеии форсии тоҷикӣ, мисли «Тарҷумон-ул-балоға»-и Родуёнӣ, «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашиди Ватвот, «Ал-Муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ ва «Маҷмаъ-ус-саноеъ»-и Низомиддин Аҳмади Сиддиқӣ зикр гардида, барои шарҳу тавзеҳи абёти Рӯдакӣ оварда шудаанд, нақл менамояд, ки аз бист санъат иборат мебошанд. Ин донишманд нокифоя будани он чиро, ки муаллифони осори зикршуда овардаанд, дарк карда, иловатан ба тарзи корбурди санъатҳои дигар, амсоли таҷнис, табъйин, тафсир, суолу ҷавоб ё мурочиат, руҷуъ, ирсолулмасал, иғроқ ва истиора мепардозад ва хусусиятҳои асосии саноеъи зикршударо дар таҷрибаи шеърии Рӯдакӣ мутаносибан бо мундариҷаву ғоя ва бадеияти ашъори шоир таҳлил ва арзёбӣ менамояд. Ӯ омили асосии эҳсосбарангезӣ ва таъсиргузории ашъори шоирро дар он мебинад, ки шоир «дар тамоми санъати шеърӣ... ҳеҷ гоҳ ба фикрҳои муҷаррад, торик ва образҳои абстрактӣ роҳ надода, ҳамеша ба воқеият, ба ҳаёти зинда мурочиат кардааст» [122, с. 125]. Муҳаққиқ дар ин арзёбиҳо «назарияи бунёдии эстетикаро дар бораи ягонагии шаклу мундариҷа» ба асос гирифта, дар айни замон ин назарияро барои амалӣ сохтани равиши таҳлилии

тасвири бадеӣ огоҳона истифода кардааст [122, с. 111], ки диди тозаи ӯро дар шинохти ин масъала мушаххас месозад.

Дар мақолаи дувум «Сардафтари назми классикии тоҷик устод Рӯдакӣ» Расул Ҳодизода ашъори шоирро муфассал таҳлил карда, дар борaи аҳаммият, хусусиятҳои мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии ин осор андешаҳои худро баён кардааст. Муҳаққиқ таҳқиқи ин масъаларо дар алоқамандӣ бо давраҳои зиндагии Рӯдакӣ анҷом дода, дар ин замина ҳунари тасвиргарӣ ва моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеии ӯро дар намудҳои гуногуни шеър низ ба таври мушаххас арзёбӣ намудааст.

Муҳаққиқ ашъори боқимондаи Рӯдакиро на фақат фарогири лаҳзаҳои ҷудогонаи зиндагии ӯ медонад, балки дар онҳо дарҷ шудани воқеаҳои бузурги иҷтимоӣ ва ахлоқиро низ таъкид ва таъйид менамояд. Ба мушоҳидаи ӯ, андешаҳои инсондӯстӣ, адолатпарварӣ, нафрат ба зулм, ситоиши хирад, тавсифи илм ва монанди инҳо бунмояи мундариҷаи осори шоирро ташкил дода, барои инъикоси хостаҳои маънавиаш Рӯдакӣ аз воситаҳои гуногуни бадеӣ ҳунармандона истифода кардааст.

Расул Ҳодизода мазмуну мундариҷа ва ғояи ашъори шоирро дар алоқамандӣ бо жанри шеърҳо таҳлил карда, ба хулоса меояд, ки қисми зиёди ашъори Рӯдакиро, бешубҳа, қасидаҳое ташкил мекунанд, ки ӯ ба мадҳи амирони сомонӣ, ба қаҳрамонии сарлашкарони онҳо ва шахсони дигари боломансаб бахшидааст. Қасидаи дигари Рӯдакӣ «дар мусибати айёми пирӣ навишта шудааст». Пораҳои боқимондаи як қасидаи дигар васфӣ буда, мундариҷаи он аз тавсифи баҳор ба ҳам омадааст. Ба мушоҳидаи Расул Ҳодизода, бештарин қисмати ашъори шоир «аз таронаҳои ошиқона иборат» буда, сохтори мундариҷавии онҳоро «васфи ишқу маъшуқа, маю хурсандӣ, аҳволи руҳияи шоир» ба ҳам овардааст. Қисми дигари ашъори шоир аз марсия иборат буда, чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии баъзе шахсиятҳо, аз ҷумла Муродӣ ва Шаҳиди Балхиро муҷассам сохтааст.

Расул Ҳодизода бузургии Рӯдакиро дар он дидааст, ки дар ашъори ӯ на танҳо лаҳзаҳои ҷудогонаи зиндагии шахсии ӯ, балки воқеаҳои бузурги

иҷтимоӣ низ инъикос ёфтаанд. Дар матни ин гуна воқеиятҳо ҳадафҳои ғоявию бадеии ӯ барҷаста нишон дода шудааст. Дар ин замина, муҳаққиқ аввал дарунмояи баъзе шеърҳои Рӯдакиро таҳлил карда, сипас ҷанбаи ғоявӣ ва бадеии онҳоро мушаххас намудааст. Ба андешаи мо, ин усули таҳқиқи ӯ аз ибтидои фаъолияти эҷодиаш зери таъсири мактаби марксистию ленинии адабиётшиносӣ ҷараён гирифта, адабиётро ҳамчун зуҳуроти ҳаёти ҷамъиятӣ, ки ба таҳлили иҷтимоӣ асос ёфтааст, баррасӣ менамуд. Ин равиши таҳқиқ, ки ҷанбаи амиқи иҷтимоӣ ва мафкуравӣ дошт, хосси адабиётшиносии шуравӣ буд ва табиист, ки Расул Ҳодизода наметавонист аз он фосила гирад. Аксари мақолаҳое, ки ӯ дар солҳои панҷоҳу шаст навиштааст, аз ҷумла мақолаи зикршуда ҳамин гуна хусусият доштанд.

Зери таъсири ҳамин усули таҳқиқ муаллиф мазмуну мундариҷа ва ғояи шеъри Рӯдакиро дар самтҳои зерин аз назар мегузаронад:

а) тасвири «нобаробарии иҷтимоӣ ва хорию зиллати аҳли илму хирад»;

б) ташвиқи илмдӯстӣ, донишомӯзӣ, инсондӯстӣ ва ғайра;

в) фарогирии суханҳои ҳикматомез ва хислатҳои неки инсонӣ;

г) таҷрибаи ҳаётро меъёри асосии маърифат шинохтан ва монанди инҳо [73, с. 23-24].

Бо назардошти самтҳои зикршудаи мавзуиву мундариҷавии шеъри Рӯдакӣ муҳаққиқ намунаҳое аз ашъори ӯро таҳлил карда, ба хулоса меояд, ки шоир агар дар ифодаи мундариҷа воқеияти реалиро меъёри асосии маърифат ва тасвир қарор дода бошад, «дар санъати шеър низ ҳаёти зиндаро манбаи бепоён мешуморад». Ин суханонро ба тарзи дигар маънидод карда, меафзояд: «вай (яъне Рӯдакӣ-А.К.) барои ифодаи ҳаяҷони қалб, барои тасвири табиат ё ҳолати руҳии қаҳрамони лирикӣ чунон образҳои зиндаи махсусро интихоб мекунад, ки хонанда онро гӯё ҷисман ҳис менамояд. Вай ба фикрҳои муҷарраду торик роҳ надода, суханҳои баргузида, ташбеҳу истиораҳои равшанро кор мефармояд». Дар ин замина, Расул Ҳодизода «хусусияти дигари санъати баланди назми Рӯдакӣ»-ро дар забони рехта, осонфаҳм ва корбурди ҳунармандонаи ибора, зарбулмасалҳои халқӣ мебинад ва ба ин

васила, бо суханҳои содаву андак фикрҳои баландро ифода карда тавонистани ӯро камоли ҳунари шоирӣ ва бадеияти шеъри ӯ ба қалам медиҳад [73, с. 26-27].

Расул Ҳодизода дар фаъолияти илмиаш, бахусус дар таҳқиқи таърихи адабиёт ва осори адибони давраҳои гуногун мисли аксари муосиронаш зери таъсири «талаботи эстетикии замон» ва «махсусиятҳои иҷтимоӣ-психологии» шоеъ дар ҷомеаи он замон [157, с. 87-88] ба ҷараёни адабӣ, мундариҷа, ғоя ва бадеияти осори адибон баҳо додааст, ки гоҳо ба ҳақиқати воқеияти ҳаёти адабӣ ва замон мувофиқат намекунад. Ҳол он ки чунонки донишмандон исбот кардаанд, «чеҳраи ботинӣ ва маънавии адиб, дидгоҳҳои ҷаҳоншиносии ӯ дар натиҷаи таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла омили биологӣ низ шакл мегирад. Вале агар таҷрибаи ҳаётии нависандаро ҳамчун шаклдиҳандаи «ман»-и эҷодии ӯ аз назар гузаронем, маълум мешавад, ки бо ҳама махсусиятҳояш наметавонад бо хусусияти шахсии ҳодисаи фардиву биологӣ як бошад» [175, с.86]. Мутаассифона, дар аксари таҳқиқоти Расул Ҳодизода, ки наметавонист аз хати кашидаи сиёсати давр берун барояд, ҳамин гуна фаҳмиши яктарафа вуҷуд дорад. Ин равиши манфии дидгоҳҳои ӯ дар таҳқиқи мундариҷаю ғоя ва бадеияти осори шоирони давраи салҷуқӣ зиёдтар ба мушоҳида мерасад, ки баъзе паҳлуҳои онро аз назар мегузаронем.

Ҳаёту фаъолият ва осори шоирони машҳури давраи салҷуқӣ, аз ҷумла Муиззӣ, Рашидаддини Ватвот, Асириддини Ахсикатӣ, Сайфи Исфарангӣ, Заҳири Форёбӣ ва Анварии Абевардӣ объекти пажуҳиши ӯ муқаррар гардида, дар ин поя бархе аз ҷанбаҳои мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии ашъори шоирони мавриди назар нишон дода шудаанд. Аз ҷумла, ба назари ӯ мундариҷаи осори Муиззиро асосан, «мадҳу ситоиши ҳукмронҳои салҷуқӣ» ташкил дода, фақат дар тарзи нигориши ӯ тозагиҳоеро ба мушоҳида гирифтааст, ки норасост. Дар асл, шинохти амиқи сохтори мундариҷавӣ ва бадеии осори Муиззӣ дар асоси идорок ва фаҳми муҳтавои ғолиб ва сохтори ҳунарии ашъори ӯст, ки аносири калидии он муҳтаво, ғоя ва наҳваи баёни он аст. Дар ин росто, аносири муҳтаво- мазмун ва ғоя дар таҷрибаи шеърии

Муиззӣ таркиби ғоя ва сохтори ҳунарии кулли осори ӯро шакл медиҳанд ва мавзуи мавриди назари шоирро тақвият бахшида, асарро ба сӯйи ваҳдати ҳунарӣ ҳидоят мекунанд. Илова бар ин, агар ба гуфтаи Овнер Зис таваҷҷуҳ намоем, «Андешаҳо дар ҳунар ҳамеша ба воситаи масолеҳи мушаххас, ки аз зиндагӣ ахз шуда ва мазмуни асарро месозанд, иблоғ мешаванд. Мазмун иборат аз силсилаи падидаҳои маъхуз аз зиндагӣ аст, ки дар як асари хос тасвир мешаванд. Мазмун сирфан масолеҳи маъхуз аз зиндагӣ нест, балки ҷои баҳое аз ин масолеҳ ҳаст, ки дар асар мавриди ворасӣ қарор гирифта ва ба хонанда, бинанда ва шунаванда арза мешавад» [35, с. 121]. Ба ин далел, мазмун ва мундариҷаи осори Муиззӣ пурвусъат буда, дар маҷмуъ сохтори ҳунарии онро, ки иборат аз тарзи фарогирии мавзуъ, тасвир, таъбир ва тафсири шоир аз воқеиятҳои зиндагӣ ва ҳаёти худаш аст, мушаххас месозад, ки аз назари Расул Ҳодизода дур мондааст. Ҳол он ки мо ҳақ надорем, ки ӯро билкул, як «шоири дарборӣ, ҳамчун ифодакунандаи манфиатҳои давлати феодалӣ» [28, с.59] ба шумор оварда ва «аз навъе ҳаловати табиӣ»-и [34, с.112] осораш, ки баёнгари қареҳаи шоирӣ ва андешаи созандаи ӯст, сарфи назар кунем. Баръакс, шеъри ин шоир дар баробари фарогирии «иттилооти марбут ба рӯйдодҳои таърихӣ, дастабандиҳои роиҷ дар дарборҳо» [34, с.116], вазъи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва равонии ҷомеа ва табақоти мустабиду таҷовузгари он замонро низ ба хубӣ инъикос намудааст, ки ин паҳлуи ҳунари шоир аз назари муҳаққиқ дур мондааст.

Ҳарчанд назари Расул Ҳодизода ба сохтори мундариҷавию ғоявии ашъори Муиззӣ маҳдуд ва ғайривоқеӣ бошад ҳам, бо вуҷуди ин, ӯ тавонистааст, хусусиятҳои бадеии тарзи нигориши шоирро воқеъбинона ба қалам оварад. Аз ҷумла, ӯ ба таври хос, афкори худро дар мавриди ҳунари воло ва беҳтарин вижагиҳои шеъри Муиззӣ баён карда, аз ин назар, ӯ шоирро дар зумраи беҳтарин шоирони замон қарор медиҳад ва таъсири ӯро ба тамоюли умумии забон ва сабки назми он замон таъйид мекунад.

Ба назари ин донишманд, Муиззӣ дар назм анъанаҳои беҳтарини сабки хуросониро инкишоф дода, бо «соданависӣ ва тарзи реалистии тасвири

бадеӣ» хусусиятҳои хосси сабки худро мушаххас намудааст. Ба мушоҳидаи ӯ, Муиззӣ «дар тамоми ашъори худ аз фикрҳои печида ва тарзи баёни пӯшида сарфи назар кардааст. Бо ташбеҳу истиораҳои равшан, ифодаҳои табиию барҷаста, мақолу мисолҳои халқӣ шоир қасидаҳои пурдабдаба ба вуҷуд овардааст, ҳиссиёти амиқи лирикаи ишқиро ифода карда тавонистааст» [28, с.59-60].

Расул Ҳодизода дар сабк ва санъати назми Муиззӣ як хусусияти дигареро, ки пеш аз ӯ дар шоирони сабки хуросонӣ кам дида мешуд ё ҳеҷ мустаъмал набуд, нишон дода, аз ҷумла менависад: «Шоир дар бисёр қасидаҳои худ ба шакли зоҳирии шеър, ба суханбозӣ ва иборатоҳ майли зиёде дорад. Вай кӯшиш мекунад, ки бо маҳорати сухандонӣ дар як шеър ибора ё калимаҳоро такрор намуда, тамоми тобишҳои маънавии онҳо, мавқеу мақоми истеъмоли онҳоро пурра ифода намояд» [28, с.61]. Ба ин тарзи нигориши Муиззӣ назари Расул Ҳодизода манфӣ аст, ки наметавон қабул кард. Зеро дар корбурди шоир калимаҳо шаклан такрори ҳам буда, дар асл ба ҳам монанд ва аз ҷиҳати маъно фарқ доранд, мисли парвин, насрин, Чину чину чин ва ғайра. Ин гуна такрор дар сабки нигориши ин шоир маъниро маҳдуд накарда, баръакс тавсиа бахшидааст.

Баъди баёни андешаҳои ба ҳам зид муҳаққиқ эҷодиёти Муиззиро аз ду ҷиҳат пураҳаммият медонад, ки яке «сабку забони содаи адабиёти асри X ва нимаи аввали асри XI-ро бомуваффақият давом ва инкишоф» додан ва дигаре «санъат ва забони шеърро бо образҳои нави реалистона, алфоз ва луғати забони гуфтугӯӣ, бо унсурҳои адабиёти даҳонии халқ бой» гардондан будааст [28, с.62]. Ин андеша хилофи мулоҳизаҳои интиқодии ӯ буда, чеҳраи асосии ҳунарии Муиззиро мушаххас месозад.

Адиб Собири Тирмизӣ аз шоирони дигарест, ки Расул Ҳодизода дар бораи сохтори мундариҷавӣ ва бадеии осори ӯ ба таври мухтасар сухан кардааст. Муҳаққиқ қасидаҳои шоирро билкулл, мадҳӣ ҳисобида, ба чунин хулоса меояд, ки «мазмуни ин қасидаҳо аз мадеҳаҳои муосирони ӯ фарқ намекунад: Собир кӯшидааст, ки мамдуҳи худро ҳар қадар мумкин аст, бо

муболиғаҳои том, санъати баланди каломи бадеӣ мадҳ намояд» [28, с.65]. Вале муҳаққиқ дар ин замина имтиёзи қасидаҳои шоирро дар он мебинад, ки дар онҳо Адиб Собир бисёр фикрҳои ахлоқиву тарбиявӣ, панду насиҳат ва ҳатто баъзан оҳангҳои иҷтимоиро низ дохил намудааст. Илова ба ин, бо таъсири қасидаҳои суфиёнаи Саноӣ ва баъзе қасидаҳои дар ҳамин руҳия навиштаи Муиззӣ ин шоир қасидаҳои пессимистонаи зуҳдпарварӣ ва хилватгузинӣ низ навиштааст. Вале ба мушоҳидаи ин донишманд, вақте кас ташбиб ва ғазалҳои лирикии шоирро дар васфи маю шароб, хурсандиҳои зиндагӣ, нашъаи васли ёр, тасвири баҳор ва монанди инҳо мехонад, ба хулоса меояд, ки чунин қасидаҳо тамоми ҷаҳонбинии шоирро инъикос накарда, балки аксари онҳо дар айёми пирӣ ё зери фишорҳои зиндагӣ навишта шудаанд. Зайли намуна муҳаққиқ пораи зеринро аз як қасидаи шоир мисол меоварад:

Ҷавр аз ин баркашида айвон аст,
Ки дар ӯ Муштариву Кайвон аст.
Дами сарде, ки мекашад мардум,
Ҳама з-ин баркашида айвон аст.
Одамизодро дар ин айвон
Ҷавр анвову ранҷ алвон аст.
...Зиндагиро завол дар пеш аст,
Зиндаи безавол Яздон аст.
...Тӯшаи ту на кӯзаи об аст,
Тӯшаи ту на суфраи нон аст-
Зуҳду инсофу тоату тақвист,
Илму имону адлу эҳсон аст [28, с.65].

Расул Ҳодизода дар ашъори Адиб Собир тасвири мавзуъҳои лирикӣ, яъне тараннуми ишқи олии инсонӣ, васфи ишқи поку беолоиш ва ҳисси некбинонаро ба зиндагӣ мушоҳида карда, дар ташбиб, ғазал ва рубоиёти шоир ифода ёфтани чунин мавзуъҳоро ба таври мушаххас нишон додааст. Муҳаққиқ корбурди забони содаву равон, сабки дилнишин, таъбироти ба

забони гуфтугӯии мардум наздикро аз мухтассоти тарзи нигориши шоир ба қалам оварда, ӯро ҳамчун намояндаи муваффақи равияи услубие медонад, ки дар Хуросону Мовароуннаҳри садаи XII имтиёз дошт [28, с.66-67].

Расул Ҳодизода дар пайванд бо воқеияти замони Салҷуқиён дар бораи Рашидаддини Ватвот ва осори ӯ низ аввалин маълумотро пешниҳоди алоқамандони адабиёт намудааст, ки як паҳлуи онро шарҳу тавзеҳи сохтори мундариҷавӣ ва бадеии ашъори шоир ташкил медиҳад. Ватвотро муҳаққиқ аз шоирони қасидасарое муаррифӣ кардааст, ки бештарини чунин осорашро дар мадҳ ва ситоиши Отсизи Хоразмшоҳ, вазирони дарбори ӯ, султон Санҷари Салҷуқӣ ва дигар арбоби давлат сурудааст. Ғайр аз ин, вай ғазал, рубоӣ ва қитъаоте низ гуфтааст, ки мазмуну мундариҷаи онҳоро тараннуми ишқ ташкил медиҳад.

Муҳаққиқ пораҳое аз ашъори Ватвотро таҳлил карда, мазмун ва мундариҷаи онҳоро мушаххас намудааст, ки «фикрҳои ниҳоят пурмазмуни фалсафию илмӣ, тарбиявию ахлоқӣ» ҷузъе аз он будааст. Ҳамчунин, ба мушоҳидаи ӯ, ашъори шоир ҷанбаи таблиғӣ дошта, ҳукмдорони замонро дар ин гуна осораш ба «адлу инсоф, раиятпарварӣ, обод доштани мулк тарғиб» [53, с.68] кардааст, ки намунааш пораҳои зерин аст:

Мар-мулкро ба адл субот асту интизом,
Мар-адлро ба илм зуҳур асту иштиҳор.
Бе адл нест кунгураи мулк муртафеъ,
Бе илм нест қоидаи адл пойдор.
Эъломи адлро ба масоӣ баланд кун,
В-арбоби илмро ба аёдӣ нигаҳ дор.

Ва ё:

Чун ба ту Эзид зумоми ҷумлаи олам супурд,
Ту ба олам дар тариқи бахшишу некӣ нигар.
Бар халоиқ дод кун, зеро ки дар офоқ нест
Назди Эзид кас гиромитар зи шоҳи додгар.
Симу зар дар ваҷҳи номи нек неҳ, к-аз рӯи ақл

Ҳаст ганҷи некномӣ беҳ зи ганҷи симу зар [28, с.68].

Расул Ҳодизода сабки шеъри Ватвотро «ба ду тарз» тақсимбандӣ карда, якеро идомабахши «сабку услуби шоирони Хуросону Мовароуннаҳр, ки давоми анъанаҳои шоирони асри X ва аввали асри XI» мебошад, таъбир мекунад, дигареро гароиш ба сабки ороишӣ медонад, ки корбурди саноеи лафзӣ дар он имтиёз дошта метавонад ва барои асоснокии гуфтораш такя ба қавли Бадеъуззамон Фурӯзонфар мекунад, «аз маонии дақиқ ва эҳсосоти латиф, ки появу мояи шеъри ҳақиқист ва қимати шеърро бад-он меъёр бояд санҷид, орӣ ва отил монда ва ба ҳеҷ қисм дар дили хонанда таъсир намекунад» [28, с.69].

Шеърҳое, ки шоир ба тарзи аввал навиштааст, ниҳоят равон ва таъсирбахш буда, дар ин гуна шеърҳо ҳиссиёт ва самимияти қалби шоир бо шеъри равону самимӣ ҳамхонии тамом дорад. Расул Ҳодизода бе таҳлили мушаххаси шеъри Ватвот чунин натиҷагирӣ карда, фақат барои нишон додани маҳорати шоир дар истифодаи истилоҳот ва мафҳумҳои илмӣ ба таҷрибаи шоир истинод мекунад.

Таҳқиқоти ин донишманд дар бораи Асириддини Ахсикатӣ, Сайфи Исфарангӣ ва Заҳири Форёбӣ то ҷое умумӣ ва аз таҳлили мушаххас холӣ бошад ҳам, дар боби хусусияти мундариҷавӣ ва бадеии осори ин шоирон баъзе нуктаҳои қобили мулоҳиза дорад. Аз ҷумла, муҳаққиқ хусусиятҳои мундариҷавии осори Асириддини Ахсикатиро таҳлил карда, ба ин натиҷа расидааст, ки «қисми зиёди мероси адабии Асириддинро қасида ташкил мекунад. Қасидаҳои шоир аксар дар ситоиши ҳукмронҳое, ки дар Ироқ ва Озарбойҷон салтанат доштанд, бахшида шудааст. Асир мамдуҳони худро, монанди бисёр шоирони муосираш дар ниҳояти иғроқу муболиға, мувофиқи қоидаҳои санъати сухани он замон бо як маҳорати баланд мадҳ гуфтааст. Аммо дар зимни ин мадҳияҳо руҳи озод ва лоқайдонаи шоирро равшан ҳис кардан мумкин аст» [28, с. 72].

Омили асосии пайдоиши фикрҳои озод ва ҷасуронаро дар осори Асириддин муҳаққиқ дар он дидааст, ки Асир низ монанди Заҳири Форёбӣ

вобастаи ягон дарбор ва сулолаи ҳукмрон набудааст. Ӯ аз солҳои ҷавонӣ то охири умр ҳамеша як зиндагии нооромона дошта ва хонабардӯш будааст. Ин зиндагии талх, ки омили таҳкимбахши он вазъи сиёсии замон будааст, ба андешаву орои ӯ таҳрик бахшида, ӯро ба гуфтани шеърҳое водоштааст, ки пораҳое аз онҳоро дар зер иқтибос мекунем:

Кушт маро пойбозии замони шӯх,
Сӯхт маро дасткории фалаки хом.
Зоғи сапед аст бози фазл, бад-он ман
Узлати симурғ ҷустаам зи пайи ном.
Хидмати ҷуҳҳол кам кунад, ки фузун аст,
Пояи нутқам зи қади кӯтаҳи афҳом.
Хидмати шоҳони вақтро ба саодат
Гардани силӣ бибояду лаби дашном.

Ҳамчунин:

Ин забон к-андар ин даҳони ман аст,
Сабаби меҳнату зиёни ман аст.
Дар даҳонам ҳамеша ҳаст ниҳон,
В-ошкоркуни ниҳони ман аст.
Ман бад-ӯ хуррамам, ки ҳама ҳол
Асли сармояи дукони ман аст.
Малакулмавти ҳар касе пайдост,
Малакулмавти ман забони ман аст [28, с.73].

Назар ба мушоҳидаи Расул Ҳодизода, мундариҷаи баъзе шеърҳои шоирро шикояти вай аз сахтиҳои замон ва бедодиҳои аҳли он ташкил дода, дурӣ аз кашмакашҳо ва ба осоишу роҳат ва қаноат гузарондани умр ормони ҳамешагии шоир будааст. Муҳаққиқ ҳарчанд миёни тарзи нигориши шоир ва муосиронаш монандиҳо дидааст, аммо сабки хосси ӯро эътироф карда, корбурди ҳунармандонаи истилоҳоти илмию фалсафӣ ва саноеи лафзию маънавиро, ки мазмуну мундариҷаро такмил бахшидаанд, аз паҳлуҳои таъсиргузори тарзи нигориши ӯ донистааст. Дар ин замина, муҳаққиқ ифодаи

ҳиссиёти баланди шоирона, сабки равон, ташбеҳу истиораҳои равшану таъсиргузорро аз ҷиҳатҳои муҳимми фарқкунандаи сабки бадеии Асириддини Ахсикатӣ шинохта, барои таъйиди назараш ба баъзе аз қасидаҳо ва ғазалиёти шоир мисол мезанад. Бахусус, ғазалиёти ӯро бо саршории ҳисси самимии инсони муҳаббатоин аз навиштаҳои муосиронаш тафовут дода, зайли намуна порае аз ғазали зеринро мисол меоварад:

Нимшабон дилбараки ниммаст,

Баҳри сабӯҳӣ зи барам ҷуст ҷаст.

Бонг баровард зи шодӣ, ки кӯ

Он ки тилисми дари ғам ӯ шикаст?

Бистад аз ӯ ҷом ба болини ман,

Танг ба бар омаду пешам нишаст...[28, с.75].

Ҷустуҷӯҳои Расул Ҳодизода дар бораи аҳвол ва осори Сайфи Исфарангӣ, бахусус мазмун ва мундариҷаву бадеиёти шеъри ӯ муҳим ба назар мерасад. Аз ҷумла, ӯ ба вижа ситоиши маъшуқ, бозтоби рӯйдодҳои таърихӣ, шарҳи зиндагии худ ва шикоят аз сарнавиштро аз мухтассоти шеъри шоир дониста, дар осори ӯ ба мавзуъҳои ишқу муҳаббат, ситоиши баҳору пойиз, тасвири шаб, осмон, моҳу ситорагон, субҳи дилрабо ва ситоиши шеъру суханро ба унвони имтиёз дар сохтори муҳтавои ашъори шоир медонад.

Расул Ҳодизода ба мушоҳида мегирад, ки дар эҷодиёти Сайф танқиди шахсони ҷоҳил, шоирони нодону ёвагӯй хеле бисёр буда, ин гуна шахсон дар дарбори садру амирон ба мартабаҳои олӣ расида, сабабгорӣ ба дараҷаи пастӣ расидани шеър гардидаанд ва абёти зерро ба масобаи намуна меоварад:

Ҳаст ҳунар шойгон назди хирад ҳар куҷо,

Ганҷи маонӣ бувад бадраи он шойгон.

Шеър дар ин рӯзгор нағмаи булбул шудааст,

Назди бузургони даҳр некхушу ройгон [28, с.84].

Дар баробари ин, Расул Ҳодизода таъкид медорад, ки «Дар қасидаҳои Сайф фикрҳои пешқадам, ташвиқи ахлоқи ҳамида ва некӯкориро мебинем. Шоир шоҳонро ба некӯкорӣ, адлу инсоф ва хирадмандӣ даъват мекунад:

Ба фазлу базл бимон ном, аз он ки мардумро

Чу монд номи накӯ беҳтар аз ҳазор халаф.

Ба чашми адл назар кун, ки дар саҳифаи даҳр,

Чӣ хайр монда ба ҷуз ном ёдгори салаф» [28, с.85].

Мушоҳидаҳои муҳаққиқ дар бораи ҳунари шоирии Сайфи Фарғонӣ тоза буда, хусусияти хосси тарзи нигориши ӯро баландии санъати шеъраш донистааст. Дар заминаи маълумоти тазкираҳо ва муқоисаҳои худ ба хулоса меояд, ки шеъри Сайф баланду равон ва мумтоз буда, забонаш суфта ва ҳамафаҳм мебошад. Ба назари ӯ, «Сайф баъзан, чунон сода ва ҳамафаҳм менависад, ки ашъори ӯро аз эҷодиёти халқ фарқ кардан мушкил мешавад». Барои таъйиди назараш муҳаққиқ пораи зерро аз шеъри шоир мисол меоварад:

Ранги шафақ аз акси рухи зарди ман аст,

Боди саҳарӣ аз нафаси сарди ман аст.

Дар чашми хушат, ки ҷони ман куштаи ӯст,

Он сурхии хуни дили пурдарди ман аст [28, с. 85].

Расул Ҳодизода услуби соданависӣ, махсусан, дар ташбиби қасидаҳо, ғазалиёт, рубоиёт ва тарҷеот ва инъикоси ҳиссиёти баланди инсонӣ ва ширинсухании Сайфро аз имтиёзоти тарзи нигориши ӯ ба шумор меоварад ва аз таҷрибаи шеъриаш дар заминаи корбурди саноеъи лафзиву маънавӣ мисолҳо нақл мекунад, ки дар таъкид ва таъйиди ҳунари шоирии Сайфи Исфарангӣ мебошад.

Расул Ҳодизода дар фасли «Анварӣ»-и китоби «Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV» нахуст дар бораи аҳвол ва осори Анварӣ маълумоти муфассал дода, сипас, баъзе паҳлуҳои хусусияти мундариҷавӣ ва бадеии ашъори шоирро таҳлил ва арзёбӣ менамояд, ки дар шинохти ҳунари шоирии

Анварӣ дар замони таълифи асари ӯ қадами аввал ва пурмоя ба шумор меравад.

Ин донишманд мероси адабии то замони мо расидаи Анвариро аз қасида, қитъаот, ғазалиёт ва рубоиёт иборат дониста, дар ин замина мавзуву мундарича ва хусусиятҳои бадеии осори шоирро муайян менамояд, ки диди тоза ва воқеии ӯро дар шинохти масъалаи мавриди баҳс нишон медиҳад. Ба назари ӯ, мазмуну мундариҷаи қасоиди Анвариро, пеш аз ҳама, мадҳу ситоиши султони вақт– Санҷар ташкил дода, дар баъзе мавридҳо воқеоти таърихӣ ва лаҳзаҳои зиндагии шоир низ мавриди тасвир қарор гирифтаанд, ки аксаран дар зимни мадҳияҳо оварда шудаанд. Дар баъзе қасидаҳо мавзуи вазъи ноҳинҷори зиндагии шоир ва ҷомеа, ки ба сабаби фитнаву дасисаҳои ҳасудон ва ҷангу хунрезиҳои байниқабилавӣ рӯй додааст, тасвир шудааст, ки моҳияти назари иҷтимоиву ахлоқии шоирро бозгӯ менамояд.

Ба мушоҳидаи Расул Ҳодизода, лаҳзаҳои гуногуни зиндагии шоир, ҷаҳонбинии ӯ, андешаҳои иҷтимоиву интиқодӣ ва назари илмиву адабӣ асосан, дар қитъаҳои шоир инъикос ёфтаанд. Дар ин замина муҳаққиқ мундариҷаи қитъаҳои шоирро ба тариқи зер дастабандӣ кардааст: «1. Фикрҳои танқидии шоир нисбат ба ҷамъият ва табақаҳои ҳукмрони он. 2. Тасвири лаҳзаҳои ҷудогонаи зиндагӣ ва аҳволи руҳияи шоир. 3. Назарҳои илмӣ-фалсафӣ, фикрҳои пандомӯзона (дидактикӣ). 4. Назари Анварӣ ба шеъру шоирӣ (махсусан, вобаста бо шароити замони худ). 5. Ҳаҷви шахсони ҷудогона. 6. Мадҳу ситоиши ҳокимон, олимон ва дигар шахсони намоёни он давр» [28, с.110].

Чунонки ба мушоҳида мерасад, доираи мундариҷоти қитъаҳои шоир васеъ буда, ҷузъи муҳимми эҷодиёти ӯро ташкил медиҳанд ва қимати ғоявию бадеии онҳоро низ муҳаққиқ баланд медонад.

Жанрҳои дигари эҷодиёти Анварӣ, аз ҷумла ғазал ва рубоиёт аз ҷиҳати фарогирии мавзуву мундарича умумиятҳое доранд. Дар ин қисмати осори шоир лирикаи некбинона, зиндадилона ва ишқи воқеии инсонӣ ҷойгоҳи хос доранд.

Ба мушоҳидаи Расул Ҳодизода, дар қитъаҳои Анварӣ, пеш аз ҳама, вазъияти ногувори шоир, ки дар ҷомеа ва муҳити адабии давр ниҳоят сахт буд, ба тасвир омадааст. Ин тарзи тасвири шоир аз доираи шикоятҳои шахсӣ берун буда, ҳамчун таҷассуми фоҷеаи шоири дарбор ба назар мерасад. Ин фоҷеа ба сари бисёре аз шоирони пешина ва баъдӣ омада буд, вале ҳеҷ шоире, бахусус шоири дарборӣ ё ба дарбор алоқаманд ин фоҷеаро мисли Анварӣ ба ин ҷасорат ва ҳаяҷони бузург ифода карда натавонистааст. Муҳаққиқ қасидаи машҳури Анвариро, ки бо байти:

Эй бародар, бишнав ин рамзе зи шеъру шоирӣ,

То зи мо мушти гадоёнро ба мардум нашмарӣ. –

шуруъ мешавад, дар ифодаи ин мавзуъ «нуқтаи олитарин, зубдаи ин навъ шеърҳои» [28, с.111] ӯ медонад. Расул Ҳодизода дар таҳлили хусусиятҳои эҷодии шоир қайд менамояд, ки чунин равиш на танҳо дар мундариҷаи қитъаҳо, балки дар баъзе қасидаҳои ӯ низ мушоҳида мешавад. Ба андешаи муҳаққиқ, дар ин навъи осор шоир баъзан аз чорчӯбаи одоби маъмули адабӣ хориҷ гардида, ба истифодаи ибораҳои тунду ҳатто лафзҳои ғайримеъёрӣ рӯ меорад. Бо вуҷуди ин, чунин услуб ҳамчун интихоби тасодуфӣ не, балки ҳамчун вокуниши маҷбурӣ ба шароити иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад. Яъне, шоир бо истифода аз забони тунд кӯшиш намудааст, ки нисбат ба афроде, ки ба андешаи ӯ сазовори мансабу мақоми ишғолкардаашон набудаанд, муносибати танқидӣ ва эътирозии худро баён намояд. Дар ин замина, корбурди чунин василаҳои баёнӣ бештар хусусияти иҷтимоӣ-интиқодӣ касб мекунад.

Ба мушоҳидаи муҳаққиқ, мазмунҳои танқидии шоир фақат марбути шахсиятҳо набуда, баъзан аз доираи шахс мебаромад ва ба муқобили беназмию беадолатиҳои замону замондорон, ба муқобили ҷаҳолату иртиҷои диндорон ва табақаи ҳоким равона мегардид. Муҳаққиқ дар ин хусус намуна қитъаи зерро меоварад:

Рубъи маскун одамиро буд-деву дад гирифт,

Кас намедонад, ки дар офоқ инсонӣ куҷост.

Давр-даври хушксоли дину қаҳти дониш аст,

Чанд гӯӣ: фатҳи мое кӯву бороне куҷост.

...Осмон бехи камол аз хоки олам баркашид,

Ту занах мезан, ки дар ман ганҷу нуқсоне куҷост.

Хокро тӯфон гар ғусле диҳад, вақт омадаст,

Эй дареғо, доие чун Нуҳу тӯфоне куҷост? [28, с. 112].

Расул Ҳодизода махсусиятҳои сохтори мундариҷавии ғазалиёт ва рубоиҳои Анвариро ба мушоҳида гирифта, аз ҷумла навиштааст, ки «Анварӣ аввалин шуда ба тарзи ҷиддӣ мазмуни лирикиро аз вобастагию тобеияти мадеҳасароӣ берун овард ва ин мавзуъро дар ғазал вусъат дода, дар инкишофи ин жанри лирикӣ хидмати шоистае кард». Ба мушоҳидаи ӯ, дар лирикаи Анварӣ оҳанг ва мазмуни суфиёна, ки дар он аср дар ғазалиёти Саноӣ ва Аттор ранги умумӣ гирифта буд, хеле кам дида мешавад. Ғазалиёти ӯ тараннум ва ифодаи ишқи ҳақиқӣ ва бузурги инсонист. Аммо ин ишқ фақат муҳаббати бетарафона ва якранг набуда, ишқи покест, ки ба разолату қабоҳати замон муқобил гузошта мешавад. Ба ин далел аст, ки дар ғазалиёти Анварӣ оҳанги шикоят аз замон, тафаккури фалсафӣ ва муҳокимаҳои амиқи инсонӣ, гоҳо норизоӣ ва эътирози иҷтимоӣ роҳ ёфтааст. Дар ҳақиқат, ин фикрҳо аксар вақт дар байтҳои ҷудогонаи ягон ғазали ошиқона, баъзан дар сар то сари ғазалҳои алоҳида ифода ёфтаанд. Муҳаққиқ барои таъйиди назараш ғазали шикоятомези Анвариро мисол меоварад, ки ин аст:

Дӯсте якдилам мебояд,

Агарам хуни дил хӯрад, шояд.

Худ нигаҳ мекунам ба модари даҳр,

То ба умре аз ин яке зояд.

Ҳеч кас нест зери чархи кабуд,

Ки аз он беҳтарак намебояд.

Даст гирди ҷаҳон баровардам,

Пои аҳле ба даст меояд.

Анварӣ, рӯзгор қаҳти вафост,

З-ин хасон ҷуз ҷафот накшояд [28, с.113].

Расул Ҳодизода дар ибтидои фаъолияти эҷодиаш фаро гирифтани мазмунҳои мадҳиро аз махсусияти сохтори мундариҷавии шеъри Анварӣ дониста, бо мурури замон тағйир ёфтани назари шоир ба ин гуна шеърро аз имтиёзоти диди воқеашиносӣ ва ҷаҳоншиносии шоир ба қалам медиҳад. Дар такмили ин равиши ҳунарии шоир муҳаққиқ «унсурҳои материалистии ҷаҳонбинии» [28, с.115] шоирро таъсиргузор дидааст.

Мулоҳизаҳои ин муҳаққиқ дар бораи хусусиятҳои бадеӣ ва сабку забони ашъори Анварӣ низ мухтасар бошад ҳам, баёнгари чеҳраи хосси шоирии ӯст. Расул Ҳодизода мухтассоти ҳунарӣ ва сабкии осори ин шоирро, пеш аз ҳама, «дар душворписандии сабк ва забони шеърҳои Анварӣ» мебинад, ки ду сабаб дорад. Сабаби аввал дар он будааст, ки шоир дар образҳои бадеии худ (яъне, дар корбурди санъатҳои бадеӣ) аз ҳиссиёти воқеии инсонӣ ба андешаҳои муҷаррад (абстракт) мегузарад. Образҳои бадеии ӯро на бо ҳиссиёт, балки бо умқи фикр ва мантиқи дақиқ фаҳмидан мумкин аст. Бисёр шеърҳои ӯ, ба қавли ин донишманд, «на «ҳассосона», балки ба ифодаи Давлатшоҳи Самарқандӣ «донишмандона» навишта шудаанд. Хонанда, пеш аз он ки моҳияти образҳои бадеии шоирро ҳис кунад, бояд моҳияти ин образҳоро ба тарзи муҷаррад бо идроки амиқ дарк намояд. Барои равшан намудани чунин хусусияти бадеии шеъри шоир муҳаққиқ дар мисоли шеъри зер усули тасвири ғуруби офтоб ва фаро расидани шабро нишон медиҳад:

Дӯш султони чархи оинафом,
(Он ки дастури шоҳрост ғулом),
Аз канори набардгоҳи уфуқ
Чун ба дасти ғуруб дод зумом.
Дидам андар саводи турраи шаб,
Гӯшвори фалак зи гӯшаи бом [28, с. 117].

Хулосаи муҳаққиқ аз ин тасвири шоирона ин аст, ки «Шоир «офтоб»-ро «султони чархи оинафом», «ғуруби офтоб»-ро ба «дасти ғуруб зимом додан», «дар торикии шаб намудор шудани моҳ»-ро «дар сиёҳии зулфи шаб пайдо

шудани гӯшвори фалак» мегӯяд. Чунин ташбеҳот ва истиороти печидаву абстрактро на бо ҳиссиёт, балки бо фикри амиқ фаҳмидан мумкин аст» [28, с. 117].

Расул Ҳодизода сабаби дувуми душвории забон ва тарзи нигориши Анвариро дар он дидааст, ки ӯ ҳамчун олим ва донишманди бузург дар шеърҳои худ ба бисёр нуктаву масъалаҳои илмӣ ишора мекунад ва аз онҳо барои ифодаи фикру мақсадаш ҳамчун воситаҳои бадеӣ истифода мебарад. Ин ҳамон санъати талмеҳ аст, ки дар ашъори шоир боз ҳам мазмун ва ғояи амиқ ва пурвусъат касб кардааст. Шоир дар шеъри худ бо ибораҳои муҷаз, ташбеҳу истиораҳои пӯшида ба воқеаҳои таърихӣ, ривоятиву ҳамосӣ, фалсафӣ, илми калом, тасаввуф, илмҳои риёзӣ, табиӣ, нуҷум, ҳайат ва монанди инҳо ишораи саҳеҳ карда, ба ин васила масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқиро ба муҳокима мекашад, ки тарзи тозаи идроки бадеии воқеият мебошад.

Муҳаққиқ паҳлуи дигари тарзи нигориши Анвариро дар заминаи ғазалиёт ва рубоиёти ӯ таҳқиқ карда, забони равон, воситаҳои равшани тасвирро василаи ба вуҷуд овардани образҳои барҷаста, эҳсоси самимонаи ишқ ва дарки табиии вазъи маънавӣ ва ахлоқии инсон ба шумор меоварад. Ин тарзи тасвири шоирро Расул Ҳодизода баёнгари чеҳраи аслӣ ва писандидаи ҳунарии шоир маънидод мекунад, ки дар шинохти моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва сабкии Анварӣ мушоҳидаи тоза ва бодалел мебошад.

Ҳамин тавр, аз таҳлил ва арзёбиҳои дар ин фасл анҷомгирифта метавон ба ин натиҷа расид, ки омӯзиши масъалаҳои мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии осори адибони гузашта дар тули солҳо мавриди таҳқиқи Расул Ҳодизода қарор гирифта, дар ин замина ӯ ба шинохти усулӣ ва равишманди масъалаҳои мавриди назар даст ёфтааст. Аз ҷумла, ҷустуҷӯҳои ӯ дар мавриди баррасии сохтори мундариҷавию ғоявӣ, бадеӣ ва тарзи нигориши осори Аҳмади Дониш, пешгузаштагон ва муосирони вай, ҳамчунин баъзе намояндагони адабиёти аҳди Салҷуқиён, ки бо истифода аз усули

равишманди таҳқиқии таносуби комили сохтори мундаричаву ғоя ва бадеии асар анҷом гирифтааст, аз таҷрибаҳои судманди илмии муҳаққиқ мебошад.

Расул Ҳодизода дар заминаи таҳқиқи муқоисавӣ собит кардааст, ки мундарича, ғоя ва сохтори бадеии осори адибони ҳунарманд ва боҳувият ба воситаи масолеҳи мушаххасе, ки аз зиндагӣ гирифта шудааст, шакл гирифта, дар маҷмуъ сохтори ҷомеи ҳунарии осори онҳоро мушаххас месозад. Сохтори ҳунарии осори адибон аз нигоҳи ӯ, пеш аз ҳама, иборат аз тарзи фарогирии мавзуъ, тасвир, таъбир ва тафсири соҳибони ин осор аз воқеиятҳои зиндагӣ ва ҳаёти худашон буда, корбурди огоҳонаи забон ва воситаҳои тасвирӣ маҳорати онҳоро дар ин замина мушаххас месозад. Паҳлуи дигари ҷустуҷӯҳои ин муҳаққиқро шинохт ва баррасии хусусиятҳои сабкӣ ва забонии осори гузаштагон мушаххас месозад, ки такя ба ҷанбаи ҳунарии тасвир дорад.

## Боби III. Нақши Расул Ҳодизода
## дар ташаккул ва таҳаввули насри таърихии тоҷикӣ
### 3.1. Таҷассуми симои шахсиятҳои таърихӣ
### дар ҳикоя, қисса ва романҳои нависанда

Яке аз вижагиҳои муҳимми насри тоҷикии солҳои шасту ҳафтод ва ҳаштоди садаи бист бо диди шахсиятҷӯӣ ва шахсиятпардозӣ нигаристан ба воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии таърихӣ мебошад, ки равишҳои тозаи ҳунариро дар наср ба вуҷуд овард. Дар ин гуна наср на фақат ҷанбаи инсоншиносии осори бадеӣ тақвият ёфт, балки таваҷҷуҳ ба бунмояҳои миллии таърихӣ, ки дар заминаи ҳувияти миллӣ шакл гирифтааст, низ устувор гардид. Илова ба ин, баъзе нависандагон шахсияти инсонро берун аз талотумҳои воқеиятҳои замон ба тасвир гирифта, эҳсосу андеша ва руҳияи шахсияти таърихиро василаи асосии тасвир ва афкор қарор доданд, ки ин равиш дар насри тоҷикии он солҳо тамоюли нави ҳунарӣ ба шумор меомад. Ин тамоюли ҳунарӣ дар насри тоҷикӣ дар давраҳои аввали инкишоф заминаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ дошта, зери таъсири сиёсат ва идеологияи инқилобии давлати Шуравӣ шакл гирифта буд. Дар ин гуна осор нависандагон асосан, ба тасвири ҷараёни инқилобию озодихоҳӣ ва муборизаи мардуми мазлум гаравида, ба тасвиру таҳлили фаъолияти иҷтимоӣ ва инқилобии табақоте мепардохтанд, ки ба шарофати сиёсати озодихоҳии шуравӣ дар зиндагӣ комёб шудаанд. Омилҳои сиёсии таблиғӣ боис шуд, ки мавзуи таърихӣ ва таърихию инқилобӣ дар насри тоҷикӣ нуфуз пайдо карда, дар инкишофи ҷараёни адабӣ то ҷое таъсири мусбат расонд.

Ҳамин тавр, аз солҳои шастуми садаи гузашта ба ин тараф нависандагони огоҳ ва ҳунарманд талош мекарданд, ки аз дидгоҳи нав ва миллатдӯстона ба воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ нигариста, мавзуъҳоеро мавриди тасвир қарор диҳанд, ки пеш аз ҳама, ҷанбаи миллӣ дошта, қаблан мавриди таваҷҷуҳи нависандагон қарор нагирифта буданд. Дар ин замина, дидгоҳҳо дар роҳи тасвир ва кушодани моҳияти воқеиятҳои таърихӣ ва сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ то ҷое тағйир ёфта, шинохт ва

тасвири моҳияти миллии воқеиятҳо ва бозгӯии сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ аҳаммият пайдо кард.

Дар ин равиши ташаккул ва таҳаввули насри таърихии тоҷикӣ, ки моҳият ва ҷанбаи хосси милливу ҳунарӣ ва бадеӣ дошт, саҳми Расул Ҳодизода калон аст. М. Шукуров (М. Шакурӣ) ҷустуҷӯҳои ин нависандаро дар ин замина марбут ба «инкишофи дигар навъҳои» насри тоҷикӣ дониста, ба чунин хулоса омада буд, ки «ба фикри мо, дар давоми солҳои шаст нашр гардидани чанд асари таърихии Расул Ҳодизода– ҳикояҳои «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» (1965), «Қасидаи доғгоҳ» (1965), «Танбӯри Дилкаш» (1968), повести ҳуҷҷатии «Аҳмади Дониш» (1967) ва хусусан, повести «Сапедадам» (1970) ҳодисаи муҳиммест. Мавзуи ин асарҳо аз ҳаёти шоирони асрҳои X-XI Рӯдакӣ ва Фаррухӣ, танбӯрии машҳури асри XIX Кароматуллоҳи Дилкаш ва маорифпарвари бузург Аҳмади Дониш гирифта шудааст» [93, с.125].

Дар ҳақиқат, равиши эҷодии Расул Ҳодизода дар эҷоди ин гуна осор аз баъзе ҷиҳатҳо ҷолиби диққат мебошад. Нахуст ин ки вай ба тасвири шахсиятҳои барҷастаи миллӣ ва фарҳангӣ ҷиддан ва ҳадафмандона гароиш дошт. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, барои ошкор намудани заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии ташаккули шахсияти марказии асар муҳим ва таъсиргузор буд. Баъдан, нависанда аксаран аз тасвири воқеиятҳои тезутунд ва пурвусъат, ки дар осори бадеии таърихии тоҷикӣ шоеъ буд, парҳез кардааст. Ӯ ин амалро дидаву дониста бо ҳадафи ба тасвир гирифтани ҳиссиёту ҳаяҷон ва андешаҳои шахсияти асар ба кор гирифтааст. Дар ин ҳол, воқеиятҳои пурмоҷаро барои нависанда чандон арзишманд нанамудаанд, балки диққати вай ба он воқеиятҳое равона шудааст, ки дар олами рӯҳӣ ва зиндагии шахсияти асар таъсиргузор будаанд.

Ин равиши эҷодӣ дар таҷрибаи Расул Ҳодизода аҳаммияти калон дошта, ба нависанда имкон додааст, ки диди таърихӣ ва моҳиятҷӯяш ба амалу кирдор ва маънавиёти шахсиятҳои таърихӣ, ки намояндаи миллат ҳастанд, амиқ ва созандатар бошад. Дарки амиқи паҳлуҳои гуногуни таърихи миллат дар замонҳои гуногун ба муаллиф имкон додааст, ки ба давраҳои мухталифи

таърихи миллат ва сарнавишти фарзандони вай таваҷҷуҳ намояд. Ба ин далел, дарки ғоявию бадеии моҳияти марҳилаҳои сарнавиштсози таърихи миллат, шинохт ва пайхас кардани аҳволи шахсиятҳои адабию фарҳангӣ, мисли Рӯдакӣ дар «Бӯи ҷӯи Мӯлиён», Фаррухӣ дар «Қасидаи доғгоҳ», Кароматуллоҳи Дилкаш дар «Танбӯри дилкаш» ва Шамсиддини Шоҳин дар «Парвози Шоҳин», Аҳмади Дониш дар повестҳои «Аҳмади Дониш» ва «Сапедадам» имкон фароҳам овардааст, ки нависанда дарунмояи мусбати маънавии ҳастии миллатро дар мисоли намояндагони давраҳои гуногун ҳамчун рамзи бақо ва идомаи ҳастии ҷисмониву маънавӣ ба тасвир гирад.

Расул Ҳодизода дар заминаи осори ёдшуда тавонистааст, ки нақши таърихии намояндагони барҷастаи миллатро аз ҷиҳати фалсафию зебоишиносӣ бо ҳадафи посдории гузаштаву имрӯз ва ояндаи миллат мушаххас намояд. Як силсила ҳикояҳо ва қиссаҳои дар ибтидои фаъолияти эҷодиаш офаридаи нависанда баёнгари мавқеияти касбӣ ва ҳунарии ӯ мебошанд. Аввалин таълифоте, ки нависанда дар ин замина эҷод кардааст, ҳикояҳои ӯ буда, аз чанд ҷиҳат ҷолиби диққат мебошанд. Вай дар ҳикояҳои «Бӯи ҷӯи Мӯлиён», «Қасидаи доғгоҳ», «Танбӯри дилкаш» ва ғайра, пеш аз ҳама, ба сарнавишти чеҳраҳои таърихӣ ва таъсиргузори адабиёт ва фарҳанги миллат таваҷҷуҳ карда, моҳияти ҳастии инсонӣ ва мавқеи иҷтимоиву фарҳангии онҳоро бо камоли дақиқназарӣ ба тасвир гирифтааст. Ин тарзи тасвир, чунонки М. Шукуров низ ба мушоҳида гирифтааст, «барои инкишофи минбаъдаи он равияи муҳим, ки дар асарҳои устод Айнӣ ва бештар аз ҳама дар, «Ёддоштҳо», инчунин дар насру драматургияи Сотим Улуғзода зоҳир шуда буд, замина ҳозир мекунад. Айнӣ ва Улуғзода лаҳзаҳои алоҳидаи зиндагии зиёиёни намоёнеро ҳамаҷониба аз назар гузаронида, хусусиятҳои муҳимми замонро муайян мекунанд, ҷустуҷӯҳои маънавии фарзандони арҷманди халқро ба мулоҳиза мегиранд. Мақсади Расул Ҳодизода дар ҳикояву повестҳояш ҳамин аст» [94, с. 434].

Ин суханони М. Шукуров чунин маънӣ надорад, ки асарҳои дар ин равиш эҷодкардаи Расул Ҳодизода дар пайравӣ ва ё тақлид ба осори Айнӣ ва

Улуғзода эҷод шуда бошанд. Воқеият ин аст, ки диди моҳиятҷӯ ва ҳунарии Расул Ҳодизода ба таҷрибаи Айниву Улуғзода тозагиҳое ворид кардааст, ки оинаи дили равшанфикрони гузаштаро василаи ифшогари аҳволи замон ва инсон, андешаву орои онон қарор додан ва тасвир кардан баёнгари хусусияти хоси идроки бадеӣ, ҳунари тасвиргарӣ ва имтиёзоти таҷрибаи нависандагии ӯ дар шинохт ва тасвири воқеият ва сарнавишти таърихии шахсиятҳо мебошад. Ба ифодаи дақиқтар, бунмояи тасвирии аксари ҳикояҳои нависандаро таҷассуми бадеии андешаву орои омехта бо ҳиссу ҳаяҷон ва руҳия ташкил медиҳад, ки яке аз василаҳои падид овардани олами маънавӣ, ҳолати равонӣ ва чеҳраи инсониву ҳунарии шахсиятҳои барҷастаи таърихи тоҷикон мебошад.

Соли 1986 Расул Ҳодизода чунин ҳикояҳо ва қиссаҳои таърихиашро дар шакли китоби алоҳида бо номи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» ба чоп расонд, ки дар маҷмуъ ҳикояҳои «Бӯи ҷӯи Мӯлиён», «Қасидаи доғгоҳ», «Парвози Шоҳин», қиссаҳои «Сапедадам» ва «Ишқи духтари Рум»-ро дар бар мегирад. Нависанда дар ин асарҳо сарнавишт ва чеҳраи инсониву ҳунарии шоирони асрҳои X-XI тоҷик-Рӯдакӣ, Фаррухӣ, танбӯрии машҳури садаи XIX Кароматуллоҳи Дилкаш, намояндаи адабиёти маорифпарварии асри XIX Аҳмади Дониш ва сулоладори давлати Сосониён Хусрави Парвизро ба тасвир кашидааст.

Чунонки ба мушоҳида мерасад, қаҳрамонони асосии ҳикояҳову қиссаҳои Расул Ҳодизода шахсиятҳои машҳури таърихи тоҷикон мебошанд ва дар сарчашмаҳои таърихӣ, осори таҳқиқӣ, аз ҷумла таҳқиқоти худи нависанда доир ба аҳволу осор ва роҳи тайкардаи баъзеи онҳо дар зиндагӣ маълумоти фаровон дарҷ шудааст. Худи Расул Ҳодизода дар таҳқиқ ва шинохти аҳволу осори баъзе аз қаҳрамононаш ва арзёбии осори онҳо хидмати мондагор кардааст.

Расул Ҳодизода дар офаридаи чеҳраҳои бадеии таърихӣ, такмили сужети ҳикояву қиссаҳояш фақат ба тахайюли бадеӣ маҳдуд нашуда, аз таҷрибаи таҳқиқии худ, маълумоти сарчашмаҳо ва дарёфтҳои эҷодии адабиётшиносон

истифода намудааст, ки дар маҷмуъ, дар такмили сохтори мундариҷавӣ ва бадеии асар ёрӣ расонидааст. Масалан, чунонки Маъруфи Раҷабӣ низ мушоҳида кардааст, нависанда барои такмили сужети ҳикояҳои «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» ва «Қасидаи доғгоҳ» аз ду ривояти «Чаҳор мақола»-и адиби асри XII Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар бораи Рӯдакӣ ва Фаррухӣ» [56, с.93-94] огоҳона истифода карда, ба ин васила сохтори мундариҷавӣ ва бадеии ҳикояҳои зикршударо такмил бахшидааст. Тасвири воқеаҳои хоҳиши «меҳтарони мулк»-ро барои ба Бухоро бозхондани амир Наср [54, с. 58] иҷро кардани Рӯдакӣ ва «аз содиру ворид (равандаю ояндагон) истихбор (хабар хостан)» хостани Фаррухӣ ба умеди он ки «дар атрофу акнофи олам нишони мамдуҳе шунавад, то рӯй бад-ӯ орад, бошад, ки исобате (нишоне) ёбад» ва аз «даббаю занбил (харҷи рӯзгор)» [54, с.63] озод шавад, реша дар маълумоти муаллифи «Чаҳор мақола» дорад. Вале дар такмили хати сужети ҳикояҳои «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» ва «Қасидаи доғгоҳ» нависанда фақат ба маълумоти сарчашмаҳо иктифо накардааст. Дар ҳикояи аввал нависанда барои такмили сохтори мундариҷавию бадеии асар аз тахайюли бадеӣ низ фаровон истифода карда, ба ин васила тавонистааст, натиҷаҳои сафари амир Наср ва руҳияву андеша ва амалу кирдори аҳли рикоби амирро падид оварад. Чунончи, дар ҳикояи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» нависанда бо ёрии образҳои тахайюлии Сафар ва Аббос ҳолу ҳавои аҳли рикоби амирро, ки аз ранҷи дурӣ аз аҳлу аёл ва сафарҳои тулониву серхарҷи Наср ба дод омадаанд, инъикос намудааст.

Дар «Чаҳор мақола» ранҷи мардуми камбизоат ва мисли Фаррухӣ «бе барг (ризқу рӯзӣ)» [54, с. 63] мондан ҳамчун санади воқеии сарнавишти шоир зикр шудааст. Аммо дар ҳикояҳои «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» ва «Қасидаи доғгоҳ» домани ин мавзуъ ва тасвири он тавсеа ёфта, ҳоли мардуми одӣ ва эҳтиёҷманд амиқ, образнок ва табиӣ ба тасвир омадааст. Нависанда ба воситаи тасвири бамуддао ҳолу ҳавои дороён, сарояндагону навозандагони дилхуш ва мардуми одиро дар муқоисаи ҳамдигар ба тасвир гирифта, ба ин васила ҳоли замон ва ҷабри замондоронро нишон медиҳад. Агар Низомии Арӯзии Самарқандӣ Рӯдакиро ба ивази «панҷ ҳазор динор» [54, с.58] дар

хидмати амир гузошта, ба ин васила Наср «рӯй ба Бухоро» [54, с.59] оварда бошад, Расул Ҳодизода бо ёрии тахайюл Рӯдакиро ҳолшиноси замону замондорон ва мардуми одиву ғуломону хидматгузорони аҳли рикоби амир менамояд, ки пораи зерин далели ин гуфта мебошад:

«Бегоҳӣ, вақте ки рӯз акнун андаке торик шуда меомад, Рӯдакӣ ҷомаву дастори тоза пӯшиду ба даст асо гирифта берун баромад. Дар бошишгоҳ ҳаёт ҷӯш мезад. Ғуломон дар такудав буданд, баъзе таом мепухтанд, дигарон асп қашав мекарданд, савумӣ рӯбучин менамуд, гурӯҳе дар равшанӣ ва гармии гулхан нишаста бо ҳам суҳбат мекарданд. Рӯдакӣ ин ҷунбиши умумии ҳаррӯзаи мардумро каме тамошо карду аз ҷойҳои камодами хаймаҳо гузашта, ба тарафи ғарби дашт роҳ гирифт. Вай хомӯш ҷуссаи танумандашро андаке болои асо хам намуда, аз пеши чодирҳои даридаи ғуломон ва гулханҳо гузашта мерафт. Ба саволи ҳар кас ҷавоб дода, мекӯшид, ки ҳарчи зудтар аз урдугоҳ берун бароядъ, ҳаёҳуй ва ғавғои одамонро камтар шунавад» [13, с.16-17].

Нависанда дар ин ҳикоя бо тасвири лаҳзаҳои барои дилхушиҳои амир ба чавгонбозӣ машғул шудани бародари бемори Мансур ва аз асп афтодану ҳалок шудани ӯ, ҳам ошуфтаҳолии Мансур ва атрофиёнаш ва ҳам ҳоли замону замондорон ва табақоти золиму мазлуми ҷомеаи он рӯзгорро таҷассум менамояд. Дар ин самт, усули тасвири нависанда равишманд буда, ӯ бо мақсади хусусиятҳои бадеӣ ва ғоявии ҳикояро тақвият бахшидан аз нигориши ботинӣ ва равонӣ кор мегирад ва бо мақсади вазъи руҳӣ ва иҷтимоии шахсиятҳои ҳикояро инъикос кардан мутаносибан аз манзараҳои табиат низ истифода менамояд, ки дар тақвияти ҷанбаи ғоявӣ ва бадеии ҳикоя саҳмгузор мебошанд.

Қисмати таърихии сужети ҳикоя тамоюли ғоявии Рӯдакиро оид ба масъалаи ҳимоя ва ҳифзи давлатдории марказии тоҷикон ба миён мегузорад, ки моҳияти амал ва кирдори ватанхоҳонаи шоирро таҷассум менамояд. Ин ғояро нависанда бо тасвири образноки амалу кирдор ва чеҳраи ватанхоҳонаи шоир, ки ба умеди «ба дили амир таъсир» [13, с. 19] кардани қасидааш «шеър

мегуфт» [13, с. 19], ба миён мегузорад, ки бо воқеияти таърихии дар «Чаҳор мақола» нақлшуда ҳамоҳангӣ дорад.

Расул Ҳодизода дар ҳикояҳои таърихиаш «маърифати бадеии таърих» ва сарнавишти «симоҳои дурахшони ҳунарӣ ва шахсони барҷастаи воқеии таърихӣ»-ро, пеш аз ҳама, «барои равшан гардидани роҳи ояндаи халқ, ташаккули ҳувият, ифтихори миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ»-и [29, с.3] ҳадафманд ба кор гирифтааст. Ҳикояи «Қасидаи доғгоҳ» ҳамин гуна ҳадафи ғоявии ӯро дар заминаи тасвири чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии Фаррухӣ ба таври бадеӣ инъикос намудааст. Сужети ҳикоя дар заминаи маълумоте, ки Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» дар бораи эҳтиёҷмандии Фаррухӣ, ба даргоҳи Чағониён рӯй овардани ӯ ва илтифоти Хоҷа Амиди Асъад барои роҳ ёфтани шоир ба қабули амир Абулмузаффар меоварад, таркиб ёфта бошад ҳам, ривояти «Чаҳор мақола»-ро нависанда аз бисёр ҷиҳатҳо такмил бахшида, ба ин васила ҷанбаи ғоявӣ ва бадеии онро тақвият додааст.

Расул Ҳодизода бо тасвири сарнавишти Фаррухӣ, пеш аз ҳама, ба олами маънавии ин шахсияти таърихӣ роҳ ёфта, бо дарки фалсафии зебоишиносии амалу кирдори ӯ чеҳраи ҷомеъи шоирро ба хонанда менамояд. Дар ҳикоя вазъи руҳиву ахлоқии Фаррухӣ пас аз мадҳиясароиҳо аз ҷониби нависанда воқеӣ ва таъсиргузор ба тасвир омадааст. Шоир аз он чи дар дарбори Чағониён ба сараш омад, дилгирифта аст. Дар поёни асар нависанда бо суханони таъсиргузор таъкид менамояд, ки ҳатто дар сурати канорагирӣ аз муҳити муайян, шоир аз эҷоди шеър даст намекашад ва ҳунари ӯ дар ҳар ҳолат идома хоҳад ёфт. Ӯ ишора мекунад, ки ҳарчанд шоир метавонад ба маддоҳӣ рӯ оварад, аммо дар ин навъ осор номи мамдуҳон боқӣ мемонаду эҳсосу андешаи аслии шоир дар матни шеър таҷассум меёбад [13, с.72]. Ба назари мо, ин андеша дугонагии табиати эҷодиёти шоирро равшан мекунад, ки миёни зарурати иҷтимоӣ ва ҳадафи ҳунарӣ қарор дорад.

Дар ҳамин замина, нависанда ба ду ҳадафи мадҳ ишора менамояд: яке таъмин намудани зиндагӣ ва дигаре ифода ва ҳифзи ҳадафҳои эҷодӣ. Ба андешаи М. Раҷабӣ, маҳз дар ҳамин монологи анҷомӣ шахсияти Фаррухӣ, ки

бештар ҳамчун шоири маддоҳ шинохта шудааст, то андозае ошкор мегардад [56, с.97]. Ба назари мо, чунин арзёбӣ нишон медиҳад, ки нависанда кӯшиш кардааст образи таърихиро аз доираи стереотипӣ берун барорад ва ба он умқи равонӣ бахшад.

Ба қавли Ҷӯрахон Бақозода, Расул Ҳодизода маҳз бо ҳикояҳои таърихӣ дар бораи шахсиятҳои барҷаста, аз ҷумла Рӯдакӣ, Фаррухӣ ва Шоҳин, вориди адабиёти бадеӣ гардид. Ин ҳикояҳо, тавре ки таҳлил нишон медиҳад, бештар ба тасвири ҳолатҳои маънавию равонӣ такя намуда, аз сюжети мураккаб ва бархӯрдҳои шадиди драмавӣ дур мебошанд [27, с.143]. Ба назари мо, чунин хусусият ба асарҳо ранги андешавӣ бахшида, онҳоро ба навъи насри тафаккурӣ наздик месозад.

Ҳамзамон, дар масъалаи муайян кардани жанри баъзе асарҳои ӯ ноустуворӣ мушоҳида мешавад. Масалан, «Парвози Шоҳин» дар нашрҳои гуногун ҳамчун очерк, ҳикоя ва повест муаррифӣ шудааст, «Сапедадам» низ чунин тағйиротро таҷриба кардааст. Ба назари мо, ин ҳолат нишон медиҳад, ки эҷодиёти нависанда дар марзи жанрҳо қарор дошта, дорои хусусияти гузаришӣ ва таҷрибавӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин, аксари муҳаққиқон, аз ҷумла М. Шукуров, Ҷ. Бақозода ва М. Раҷабӣ, ин асарҳоро дар доираи жанрҳои ҳикоя ва повест арзёбӣ намудаанд, ки ба воқеияти сохтории онҳо мувофиқат дорад.

Ҳикояи «Парвози Шоҳин» бо инъикоси «ҳақиқати дили одамони давр» ва тасвири руҳи замон ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад [51, с.99]. Дар ин асар нависанда саъй кардааст сарнавишти пурфоҷеаи Шамсиддини Шоҳинро бо усули бадеӣ таҷассум намояд, ки ба эътирофи муҳаққиқон, то андозае муваффақ низ шудааст [56, с.98]. Ба назари мо, қувваи асосии асар дар талоши муаллиф барои дарки моҳияти инсонӣ ва равонии қаҳрамон зоҳир мегардад.

Бо вуҷуди ин, дар сохтори асар баъзе нуқсонҳо низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, такрори беҳадаф ва номукаммалии тасвирҳои равонӣ дар баъзе мавридҳо ба шаклгирии пурраи образ мусоидат намекунанд. Ба мушоҳидаи

М. Раҷабӣ, ин камбудиҳо дар нашри русии асар тавассути ихтисор то андозае ислоҳ шудаанд [56, с.98]. Ба назари мо, ин далел нишон медиҳад, ки таҳрири дубора метавонад дар такмили сохтор ва таъсиргузории асари бадеӣ нақши муҳим бозад.

Муҳимтарин дастоварди ҳунарии Расул Ҳодизода дар таълифи ин ҳикоя он аст, ки хулқу хӯйи Шоҳинро дар тағйироту инкишоф нишон дода, ба ин васила чеҳраи ормонии инсонӣ ва ҳунарии ӯро ба вуҷуд овардааст. Пораи шеъри Шоҳин, ки нависанда ҳамчун эпиграф дар оғози повест овардаасту бо байти зерин оғоз мешавад, баёнгари ормони ғоявии ҳам нависанда ва ҳам шахсиятҳои огоҳи асари ӯ дар шинохти зиндагӣ ва воқеиятҳои он мебошад:

Шикастахотиру ранҷуру нотавон шудаам,

Биё, бубин, ки дилат ҳарчи хост, он шудаам [110, с. 73].

Аз ин ҷиҳат, асарҳои ёдшудаи Расул Ҳодизода бо фарогирии воқеиятҳо ва руҳияву ормонҳои шахсиятҳои таърихӣ бо замони гузашта ва ҳозира ҳамоҳанг буда, дар онҳо «ҳаёт мувофиқи қонунҳои тараққиёти он ба риштаи тасвир кашида шудааст» [119, с. 100]. Агар ба эътибор гирем, ки ин асарҳо солҳои шастуми садаи бист эҷод шудаанд, гоҳо ин қонунҳо мустақилияти тасвир ва андешаро аз байн бурда, тобеиятро ба идеологияи сотсиалистӣ афзун кардааст, ки сабаби коҳиш ёфтани мустақилияти фикрӣ ва ҳунарии нависанда низ шудааст.

Яке аз имтиёзоти ҳунари нависандагии Расул Ҳодизода дар тасвири воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ он аст, ки дар тасвир тамоюли воқеъгароии маҳз надорад, балки бештар аз зеҳният ва ҳиссу андешаи инсон кор мегирад, яъне хонандаро бо тасвири воқеиятҳои аҷибу ғарибу пурталотуми иҷтимоиву сиёсӣ гирифтор намедорад, балки аз усулҳое кор мегирад, ки руҳия, ҳис ва афкору андешаи шахсиятҳоро бармало мекунанд. Чунин усули тасвир ӯро аз ҷузъиётпардозӣ раҳоӣ бахшидааст, ки намунаи дигари он қиссаи «Сапедадам» мебошад. Ин қисса бо истифода аз ин равиш эҷод шуда, аз ду ҷиҳат дар фаъолияти нависандагии Расул Ҳодизода аҳаммият дорад: аввал, дар қиссаи мазкур, монанди қиссаҳои дар боло

зикршуда, нависанда давраи муҳиммеро барои ошкор кардани шахсият, сатҳи ҷаҳонбинӣ, андешаю орои қаҳрамон интихоб кардааст, ки нақши калидӣ дар сарнавишти шахсияти асари ӯ дорад; сониян, шахсияти асарро дар маркази воқеиятҳои сарнавиштсози замон ва низоъҳои шадиди иҷтимоиву сиёсӣ миёни нируҳои мухталифи ҷамъиятӣ ба тасвир мегирад, ки «инкишофи характеру ҷаҳонбинӣ ва таҳаввули он дар мадди аввал қарор мегирад» [112, с.127]. Фазилати дигари ҳунарии ин қиссаро фарогирӣ ва тасвири воқеиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоии дохилӣ, яъне Бухорои асри XX ва берунӣ-робитаҳо бо Русия мушаххас месозад, ки ҳодисаи нав дар насри тоҷикии он солҳо буд. Дар ин қисса бори аввал сиёсати берунии аморати Бухоро ба тасвир омада, ба василаи рӯйдодҳои тоза вазъи сиёсиву иҷтимоии давлат ва ахлоқи давлатмардони он ба таври дақиқ ва мустанад бо истифода аз усули таҳкия дар ҳамсозӣ бо тасвири психологӣ инъикос ёфтааст.

Номи қиссаи «Сапедадам» худ ба навгониҳои сиёсию иҷтимоии аморати Бухоро талмеҳ мезанад. Дар ин асар фаро гирифтани он ҳама таҳаввулоте, ки дар муҳити Бухоро ва муносибатҳои дипломатии Русияю аморат рух додааст, бо камоли диққат ба тасвир омада, тамоюлҳои тозазуҳури сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ки ҷомеаро ба бунбаст мекашад, шиносоӣ шудааст. Нависанда дар қисса амалу кирдор ва чеҳраи аслии намояндагони табақоти гунгуни ҷомеаи Бухоро, мисли Сафар-ғулом, Қамарнисо, Шукурбек, равшанфикрони ояндабин– Дониш, Савдо, Садри Сарир, тоҷирони бонуфуз–Иноятбой, Мирпӯлод–корвонбошӣ, амиру муқаррабони олиҷоҳи аморат–амир Музаффар, қушбегӣ, Абдуллобек-парвоначӣ, Абдулқосим, намояндагони давлати рус–Козимбек, Стремоухов, Горчаков ва императорро дар заминаи воқеиятҳои мушаххас тасвир карда, мавқеи сиёсиву иҷтимоӣ, хӯю хислат ва амалу кирдори ҳар кадомеро ҳунармандона ва ҳолшиносона ба тасвир гирифтааст.

Муҳаққиқон қиссаи «Сапедадам» ва «Парвози Шоҳин»-ро дар эҷодиёти Расул Ҳодизода аз он ҷиҳат ҷолиб донистаанд, ки дар онҳо ҷанбаи ҳамосӣ вусъат ёфта, ин тамоюл дар осори баъдии нависанда низ идома ёфтааст [56, с.

100]. Аз ин ҷиҳат, қиссаи «Сапедадам» равиши тозаи эҷодии нависандаро дар инъикоси воқеиятҳои иҷтимоиву ахлоқӣ нишон медиҳад. Мо дар боло баъзе паҳлуҳои сохтори мундариҷавии ин асарро зикр кардем. Ҳоло ин нуктаро таъкид мекунем, ки Расул Ҳодизода дар ин асар масъалаи муносибати давлати феодалиро бо равшанфикрон бо диди нав ва моҳиятҷӯёна ба миён гузошта ва ба тасвир гирифтааст. Дар ин замина асоси таърихӣ ва ҳуҷҷатии тасвигариҳои ӯ афзалият дорад. Вай чеҳраҳои адабӣ ва фарҳангиеро офаридааст, ки бевосита бо дарбор алоқа доранд ё сарфи назар аз фосилагириҳо аз доираҳои расмӣ ҳанӯз робитаашон бо дарбори амир барқарор аст. Афзалияти дигари ин қисса дар он аст, ки нависанда дар он муносибати рӯшанфикронро бо давлат аз диди нав ва моҳиятҷӯёна ба тасвир ва муҳокима кашидааст.

Расул Ҳодизода дар ин қисса ва ҳикояҳои ёдшуда асосан, барои зуҳури ҳамаҷонибаи хислати шахсиятҳои асар талош карда, дар ин замина инкишофи хислати шахсиятҳо ва ҷаҳоншиносиву таҳаввули афкору андешаи онҳоро ҳадафи асосии ҳунарӣ қарор додааст. Дар ин замина образҳои Шоҳин аз ҳикояи «Парвози Шоҳин» ва Дониш аз қиссаи «Сапедадам» аз баъзе ҷиҳатҳо ба ҳам монананд. Монандии ин ду образ заминаҳо ва омилҳои мушаххаси сиёсӣ ва иҷтимоӣ дошта, таъсири онҳо ба шаклгирии ин ду образ моҳияти диди иҷтимоӣ ва зебоишиносии нависандаро муайян мекунад. Дар тасвири нависанда диди Шоҳин ва Дониш доир ба масъалаҳои ахлоқии ҳаёти ҷомеа ба ҳам монанд аст. Шоҳин низ чун Дониш ақида дошт, ки омили асосии фасоди ахлоқӣ ва сатҳи пасти зиндагии мардум тӯдаи одамоне ҳастанд, ки дар атрофи амир ҷамъ омадаанд. Ӯ низ дар тасвири нависанда мисли Дониш барои аз чунин доираҳо фосила гирифтани ҳокимият талош мекунад. Вале бо гузашти замон ва дарки воқеиятҳо ӯ мефаҳмад, ки «решаи ин ҳама бадбахтиҳо худи амир аст». Нависанда таҳаввулоти фикрии Шоҳинро дар суҳбат бо шахсияти дигари асар Зокир сареҳу таъсиргузор тасвир кардааст. Дар яке аз чунин суҳбатҳо «Шоҳин хеста болои ҷой» менишинад, сипас «абрӯи чапашро бо дастонаш молида-молида каме фикр

карда», «баъд паст-паст ба шеърхонӣ» медарояд. Маснавии ӯ вазъи руҳӣ, хулқу хӯй ва саҷоёи инсониву шоириашро хеле равшан ва образнок таҷассум менамояд. Инак, порае аз он маснавӣ:

Ду се рӯз ҷӯёи эҳсон шудам,
Сарояндаи мадҳи дунон шудам.
Сурудам ғалат баҳри гавҳарфишон
В-аз он ёва бар худ ниҳодам замон.
Сароро Сурайё лақаб хондаме,
Хареро Масеҳо насаб рондаме...
Камоле, ки аз ҳар фан омӯхтам,
Ба тавсифи бедонишон сӯхтам...
Сияҳрӯз аз он марди озода кист,
Ки бар рӯзи ин қавми бадрӯз зист? [13, с.107]

Шоҳин ҳам мисли Дониш беасос будани андешаҳои ислоҳотхоҳонаи худро дарк намуда, алоқаашро аз дарбор меканад. Чунин монандиҳои шуури иҷтимоии Донишу Шоҳин дар тасвири Расул Ҳодизода тасодуфӣ нест. Ҳамрангии ҷаҳонбинии ин рӯшанфикронро воқеияти таърихӣ ва равияи маорифпарварӣ, ки ҳар ду ба он гароиш доштанд, тақозо кардааст ва нависанда дар ҳамин матн чеҳраи воқеии онҳоро ба тасвир гирифтааст, ки аз диди амиқи ҷомеашиносӣ ва адабии ӯ дарак медиҳад.

Қиссаи Расул Ҳодизода «Ишқи духтари Рум» аз ҷиҳати солномаи мавзуъ ва масъалагузориҳо давоми мазҳакаи нависанда «Маздак» аст. Сужети «Қиссаи духтари Рум» ва мазҳакаи «Маздак» аз таърихи Сосониёни Эрон гирифта шудааст. Дар ҳар ду асар сулоладорони Сосониён–Хусрави Парвиз («Ишқи духтари Рум») ва Кубод («Маздак») дар ҳоли фирор ба тасвир омадаанд. Ҳамчунин, чораҷӯиҳои онҳо барои пойдории салтанаташон низ ба ҳам монанд аст. Қубод барои барқарор кардани ҳокимияташ аз аҳтолиён ёрӣ талабида, барои расмияти дӯстии эрониёну аҳтолиён бо духтари хоқони аҳтолиён Виса ҳамхона мешавад. Хусрав низ аз румиён ёрӣ хоста, аввал ба ашрофзода– Елена ва сипас ба духтари қайсари Рум– Мария хонадор

мешавад. Агар дар фоҷеаи «Маздак» умдатан, воқеиятҳои сиёсӣ тасвир шуда бошад, дар қиссаи «Ишқи духтари Рум» нависанда ба сари масъалаи сирфан ахлоқӣ тамаркуз дошта, воқеаҳои сиёсию иҷтимоии он замонро дар партави таомули байни қаҳрамонони асар ба тасвир гирифтааст. Дар қиссаи мазкур низ нависанда бештар ба тадқиқи ботин ва дунёи маънавии шахсиятҳои асар эътибор додааст. Расул Ҳодизода қаҳрамонони асосии асарро дар ҳолати драмавӣ ба тасвир гирифта, ба ин васила андешаву орои пуршиддати онҳоро ба тасвир кашидааст. Хусрав, ки ҳамчун қаҳрамони асосии қисса типи манфист, бо тамоми мураккабиҳои аъмолу кирдораш таҷассуми бадеӣ ёфта, аз ҷониби нақди адабӣ яке аз образҳои мураккабтарин шинохта шудааст. Моҳияти иҷтимоӣ ва ахлоқии ин шахсият низ аз ҷониби нависанда бо диди нав ва вусъатнок ба тасвир омада, разолату ноодамии вай таҷассумгари ҳастии инсонии ӯст. Бо ин усули тасвир нависанда тавонистааст, ки нируи ботинии Хусравро мукаммал падид оварад [94, с. 439].

Ҳамин тавр, аз таҳлили мухтасаре, ки анҷом гирифт, метавон ба ин натиҷа расид, ки дар аввалин асарҳои бадеии худ Расул Ҳодизода роҳу равиши хоси инъикоси бадеии воқеиятҳои зиндагӣ ва сарнавишти шахсиятҳои таърихиро пеш гирифта, дар ин замина усулҳои асосии эҷоди насри таърихиро, ки якеи он ҳуҷҷатписандист, содиқона риоят кардааст. Нуктаи муҳимми дигар ин аст, ки нависанда дар асарҳои қазоватшуда ҳеҷ вақт воқеанигории маҳзро дунбол накарда, барои падид овардани вазъи руҳиву ахлоқӣ ва моҳияти аъмолу кирдори шахсиятҳои таърихии осораш аз равиши тасвирии равонӣ ҳадафмандона истифода кардааст. Ин равиши ҳунарӣ минбаъд дар эҷодиёти нависанда такмил ёфта, бо савияи болотаре амалӣ шудааст.

Романи «Ситорае дар тирашаб» зинаи нави ҷустуҷӯҳои бадеии Расул Ҳодизода дар фарогириии куллии сабақҳои таърих ва сарнавишти Аҳмади Донишу табақоти мухталифи ҷомеаи онзамонии аморати Бухоро буда, ифодагари ҷустуҷӯҳои ҳадафманди нависанда дар шинохт ва тасвири бадеии воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ мебошад.

Расул Ҳодизода то замони эҷоди романи «Ситорае дар тирашаб» доир ба таҳқиқ ва шинохти аҳвол ва осори Аҳмади Дониш, нашри мероси ӯ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Таълифоти ӯ «Сарчашмаҳо барои омӯхтани адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX» (1954), «Порчаҳо аз «Наводир-ул-вақоеъ» (1957), «Асарҳои мунтахаб»-и Аҳмади Дониш (1959), «Саёҳат аз Бухоро ба Петербург» (1960), «Аҳмади Дониш» (1967), «Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX» (1968), «Сапедадам» (повест аз рӯзгори Аҳмади Дониш, 1970), сенарияи филми «Ситорае дар зулмот» (1971) ва ғайра заминаро барои таълифи чунин як романи таърихии тарҷумаиҳолӣ фароҳам овард [113, с. 109-110].

Нахустин романи Расул Ҳодизода – «Ситорае дар тирашаб» – масъалаҳои муҳими фаъолияти иҷтимоиву сиёсии маорифпарвари барҷаста Аҳмади Дониш, инчунин робитаҳои иқтисодиву сиёсӣ миёни Осиёи Миёна ва Русияро фаро мегирад. Дар асар ҳамзамон таърихи робитаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии халқҳои тоҷику узбек бо халқи рус ва давраи камолоти эҷодиву ҷамъиятии Аҳмади Дониш ба таври бадеӣ инъикос ёфтааст.

Нависанда дар роман воқеиятҳои пурмоҷарои зиндагии Аҳмади Дониш ва вазъи иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии нимаи дувуми асри XIX, бахусус давраи ҳукмронии амир Насруллоҳро ба тасвир мекашад. Дар баробари ин, масъалаҳои зиндагии халқ, зулми табақаҳои ҳукмрон, талошҳои ислоҳотхоҳонаи Дониш, инчунин равандҳои мураккаби муносибатҳои Бухоро ва Русия ба таври муфассал баррасӣ шудаанд. Ба назари мо, чунин фарогирии мавзӯӣ нишон медиҳад, ки муаллиф кӯшиш кардааст романро ҳамчун як тасвири мукаммали давраи таърихӣ пешниҳод намояд.

Дар асар инчунин низоъҳои дохилии аморат, муносибати гуруҳҳои мухталиф ба равандҳои сиёсӣ, сарнавишти асирони рус ва вазъи тоқатшикани табақаҳои поёнии ҷомеа бо диққат тасвир шудаанд. Ба назари мо, ин ҷанбаҳо ба роман хусусияти таърихию иҷтимоии амиқ бахшида, онро ба як асари таҳлилгарона наздик месозанд.

Пас аз нашри роман, дар атрофи он мубоҳисаҳои ҷиддӣ ба миён омаданд. Муҳаққиқоне чун М. Шукуров, Р. Амонов ва А. Набиев бештар ба масъалаҳои тарзи тасвир ва хусусиятҳои бадеии асар таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Аз ҷумла, М. Шукуров ба он ишора мекунад, ки раванди ташаккули ботинии шахсияти Аҳмади Дониш дар роман ба таври кофӣ инъикос наёфта, қаҳрамон бештар ҳамчун шахси амалгаро ва сиёсатмадор тасвир шудааст, на ҳамчун шахсияти комили интеллектуалӣ [132, с.102-110].

Ба назари мо, ин танқид то андозае қобили қабул аст, зеро воқеан дар асар ҷанбаи иҷтимоиву сиёсӣ нисбат ба таҳлили равонии қаҳрамон бартарӣ дорад. Бо вуҷуди ин, ин хусусиятро метавон ҳамчун интихоби огоҳонаи муаллиф низ арзёбӣ кард, ки бештар ба нишон додани нақши таърихии шахсият таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Расул Ҳодизода ба ин андешаҳо посух дода, таъкид менамояд, ки сифатҳои зикршуда – қавииродагӣ, дурандешӣ ва қобилияти сиёсатмадорӣ – худ нишонаи камолоти интеллектуалии қаҳрамон мебошанд [83, с.246]. Ба назари мо, ин посух нишон медиҳад, ки муаллиф мафҳуми «интеллектуалият»-ро дар доираи амал ва таҷрибаи иҷтимоӣ мебинад, на танҳо дар сатҳи тафаккури назариявӣ.

Ҳамзамон, Р. Амонов низ баъзе саҳифаҳои романро дорои хусусияти иттилоотии одӣ дониста, норасоии «конкретияти моддӣ» ва «тасвири бадеӣ»-ро қайд мекунад [83, с.246].

Воқеан ҳам, аксари мақолаҳое, ки пас аз нашри қисми аввали роман дар матбуот чоп шудаанд, дар шинохти моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеии нависанда холисона ва асоснок нестанд. Мутаассифона, романе, ки як давраи бузурги таърихи пурфоҷиаи халқҳои Осиёи Миёнаро фаро гирифта, дар он масъалаи муҳимми таърихи Осиёи Миёна ва мақоми таърихии Русия тасвир шудаву дар он на тақдири як шахс, балки тақдиру сарнавишти табақаҳои гуногуни халқҳои гуногуни Осиёи Миёна ва Русия ба доираи тасвир даромадааст, нақди воқеиро надидааст. Дар романи мазкур роҳи шахсию иҷтимоии як

фарди бузург– Аҳмади Дониш мавқеи марказӣ дорад, ки то ба имрӯз баҳои сазовор нагирифтааст.

Расул Ҳодизода қабл аз таълифи романи «Ситорае дар тирашаб» повести «Сапедадам»-ро эҷод карда буд, ки дар он воқеаҳои байни ду сафари охирини Аҳмади Дониш ба Петербург тасвир шудааст. Дар ин повест тасвири характер ва нишон додани ҷустуҷӯҳои ҷиддии адабию эстетикӣ ва маорифпарварии Аҳмади Дониш дар маркази диққати нависанда меистад [27, с.144]. Дар романи баъдӣ хостаҳои ғоявии нависанда такмил ёфта, шахсияти инсонӣ ва хунарии Аҳмади Дониш дар матни воқеиятҳои пурмоҷарои як давраи муҳимми таърихи аморати Бухоро мавриди таваҷҷуҳ ва тасвири нависанда қарор гирифтааст.

Ҳамин тавр, шахсияти Аҳмади Дониш аз повести «Сапедадам» сар карда то романи мавриди назар ва романи «На ситораҳо мерезанд» [14] дар ҷараёни фарогирии куллии сабақҳои таърих нишон дода шудааст. Масалан, ҳангоме ки усто Нодир ба Дониш кашидани тарҳи як иморати хурдеро мефармояд, ӯ тамоми сохтмон ва тарзи бинои мадрасаҳои куҳнаро дар Бухоро дида мебарояд. Мехоҳад дар илми меъморӣ рисолаҳои пешиниёнро аз назар гузаронад. Аммо мебинад, ки пешиниён иморатҳои олӣ бино кардаанду дар илми меъморӣ як рисолаи назариву амалӣ аз худ боқӣ нагузоштаанд. Дар асоси ҳамин сабақҳо Дониш худаш азм мекунад, ки дар ин илм рисолае таълиф намояд. Сабақҳои таърихро ӯ ҳам дар вақти таълифи рисолаи худ дар тартиби идораи давлати Русия аз рисолаҳои Форобию Абуалӣ ибни Сино меомӯзад. Чунонки мебинем, баръакси пайбурди М. Шукуров Дониш аз саҳифаҳои аввали романи «Ситорае дар тирашаб» ҳамчун шахсияти интеллектуалӣ ба тасвир омадааст.

Ташаккули шахсияти Донишро нависанда дар заминаи задухӯрди ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятии қаҳрамонаш ба тасвир кашидааст. Ҷавоне, ки бо як ҷаҳон орзу ба хидмати арк қадам мегузорад, пас аз марги Рухсораи ноком ва кушторҳои бемаънии амир дар Шаҳрисабз бо чӣ гуна «талотум»-и эҳсос ва навмедиҳо ба Бухоро бармегардад. Ҳатто аз хидмати дарбор билкул даст

кашиданӣ мешавад. Зеро ӯ барои беҳтар шудани вазъи ноҳинҷори мамлакату раият танҳо дасту по задани худ ва мисли худаш касонро бефоида мебинад.

Бо ҳукми сарнавишт ва донишу заковати азалиаш ба Русия меравад. Дар заминаи воқеиятҳои дидаву мушоҳида кардааш ягона роҳи наҷотро аз пасмондагиву ваҳшонияти низоми амирӣ дар мустаҳкам намудани алоқаҳо бо Русия мебинад. Р. Ҳодизода дар посух ба эроди ёдшудаи М. Шукуров ин амали Донишро, ки дар роман тасвир кардааст, нишонаи интеллекти ӯ таъбир мекунад [82, с.246]. Дар ҳақиқат, ҳушёрӣ, дақиқназарӣ ва моҳиятҷӯии Аҳмад аз саҳифаҳои аввали роман диққати хонандаро ба худ ҷалб мекунад. Масалан, суҳбати мулло Боқиву падари Аҳмадро ба ёд оваред. Хулосаи мулло Боқӣ дар бораи Аҳмад ин аст: «– Эй тақсир, агар ман ин қадар илм медоштам, дар ягон мадрасаи калони Бухоро мударрис мешудам» [12, с. 10]. Аз суханони мулло Носир маълум мешавад, ки Аҳмад бо донишу илмаш аз уламову фузалои замонаш болотар будааст. Ин бартарии Дониши ҷавон дар воқеаи ҳуҷуми муллоҳо ба савдогари рус Андреев, дар баҳси ӯ бо муфтӣ Ширинхоҷа дар бораи куфру имон ошкор мешавад. Заковати Дониш буд, ки ҳам дар Оренбург ва ҳам дар Петербург нисбат ба ӯ эҳтиром ва ҳусни таваҷҷуҳи олимони русро ба вуҷуд меорад. Ба ин далел, Аҳмади Дониш дар романи «Ситорае дар тирашаб» ҳам дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳам оилавӣ ҳамчун шахсияти иҷтимоӣ, ҳамчун фарзанди ғамхор ва боирода, ҳамчун дӯсти вафодор, дастгири бечораву бенавоён, шахси пурэҳсос ва меҳрпарвар тасвир шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни хӯю хислати инсониашро нишон медиҳад.

М. Шукуров дар мақолаи дигар аз фазилатҳои ҳунарии романи Р. Ҳодизода ёд карда, «бунёди ҳуҷҷатии роман»-и «Ситорае дар тирашаб»-ро «хеле устувор» арзёбӣ мекунад ва таъкид меварзад, ки нависанда «кӯшиш дорад, ки аз ҳуҷҷатҳо дур наравад (фақат дар баъзе ҷойҳо замони вуқуи чанд воқеаро андаке пасу пеш овардааст) ва то ба охир ба он содиқ монда, аз ҳамин мавқеъ мурғи тахайюлро ба парвоз орад. Ҳуҷҷатписандии устувор на танҳо ба образи Аҳмади Дониш (тарзи зиндагии ӯ, тафсилоти сафари

Петербург ва воқеаҳои роҳи сафар), балки ба аксари манзараҳои ҳаёти Бухоро дахл дорад» [94, с. 435].

Тасвири манзараҳои ҳаёти иҷтимоиву сиёсии Бухорои нимаи садаи нуздаҳ, аҳволи мардум, рӯйдодҳои гуногуне, ки вазъи замонро равшан мекунанд, дар романи «Ситорае дар тирашаб» то ҷое вусъатнок буда, заминаи иҷтимоии ташаккули шахсияти қаҳрамони асосӣ ба таври муфассал тасвир ва баррасӣ шудааст. Ба ҳам алоқаманд будани сарнавишти чандин персонаж, ки дар байни онҳо намояндагони халқҳо ва табақоти гуногун ҳастанд ва ҳар кадоме дар сарнавишти худ ягон хусусияти замонро таҷассум кардаанд, барои нишон додани вазъияти мураккаби мамлакат имкон фароҳам овардааст. Ба таври мушаххас метавон гуфт, ки таҳлили фарогири воқеияти иҷтимоӣ дар асар тавассути офаридани образҳои гуногуни намояндагони табақаҳои мухталифи ҷомеа ва гуруҳҳои этникӣ амалӣ гардидааст. Ин раванд бо усули мутавозӣ ва дар доираи фарогирии васеи ҷуғрофӣ сурат гирифта, ба баланд гардидани аҳаммияти маърифатӣ ва арзиши шинохтии асар мусоидат намудааст.

Ин тарзи тасвир боиси он шудааст, ки робитаҳои гуногун ва мураккаби Дониш бо халқи одӣ, аъёну ашроф, аҳли дарбор, савдогарону муҳоҷирони бухории Оренбургу Уфа, зиёиёни пешқадами тоҷик ва рус омили асосии ташаккули шахсияти вай ва инкишофи маънавии ӯ гардидааст. Нависанда бо чунин тарзи фарогирии воқеияти сарнавишти Аҳмади Дониш ва бархӯрди ӯ бо он чи ки дар атрофаш мегузарад, ҳақиқати бенизомии мамлакат, нодониву ҷаҳолат, худраъйиву худсарии зимомдорон ва лабрез шудани косаи сабри мардумро бо тамоми ҷузъиёташ пешорӯйи хонанда мегузорад. Хонанда ба дурустӣ эҳсос ва дарк мекунад, ки равшанзамироне аз қабили Аҳмади Дониш, Садри Сарир ва Савдо моҳияти аслии воқеиятро фаҳмидаанд. На танҳо онҳо, балки ҳатто амир Насрулло низ вазъиятро як андоза ба тарзи худ ҳис кардааст ва чорае андешидан мехоҳад. Вале ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳи наҷоти халқу кишвар аз бунбаст моҳияти асосии андешаву оро ва амалу кирдори Аҳмади Донишро муайян менамояд. Дар романи «Ситорае дар

тирашаб» нависанда аввалин кӯшишҳои Донишро дар ин замина ба тасвир гирифта, ҳадафи асосии зиндагии ӯро мушаххас месозад. Талошҳои Дониш гувоҳи он аст, ки вай бисёр мехоҳад, халқу кишварро ба вусъатободи ҷаҳон, ба роҳи равшани зиндагии одамвор ҳидоят намояд.

Аз тасвири сарнавишт ва амалу кирдори Дониш бармеояд, ки вай беш аз ҳама ба Русия, ба илму маданияти рус ҳамчун омили мушкилкушо эътимод дорад. Вай аз маҳдудиятҳои диниву мазҳабӣ дур буда, ба ақли солиму фикри гиреҳкушо эътимод дорад ва ҳамин эътимод заминаи муносибати хирадмандонаи ӯ ба намояндагони пешқадами маданияти рус ва баъзе падидаҳои низоми иҷтимоиву сиёсии Русия мебошад. Р. Ҳодизода аввалин омилҳои мушаххаси иҷтимоиву таърихии ба сӯйи Русия бо умед рӯй овардани зиёиёни пешқадами тоҷик, пайдоиши тамоюли русии ҷараёни маорифпарвариро, ки нав шакл мегирифт, ба тарзи боварибахш тасвир кардааст.

Нақди адабӣ образи амир Насруллоро яке аз дастовардҳои муҳимми Расул Ҳодизода дар романи «Ситорае дар тирашаб» арзёбӣ кардааст. Дар ин замина, М. Шукуров таъкид менамояд, ки нависанда дар офариниши характери ин қаҳрамон равияи нави насри таърихии солҳои шасту ҳафтодро идома додааст. Ба гуфтаи ӯ, то ин давра тасвири персонажҳои манфӣ бештар ба шакли ҳаҷви тезутунд ва карикатурӣ сурат мегирифт, аммо минбаъд дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни равонӣ ва иҷтимоӣ бештар мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд [94, с.437].

М. Шукуров бо ишора ба таҷрибаи нависандагони дигар, аз ҷумла Ҷ. Икромӣ ва С. Улуғзода, таъкид мекунад, ки ин равиши тасвир боиси таҳкими асосҳои реализми бадеӣ гардида, имкон фароҳам овард, ки моҳияти иҷтимоӣ ва фардии қаҳрамонҳои манфӣ бо эътимоднокии бештар инъикос ёбад [94, с.438]. Ба назари мо, чунин тағйирот дар равиши тасвир нишонаи гузариши насри таърихии тоҷик аз яктарафагии идеологӣ ба таҳлили амиқи психологӣ мебошад.

Ба мушоҳидаи муҳаққиқ, Расул Ҳодизода низ аз ҳамин равиш пайравӣ намуда, дар тасвири амир Насрулло аз муболиға ва карикатура худдорӣ кардааст ва хислатҳои ӯро ба таври тадриҷӣ ва бидуни шитоб ошкор месозад [94, с.438]. Ба назари мо, ин усули тасвир имкон медиҳад, ки образи амир на танҳо ҳамчун қаҳрамони манфии таърихӣ, балки ҳамчун як шахсияти мураккаби дорои сифатҳои зиддиятнок дарк гардад.

Дар воқеъ, дар роман амир Насрулло ҳамзамон дорои хусусиятҳои гуногун – оқилӣ, маккорӣ, бераҳмӣ ва бадгумонӣ – нишон дода мешавад, ки ба образ умқи равонӣ мебахшад. Ба назари мо, маҳз ҳамин мураккабии характерӣ сабаби он мегардад, ки образ аз қолабҳои суннатии «сиёҳу сафед» берун рафта, ба як симои воқеан реалистӣ табдил ёбад.

Р. Ҳодизода дар ин роман моҳияти хислат ва амалу кирдори шахсияти манфӣ– амир Насруллоро дар суҳбатҳояш бо Дониш ва дигарон, дар амалу кирдораш, дар юришҳои зидди давлатҳои хонияи ҳамсоя ва шахсиятҳои саркаш ошкор менамояд. Нависанда тавонистааст, ки бо ин усули тасвир моҳияти асосии хӯю хислати шахсияти роман– амир Насруллоро бо ҳама мураккабиҳо, зиддиятҳо ва тағйироташ ба таври воқеӣ падид оварад. Ба ифодаи дақиқтар, нависанда дар ин роман тавонистааст, ки ҷузъиёти мушаххаси зиндагӣ ва амалу кирдори шахсиятҳоро ба воситаи тасвирҳои бадеӣ эътимодбахш ба тасвир гирад. Ба ин далел, дар романи «Ситорае дар тирашаб» манзараҳои мушаххаси зиндагӣ ва амалу кирдори шахсиятҳо дар такмили ормони ғоявии нависанда кумак карда, ба таҳкими ҳақиқати таърих ва ҳақиқати бадеӣ мусоидат намудаанд.

Аълохон Афсаҳзод романи «Ситорае дар тирашаб»-ро «аз намунаҳои хуби насри ҳамосии муосири тоҷик» шинохта, таъкид мекунад, ки ин асар «ҷамъбасти андешаҳои муаллифро роҷеъ ба Аҳмади Дониш, муҳит ва замони ӯ фаро мегирад» [25, с.20-21]. Дар маркази сужети роман чеҳраи инсонии Аҳмади Дониш қарор гирифтааст. Нависанда хӯю хислат ва амалу кирдори Донишро на фақат дар ҷараёни бархурди ӯ бо воқеиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва амалу кирдори шахсиятҳои гуногун, балки ба воситаи тасвири робитаи ӯ

бо Рухшона ошкор сохта, дар ин замина хислату фазилати хос, дониши бузург, андешаҳои амиқ ва муҳаббати софу беғаши ӯро ба хонанда намудааст. Тасвири иртиботи Дониш бо намояндагони табақоти гуногуни ҷомеаи Бухоро, аз ҷумла Мулло Носир, Мирзо Шамс, Қосими аробакаш, Нурулло, Зоҳир-ғулом ва рус-Лерх, Эрлих, Струве, Григорев, Игнатев, Волошин ва дигарон низ барои нависанда василае будааст, ки вазъи ҳаёти онрӯза, амалу кирдори одамон, орзуву омол ва тамоюлҳои ахлоқии шахсиятҳоро ошкор намояд. Тасвири ҳусни назари донишмандони рус ба тоҷикон ва таъриху фарҳанги онон, аввалан ҳадафи равшан сохтани муносибатҳои аморати Бухоро ва Русияро дошта бошад, сониян робитаи шахсияти марказии асар- Донишро ба муҳити иҷтимоии замон таъйид менамояд. Нависанда дар роман ба василаи тасвири низоъҳои тезутунд ва бархӯрдҳои иҷтимоӣ сарнавишти мардум ва кишварро ба қалам дода, хонандаро бовар мекунонад, ки маҳз ба тақозои ҳаёти иҷтимоӣ, рӯйдодҳои сиёсӣ ва падидаҳои иқтисодии нимаи дувуми асри XIX шахсияти бузурге мисли Аҳмади Дониш ба арсаи таърих омад. Образи Дониш дар тасвири нависанда на чун ошӯбгар, балки ҳамчун фарди одиву хоксор ва ормонгаро ба назар меояд.

Дар таъйиди бузургии Дониш нависанда Бухорои асри XIX-ро ба осмони тирашаб монанд кардааст, ки дар он ситораҳо ягон-ягон рӯшании хирае доранд, ки аз ин миён фурӯғи яке аз ситораҳо чашмгир аст. Ин ситора дар тасвири нависанда ҳамоно Аҳмади Дониш, мулаққаб ба Аҳмади калла аст, ки худ аз ин муҳит ба танг омада, роҳи раҳоӣ аз ин вазъро дар таҷдиди низоми давлатдориву ислоҳи вазъи иҷтимоии мамлакат мебинад. Ба қавли саҳеҳи Ҷ. Ҳамроев, «Дар ин асар Аҳмади Дониш чун шахсияте, ки мехоҳад маҷрои таърихро бо неруи ақл ва фаросат дигар кунад, ба қалам омадааст» [68, с.159].

Дар тасвири образҳои манфӣ, аз ҷумла амир Насрулло низ нависанда аз қолаби маъмулии «амири ҷоҳил» даст кашида, паҳлуҳои гуногуни хӯю хислати ӯро чун инсон намудор кардааст, ки аз бисёр ҷиҳат тозакориҳои ӯро

ифода мекунад. Масалан, дар роман дар баробари ифшои сиёҳкориҳову бадомӯзиҳо ва хиёнату ҷиноятҳои амир идроку эҳсоси инсонӣ ва нотавонии ӯро низ тасвир мекунад, ки гоҳо дар хонанда ҳисси шафқат ва тараҳҳумро бедор менамояд.

Чунонки ишора рафт, дар роман масъалаи робитаи иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии аморати Бухоро бо Русия ҷойгоҳи хос дорад. Дар ин замина, нависанда бо тасвири фаъолияти зиёиёни тотор дар роман ҳадафи хоси ғоявиро дунбол кардааст, ки моҳияти дугона дорад. Нахуст, тоторҳо, ки худ мусулмон буданд, василае барои иҷрои ҳадафҳои геополитикии Русия дар аморати Бухоро ба шумор меомаданд. Сониян, ҳамчун афроди пойбанди суннатҳои меросӣ заминаро барои пайдоиш ва устувор шудани робитаҳои ҳасанаи зиёиёни ҳар ду тараф фароҳам оварданд, ки намунаи он образи воқеии Алиоғо (Эрлих) мебошад [33, с. 90-91].

Ҳамчунон ки адабиётшинос А. Набиев низ таъйид кардааст, романи «Ситорае дар тирашаб» асари «таърихии тарҷумаиҳолист» [108]. Муаллиф хусусияти сохторӣ ва мундариҷавии ин жанрро ба назар гирифта, образи шахсиятҳои асарашро офаридааст. Чеҳраи шахсиятҳо дар матни воқеиятҳои бузурги як давраи мушаххаси таърихӣ тасвир шудаанд. Дар ин ҳол ҳам тасвири асосноки ҳуҷҷатӣ ва ҳам консепсияи амиқи иҷтимоиву фалсафии шинохт ва тасвири таърих дар маркази диққати нависанда будааст. Ин тамоюли ҳунарӣ ба ӯ имкон додааст, ки мавқеи шахсиятҳоро дар ҷомеа дар матни таърих мушаххас намояд. Дар ин замина, ба фаъолияти иҷтимоии Аҳмади Дониш таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардани нависанда меъёри диди ӯро дар шинохт ва тасвири ҳақиқати таърих ва ҳақиқати бадеӣ муайян менамояд. Ин усули тасвир ҳам талошҳои шахсиятҳои мусбати романро барои ислоҳи вазъи ҷомеа нишон медиҳад, ҳам олами ботинӣ, маънавиёт ва руҳияи афроди мусбату манфиро рӯнамойӣ мекунад, ки далели ҳунари тасвиргарии нависанда мебошад.

Ҳамин тавр, аз таҳлилҳои анҷомгирифта мо ба ин натиҷа расидем, ки Расул Ҳодизода дар романи «Ситорае дар тирашаб» на фақат муҳити

мушаххаси таърихиро ба вуҷуд овардааст, балки қонунияти зиндагӣ ва фалсафаи таърих тавассути тадқиқи бамуддаъо ва ҷиддии сарнавишти инсонҳо, алоқаҳои хеле қавии иҷтимоиву равонии шахсиятҳо шакли эътимодбахши бадеӣ низ пайдо кардаанд. Илова ба ин, романи нахустини нависанда кӯшиши ҷиддии ӯро дар тасвири ҳамаҷонибаи таърих, хӯю хислат ва амалу кирдори шахсиятҳои таърихӣ собит менамояд.

Расул Ҳодизода дар муносибат ба воқеаҳо ва сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ аз ибтидо назари хоси худашро дошт. Аз ҷумла, дар як мусоҳибааш бо хабарнигори ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» Ҳ. Муҳаммадӣ гуфта буд: «Ҳар як замон, ҳар як ҷомеаи башарӣ ба нисбати таърих назари худ, муносибати худро дорад. Ва аз ин ҷо шахси иҷтимоӣ, яъне аъзои ҷамъияти ҳар давр низ ба таърих назари худро дорад. Дар асари бадеӣ воқеаҳои бадеӣ садои нав, нафаси тоза мегирад. Аз ин сабаб, дар мавзуи таърихӣ асар навиштан чунин маънӣ надорад, ки мо тарҷумаи ҳоли шоирро, воқеаҳои таърихиро бо воситаҳои бадеӣ ба шакли «нақлу қисса» дарорем. Мо бояд моҳияти ин воқеаҳоро дар ҳамоҳангӣ бо замони худ, бо фаҳму ҷаҳонфаҳмии одами ҷамъияти имрӯза аз ҷиҳати бадеӣ кушода диҳем, тавҷеҳ намоем. Ва боз дар назар бояд дошта бошем, ки асари бадеии мо дар мавзуъҳои таърихи гузашта барои ҷаҳони маънавии имрӯз, барои ғанӣ гардидани сарватҳои ахлоқию тарбиявии мо чӣ медиҳад» [109].

Аз ин суханони нависанда бармеояд, ки вай аз ибтидо дар таълифи осори бадеии таърихӣ ҳадафи хосси идеологӣ ва ҳунарӣ дошта, зери таъсири ҳамин тамоюли фикрӣ осори бадеии таърихиашро навиштааст, ки романҳои «Ситорае дар тирашаб» ва қисми дувуми дилогияи «На ситораҳо мерезанд» аз ин ҷумла мебошанд. Дар романи дувум давраи нави ҳаёт ва фаъолият, солҳои камолоти эҷодӣ ва фаъолияти ҷамъиятии нависанда, маорифпарвар ва олими намоёни ислоҳотпарасти асри XIX-и тоҷик Аҳмади Дониш ба тасвир омадааст. Дар маркази ин роман масъалаҳои арзишҳои маънавии шахсиятҳои алоҳида ва муносибати фарду ҷомеа дар Аморати Бухорои асри нуздаҳум меистад. Ин роман яке аз боарзиштарин осори бадеии таърихиест, ки ғояи

эҳёи кишвар ва ахлоқу маънавиёти инсонро дар заминаи ҷараёни маорифпарварии ислоҳотхоҳӣ ба миён гузоштааст. Номи роман «На ситораҳо мерезанд» низ дар таъкиди ҷовидонагии ғояи асар буда, ҳамагуна ривояту амрро, ки бунёди воқеӣ надорад ва ба ислоҳи ҷомеа халал мерасонад, наҳӣ менамояд. Номи роман тамасхури танзомези нависандаро бар зидди беадолатӣ ва нобаробариҳои иҷтимоӣ низ дар худ ниҳон доштааст, ки асоси воқеӣ дорад. Аҳмади Дониш фарзанди типии ҷомеаи истибдодиест, ки дар муҳити тираи он рӯзгор ба қадри гуфтору рафтораш ҳокимони вақт намерасиданд. Вале дар тасвири бамуддаои нависанда ин ҳанӯз соати заволи ҳақиқат нест. Монологи Аҳмади Дониш дар роман ба таври равшан ормонҳо ва ғояҳои маорифпарваронаву ислоҳотхоҳонаи ӯро таҷассум мекунад. Дар он андешаи фурӯпошии низоми золимона ва ногузир будани тағйироти таърихӣ баён гардида, муаллиф таъкид мекунад, ки сарвату қудрате, ки бар пояи зулму ҷавр бунёд шудааст, дер ё зуд аз байн меравад [14, с.432]. Ба назари мо, ин монолог на танҳо ҷузъи муҳими характери қаҳрамон, балки меҳвари ғоявии тамоми роман ба шумор меравад.

Бо офариниши образи Аҳмади Дониш, нависанда талош кардааст хонандаро ба андеша водор созад, ки ҷомеаи тоҷик аз татбиқи саривақтии ислоҳотҳои маънавию иҷтимоӣ маҳрум мондааст. Ба назари мо, ҳамин паёми пинҳонӣ маънои таҳтонии асарро ташкил дода, онро аз як тасвири одии таърихӣ ба як андешаи фалсафӣ дар бораи сарнавишти миллат табдил медиҳад.

Мавзуи интихобкардаи муаллиф табиатан вусъати эпикии тасвирро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, Расул Ҳодизода бо фарогирии паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи воқеият рӯ меорад. Ба назари мо, ин равиш имкон медиҳад, ки роман на танҳо қиссаи зиндагии як шахсият, балки таҷассумгари як давраи пуртазоди таърихӣ бошад.

Дар роман диққати асосӣ ба нишон додани симои шахсиятҳои таърихӣ ва бозтоб намудани муҳтавои иҷтимоиву маънавии замон равона шудааст. Ба

назари мо, дар ҳамин замина нависанда тавонистааст чеҳраи маънавии қаҳрамонҳоро тадриҷан ва бо такя ба равандҳои воқеии таърихӣ мукаммал намояд.

Зиддиятҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии табақаҳои гуногун, бархӯрдҳои манфиатҳо ва задухӯрдҳои ҷамъиятӣ асоси низоъи романро ташкил медиҳанд. Ин омилҳо на танҳо ба пешбурди сужет мусоидат мекунанд, балки ҷанбаи драмавии асарро низ тақвият мебахшанд. Ба назари мо, маҳз ҳамин таркиби зиддиятҳо ба роман динамика ва шиддати дохилӣ мебахшад.

Дар маҷмуъ, нависанда бо эҷоди ин асар кӯшиш кардааст ҳудуд ва имконоти жанри романи таърихиро амиқтар дарк ва муайян намояд [171, с.72]. Ба назари мо, ӯ дар ин роҳ то андозае муваффақ гардида, тавонистааст унсурҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва бадеиро дар як низоми мукаммал муттаҳид созад.

Вижагии дигари ҳунари нависанда ворид намудани ҷузъиёти мушаххаси зиндагӣ ба сохтори тасвири бадеӣ мебошад. Ин ҷузъиёти воқеӣ ба асар ранги ҳуҷҷатӣ бахшида, эътимоднокии онро афзун менамоянд. Ба назари мо, чунин равиш нишондиҳандаи такомули маҳорати тасвиргарии муаллиф ва наздикшавии ӯ ба усули вуқуъгароӣ мебошад.

Ҷанбаи муҳими дигари ҳунари муаллиф дар масъалаи шахсиятпардозӣ зоҳир мегардад. Нависанда аз шеваҳои гуногун истифода бурда, ҳам тавассути шарҳу таҳлили мустақим ва ҳам аз роҳи диди персонажҳои дигар хислатҳои қаҳрамонҳоро ошкор месозад. Ба назари мо, ҳамин гуногунрангии усулҳо имкон медиҳад, ки образҳо дорои умқи равонӣ ва бисёрпаҳлуӣ бошанд.

Чунонки таъкид шудааст, муваффақияти чунин тасвир ба вижагиҳои ровӣ ва мавқеи нависандаи донои кул вобаста аст [46, с.187]. Ба назари мо, Расул Ҳодизода дар ин замина тавонистааст тавозуни муносиб миёни нақл, таҳлил ва тасвири бадеиро нигоҳ дорад, ки аз камолоти услубии ӯ гувоҳӣ медиҳад. Расул Ҳодизода дар офаридани шахсиятҳои романи «На ситораҳо мерезанд» аксаран аз ҳамин шева истифода карда ва муваффақ ҳам шудааст.

Масалан, дар роман шахсияти амир Музаффар ба воситаи нависандаи донои кул ва бо истифода аз шарҳу тафсири мустақим таҷассум ёфтааст. Дар ин навъи тасвир муаллиф на танҳо ҳолати зоҳирӣ ва муҳити зисти қаҳрамонро нишон медиҳад, балки тавассути ҷузъиёти интихобшуда хусусиятҳои ахлоқӣ ва равонии ӯро низ ошкор месозад. Дар порчаи мазкур амир ҳамчун шахсе тасвир шудааст, ки дар айшу ишрат, фароғати ҷисмонӣ ва ҳаловатҳои шахсӣ фурӯ рафтааст [14, с.99].

Таваҷҷуҳи муаллиф ба тафсилоте, чун хобгоҳи навбунёд, базмҳои пайдарпай, таомҳои махсус, хидмати маҳрамон ва гузар ба хилватхона, пеш аз ҳама, барои нишон додани руҳияи ҳокими худкома ва зисти пур аз айшу нӯш истифода шудааст. Ба назари мо, чунин ҷузъиёти моддӣ дар ин ҷо танҳо вазифаи тасвирӣ надоранд, балки воситаи муҳими фош сохтани моҳияти иҷтимоӣ ва ахлоқии қаҳрамон мебошанд.

Ҳамзамон, дар ин тасвир нависанда ба таври ғайримустақим дурии амирро аз дарду зиндагии воқеии мардум нишон медиҳад. Қаҳрамон дар ҳоле тасвир мешавад, ки тамоми таваҷҷуҳи ӯ ба осоиши шахсӣ, лаззатҳои ҷисмонӣ ва ҳифзи неруи ҷавонӣ равона гардидааст. Ба назари мо, чунин тарзи ироа симои амирро ҳамчун намояндаи табақаи ҳукмроне ошкор мекунад, ки аз масъулияти иҷтимоӣ ва маънавӣ комилан дур мондааст.

Аз ҷиҳати ҳунари тасвир низ ин порча аҳамияти махсус дорад, зеро муаллиф тавассути нақли ором, бетаъҷил ва пуртафсил образро тадриҷан шакл медиҳад. Ба назари мо, ҳамин шева боис шудааст, ки симои амир Музаффар на ба шакли карикатурӣ, балки ҳамчун шахсияти воқеии таърихӣ бо ахлоқу одатҳои муайян пеши назари хонанда ҷилвагар шавад.

Нависанда бо ҳамин шеваи шахсиятпардозӣ пеш-пеш симои амир Музаффар ва афроди дигари романро, ки аз табақоти мухталифи ҷомеаи Бухоро ва дигар манотиқ ҳастанд, ташреҳ ва тафсир карда, ботини шахсиятҳои романашро ба хонанда нишон медиҳад. Ин усули тасвирро нависанда дар офаридани шахсиятҳои мусбату манфии роман ба кор гирифта, аксаран муваффақ ҳам шудааст. Вале он чи дар бораи ин шеваи

шахсиятпардозии Расул Ҳодизода гуфта шуд, маънии онро надорад, ки вай аз аввал то охири роман дар тасвири шахсияти амир Музаффар ё касони дигар аз ҳамин шева истифода карда бошад. Ин равишро нависанда ба танҳоӣ истифода накардааст. Зеро барои ӯ амали шахсият низ аз василаҳои муҳимми чеҳранамоии қаҳрамони роман буда, дар ин замина нависанда тавонистааст, ки шахсиятҳоро, аз ҷумла шахсияти амир Музаффарро дар вақти амал ва бархӯрд бо воқеиятҳо низ нишон диҳад.

Гоҳо, мутаассифона, нависанда аз ин шеваи шахсиятпардозӣ зиёд истифода кардааст, ки баъзе лаҳзаҳои тасвири ӯ шакли мақола ва гузоришро ба хотир меоваранд. Масалан, дар боби савуми роман, ки бо ҷумлаи «Дониш рисолаи илми нуҷумро, ки амир ба вай фармуда буд, ба охир расонд ва аз Абдулқодирбек хоҳиш намуд, ки онро ба Арк ба қушбегӣ расонад» [36, с.80], нависанда хеле зиёд аз хусусиятҳои хулқӣ ва руҳии Аҳмади Дониш суҳбат мекунад, ки аз мақолаи илмӣ фарқе надорад. Вале ин суханҳо маънои онро надорад, ки Расул Ҳодизода дар матни роман билкул шахсиятҳоро дар ҳини амал ва дар бархӯрд бо ҳаводис нишон надода бошад. Шарҳе, ки аз хусусияти ахлоқӣ ва равонии амир Музаффар дода шуда, моро омода мекунад, ки дар интизори амал ва рафтори ӯ дар бархӯрд бо шахсиятҳои дигар ва воқеиятҳои дигар бошем.

Дар ин равиш нависанда аз шеваи дигари шахсиятпардозӣ-ироаи шахсият аз тариқи амали шахсият бо каме шарҳу тафсир ё бидуни он низ истифода кардааст, ки аксаран ҳунармандона ва огоҳона анҷом гирифтааст. Дар тарзи тасвири ӯ ин шеваи тасвири шахсиятҳо ҷузъи ҷудоинопазири равиши намоишӣ буда, аъмол ва рафтори шахсиятҳоро мушаххас месозад. Дар саҳнаи театр ҳунарпеша бо рафтор ва гуфтор худашро ба тамошобин муаррифӣ менамояд ва дар ин роман низ нависанда аз тариқи аъмол ва гуфтори шахсиятҳо чеҳраи онҳоро ба хонанда менамояд, ифодагари моҳияти хулқӣ ва руҳи инсонии онҳо мебошад. Зайли намуна ба пораи зери романи «На ситораҳо мерезанд» таваҷҷуҳ кунед:

«– Хуб, қушбегӣ, корҳои хуб кардаед. Мо розӣ. Худо хайратонро диҳад.

Сухани охирини амир ишора ба рухсатӣ рафтан буд. Қушбегӣ аз ҷой хеста, ба амир таъзим кард ва дар ҳамин ҳолат ба ақиб қадам партофта баромада рафт. Абдуллобек низ аз ҷой хест ва ду даст ба пеш таъзим карда истод.

– Парвоначӣ, ягон гапи зарур доред?

– Не, не, ҳазратам, -саросема шуд Абдуллобек.

– Хуб, набошад, пагоҳ барвақттар биёед, ёрлиғу фармонҳоро гирифта биёред,

– Музаффар болинро зери бағал дурусттар кашид.

– Ба чашм, -гуфт Абдуллобек ва каме ақибтар рафту боз истод. – Ҳазратам...

Хуш... ҳа, шумо ҳолӣ ҳамин ҷо ҳастед?

– Ҳазратам... Агар малоли хотир набошад, як даҳан гапи ғуломатонро гӯш кунед.

– Чӣ гап будааст? Пагоҳ гӯед намешавад?

– Мешавад, ҳазратам... Аммо ҳозир ҳеҷ кас нест. Ин гапи маҳрамона буд...

– Хайр, шинед, гап занед!

– Ҳазратам, бе иродати шумо як кор кардем, аз гуноҳи банда мегузаред.

– Боз чӣ номаъқулӣ кардед?

– Ҳазратам, ба манфиати мулку давлати ҷаноби олӣ кардем.

– Хайр, чӣ кор кардед?

– Ҳамон сипоҳии гурезаи қипчоқҳоро ман гирифта мондам.

– Шумо гирифта мондед? Ин боз чӣ кори кардагетон буд? Аз куҷо вайро дастгир кардед?

– Дастгир накардаам, ҳазратам. Худи вай гуфт, ки дигар ба Хӯқанд рафтанӣ нест, агар ҷаноби амирамон қабул кунанд, ман ба он кас хизмат мекунам.

– Кори беақлона кардед, бек!– якбора хашмгинона гуфт амир. -Ман ба хизмати ин қипчоқҳои бедин эҳтиёҷ надорам.

– Ҳазратам, вай қипчоқ набудааст, – Абдуллобек сурх шуд, хаёл кард гапро дуруст ба амир фаҳмонда наметавонад. – Ҳазратам, ба шумо чӣ хел карда гӯям... Аз гуноҳамон гузаред, каме телба шуда мондем.

– Хайр, дурусттар гап занед, -каме аз оташинӣ фаромад амир.

– Ин сипоҳӣ аслаш аз лашкарбошиҳои номдори оқпошшо будааст.

– Оқпошшо?

– Ҳа, ҳа, ҳазратам... урусҳо ба қадри вай нарасидаанд, вай хизмати онҳоро тарк карда ба Хӯқанд омадааст. Лекин кордории хӯқандиҳо, хусусан қипчоқҳо ҳам ба табъи вай нафоридааст...» [14, с. 74-75].

Чунонки ба назар мерасад, бе он ки нависанда кӯчактарин ишорае ба он кунад ва тавзеҳ ва тафсире ба он диҳад, хонанда ғайримустақим аз сарнавишти асири ҷангӣ хабардор мешавад. Дар ин равиш шахсиятҳои роман-амир Музаффар ва қушбегӣ Абдуллобек дар амал нишон дода шудаанд ва хонанда аз он чи онҳо мегӯянд, ҳадс мезанад, ки чӣ навъ одаме ҳастанд. Нависанда аъмол ва гуфтори шахсиятҳоро ба намоиш гузоштааст, ки баёнгари кӣ будани онҳост.

Расул Ҳодизода аз ин равиши намоишӣ дар пардохти шахсиятҳои романаш зиёд истифода кардааст, яъне ба ҷои гуфтан нишон додааст, қаҳрамонаш чӣ зарфияте дорад. Ҳамин тавр, бо истифода аз ин усули тасвир нависанда тавонистааст, ки ба воситаи амал, куниш ва зоҳири берунӣ, фикр ва андешаи даруниро нишон диҳад.

Дигар аз имтиёзоти Расул Ҳодизода дар тасвири намуди шахсияти пӯё зоҳир мешавад. Ин гуна шахсиятро муҳаққиқон дар асари бадеӣ ҳамеша «дастхуши тағйир ва таҳаввул» дидаанд [46, с.195]. Вақте ки баъзе образҳои офаридаи нависандаро дар ин роман аз назар мегузаронем, ҷанбае аз шахсият, ақоид ва ҷаҳонбинӣ ё хислату хусусияти онҳоро дар ҷараёни тасвир дигаргун ва дар таҳаввул мебинем. Ин дигаргунӣ гоҳо амиқ, гоҳо сатҳӣ ва гоҳи дигар маҳдуд аст.

Аҳмади Дониш шахсияти романи «На ситораҳо мерезанд» шахсияти пӯё ва мутаҳаввил буда, ҳаводисе, ки аз сари ӯ гузаштааст, ӯро тадриҷан,

дигаргун мекунад. Ин дигаргунӣ чунон амиқ аст, ки дар поёни роман вақте хонанда мебинад, ки вай «мехонду овози ӯ матинтар, баландтар мешуд»-у «дар ин шаби танҳоӣ овози ӯро ғайр аз худаш касе намешунид, на Холмуҳаммад, на бисёр касоне, ки дар ин шаҳр, берун аз ин шаҳр дар хоби сокиту фаромӯшӣ хобида буданд» [14, с.432], фарқияти миёни ин Аҳмад ва Аҳмади қисми аввали романро аз замин то осмон ба ҳисоб меоварад. Яъне, шахсияти қаҳарамонашро нависанда дар ҷараёни ҳаводис таҳаввул бахшида, таъсири ӯро ба муҳит ва ҳаводис нишон медиҳад. Ба ин тартиб, мо Донишро ҳамчун шахсияти пӯёе ба ёд мегирем, ки бар воқеият таъсир гузошта, худ низ тадриҷан таҳаввул меёбад ва воқеиятҳо ва таҳаввулоти иҷтимоӣ дар хусусиятҳои равонӣ ва ахлоқии ӯ таъсир мегузоранд ва ӯро тағйир медиҳанд. Романи Расул Ҳодизода аз аввал то охир тасвиркунандаи ин тағйир ва дигаргунии қаҳрамони марказии роман аст.

Романи «На ситораҳо мерезанд» саҳифаи тозаи эҷодиёти нависандаи фақид дар охири солҳои ҳаштодуми садаи гузашта буд, ки мутаассифона, на дар замони барҳаёт будани муаллиф, на баъди он аз ҷониби нақди адабӣ арзёбӣ нашудааст. Муаллиф дар як мусоҳибааш аз ин роман ёд карда гуфта буд: «...соли гузашта (яъне, соли 1987–А.К.) романи дуюмро аз ҳаёт ва замони Дониш ба охир расонидам ба номи «На ситораҳо мерезанд». Таълифи ин роман, ки якҷоя бо тадқиқоти илмӣ мерафт, ростӣ, маро хеле монда кард. Аз ин сабаб, ҳоло ҳарчанд баъзе нақшаву ниятҳо ҳаст, аммо аз ваъда додан ба навиштани ягон асар худдорӣ мекунам... Ният дорам, дар бораи роҳи интелигенсияи мо ба инқилоб ва дигаргуниҳои иҷтимоии давраи нави сотсиализм повест нависам. Револютсияи Октябр мавзуи замони ҳозира аст, мавзуи ҷовидонии адабиёти мост» [109].

Чунонки аз шарҳи ҳол ва осори адиб бармеояд, гарчанде бархе аз орзуҳои эҷодии Расул Ҳодизода амалӣ нагардиданд, ҳикояҳо, қиссаҳо ва ду романи охирини ӯ, пеш аз ҳама, саҳми арзишманди ӯро дар рушди насри муосири тоҷик бозгӯ менамоянд. Ҳамзамон, ин осор ҳамчун василаи зинда нигоҳ доштани руҳ, ҷаҳонбинӣ ва хидматҳои фарҳангии ӯ дар масири замон

аҳамияти пойдор доранд. Ба назари мо, маҳз тавассути ҳамин таълифот симои Ҳодизода ҳамчун нависандаи таърихандеш ва адиби соҳибмавқеъ дар хотираи адабии миллат устувор мемонад.

Ба ин тартиб, метавон гуфт, ки омили асосии рӯ овардани Расул Ҳодизода ба таълифи осори таърихии бадеӣ, пеш аз ҳама, ишқ ба Ватан ва эътиқод ба миллат будааст. Ҳадафи аслии ӯ аз бозофаринии гузашта танҳо нақли рӯйдодҳои таърихӣ набуда, балки истифодаи он ҳамчун сабақ барои имрӯз ва фардои ҷомеа мебошад. Ба назари мо, ҳамин мавқеи эҷодӣ ба осори ӯ хусусияти маънавӣ ва тарбиявӣ мебахшад.

Дар ҳамин замина, дар ҷустуҷӯҳои нависанда ҳангоми бозсозии таърих ва тасвири рафтору аъмоли шахсиятҳои таърихӣ ва тахайюлӣ диққат ва эҳтиёти ҳамзамон олимона ва адибона мушоҳида мешавад. Ин равиш ба ӯ имкон додааст, ки аз маҳдудияти бархӯрди сирф таърихнигорона канораҷӯӣ намояд. Ба ибораи дигар, ӯ шахсиятҳоро на танҳо аз як ҷиҳати муайян, балки дар заминаи пурраи зиндагӣ, муҳит, фаъолият ва воқеияти давр тасвир кардааст. Ба назари мо, ин яке аз муҳимтарин хусусиятҳои ҳунари таърихнигории бадеии ӯст.

Аз ҳамин лиҳоз, Расул Ҳодизода дар эҳёи сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ танҳо ба фаъолияти зоҳирии онҳо таваҷҷуҳ накарда, ҷанбаҳои фардӣ, маънавӣ ва равонии онҳоро низ дар маркази тасвир қарор додааст. Ба назари мо, ин тамоюл нишон медиҳад, ки барои ӯ таърих на маҷмуи воқеаҳо, балки пеш аз ҳама сарнавишти инсонҳо ва таҷассумгари руҳи замон мебошад.

Ҳамин усул ва гароиши хоси таърихиву бадеӣ замина фароҳам овардааст, ки ӯ ҳикояҳо, қиссаҳо ва романҳои таърихии худро офарад ва ба ин васила дар рушди таърихнигарии бадеии адабиёти тоҷик нақши намоён гузорад. Ба назари мо, арзиши ин осор дар он аст, ки онҳо ҳамзамон хусусияти таърихӣ, бадеӣ ва маънавиро ба ҳам омехта, як консепсияи мустақили эҷодиро таҷассум мекунанд.

Дар маҷмуъ, осори бадеии Расул Ҳодизода ҳодисаи муҳими адабӣ буда, дорои арзиши фаровони таърихиву бадеӣ мебошанд. Бидуни тардид, чунин осор ганҷинаи насри фасеҳ, содаву дилпазир ва бетакаллуфи тоҷикиро ғанӣ гардонида, ҷойгоҳи ӯро дар таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун нависандаи соҳибсабк ва таърихандеш устувор месозанд.

## 3.2. Хусусиятҳои сабки нигориши нависанда

Дар шинохти чеҳраи эҷодии ҳар нависанда, пеш аз ҳама, ба сабки нигориши ӯ таваҷҷуҳ зоҳир мешавад, зеро сабк танҳо тарзи баён нест, балки ойинаи тафаккур, сатҳи завқи бадеӣ, навъи муносибат ба забон ва шеваи дарки воқеият аз ҷониби муаллиф ба шумор меравад. Агар мазмун нишон диҳад, ки нависанда чӣ мегӯяд, сабк равшан месозад, ки ӯ онро чӣ гуна баён мекунад ва бо кадом восита ҷаҳони ботинӣ ва ҳунарии худро ошкор менамояд. Аз ҳамин ҷиҳат, баррасии сабк дар таҳлили осори бадеӣ аҳамияти меҳварӣ дорад, зеро он имкон медиҳад таносуби фикр ва шакл, муҳтаво ва баён, ҷаҳонбинӣ ва маҳорати суханпардозии адиб амиқтар дарк карда шавад. Бинобар ин, пеш аз гузаштан ба таҳлили хусусиятҳои сабки нигориши нависандаи мавриди назар, зарур аст худи мафҳуми «сабк» аз дидгоҳи аҳли назар ба таври мухтасар рӯшан гардад.

Донишмандон сабкро ба таврҳои гуногун таъриф кардаанд: «инҳироф аз ҳинҷор», «либоси фикр», «фикр кардан бо забон» ва маҷмуае «аз маъонии маҷозӣ ва сареҳи нависанда» [72, с.355]. Дар фарҳангҳои адабӣ низ ин мафҳум шарҳҳои мухталиф дорад. Аз ҷумла, сабк ҳамчун расм ва тарзи баён, тадбир ва тамҳиде маънидод мешавад, ки нависанда дар навиштан ба кор мегирад; ба ин маъно, интихоби калима, сохтори дастурӣ, забони маҷозӣ, ҳамоҳангии овозҳо ва дигар унсурҳои баёнӣ дар ташаккули сабк нақш доранд. Дар таърифи дигар сабк «ороиши калимот ба тариқе, ки айнан фардияти нависанда ва фикру нияти ӯро баён кунад» дониста шудааст [46, с.355].

Аз маҷмуи ин таърифҳо бармеояд, ки сабк падидаи сирф забонӣ нест, балки натиҷаи пайванди мустақими тафаккур, эҳсос, ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи эҷодии нависанда бо имконоти баёнии забон мебошад. Ба иборати дигар, сабк нуқтаи таодулист, ки дар он шахсияти адиб ва маводи забонӣ ба ҳам мерасанд. Аз ҳамин рӯ, беҳтарин сабк барои ироаи ҳар мақсад он аст, ки мутобиқати ҳарчи комилтари байни забон ва афкори соҳибқаламро таъмин намояд. Дар асл, сабк аз ду унсури асосӣ таркиб меёбад: фикре, ки бояд баён

шавад ва фардияте, ки онро баён мекунад. Чунонки таъкид шудааст, сухан аз барқарории тавофуқи комили дутарафа миёни эҷодкунанда ва маводи кори ӯ меравад.

Ин маънӣ дар андешаи Сенклер Луйис низ бо таъкид бар табиати ботинии сабк тавзеҳ ёфтааст. Ба назари ӯ, сабк ҳолатест, ки нависанда дар он эҳсосоти худро баён мекунад ва он ба ду омили асосӣ – қудрати эҳсос ва мояи зеҳнии ӯ вобаста аст. Мояи нависанда бояд ба дараҷае ташаккул ёбад, ки имкони баёни эҳсосоти ӯро фароҳам оварад. Бидуни эҳсоси амиқ ва бидуни захираи маънавию зеҳнӣ нависанда соҳиби сабки воқеӣ шуда наметавонад [46, с.356]. Ба назари мо, ин таъриф аҳамияти муҳим дорад, зеро нишон медиҳад, ки сабк на танҳо маҳсули малакаи забонӣ, балки натиҷаи камолоти ботинӣ ва таҷрибаи маънавии адиб низ ҳаст.

Ҳамин мазмун дар андешаи Стендал низ бо баёни дигар ифода ёфтааст. Ӯ сабкро шеваи хоси ҳар ҳунарманд дар баёни мавзуоти муштарак медонад, ки танҳо ба худи ӯ ихтисос дорад. Ба таъкиди ӯ, ҳар ҳунарманд дар ҷустуҷӯи василаҳое аст, ки тавассути онҳо дар зеҳни хонанда таъсири махсус ба вуҷуд орад [46, с.2]. Ба назари мо, ин таъкид бар он далолат мекунад, ки сабкро танҳо ба сатҳи калима ва ҷумла фурӯкостан мумкин нест; сабк, пеш аз ҳама, низоми вижаи дидан, дарк кардан ва баён намудани воқеият аст.

Аз ин рӯ, шинохти сабки ҳар адиб дар ниҳояти кор шинохти сохтори ботинии тафаккур, завқи зебоишинохтӣ ва тарзи таъсиргузории ӯ ба хонанда мебошад. Ба назари мо, маҳз аз ҳамин нуқтаи назар метавон ба таҳлили сабки Расул Ҳодизода ворид шуд, зеро дар осори ӯ сабк на танҳо шакли баён, балки ифодаи ҷаҳонбинии таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳунарии муаллиф аст.

Албатта, ин торҳои руҳӣ дар осори ҳар ҳунарманд ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, дар офаридаҳои Расул Ҳодизода низ чунин хусусиятҳо равшан ҳузур доранд, ҳарчанд ӯ, мисли бисёре аз ҳамзамононаш, дар доираи як муҳити воҳиди идеологӣ парвариш ёфта, дорои ҷаҳонбинии сиёсӣ ва иҷтимоиву фалсафии мушаххас буд. Бо вуҷуди ин, умумияти заминаҳои фикрӣ ҳаргиз ба маънои яксон будани шеваи дарк ва бозтоби воқеият нест.

Ба назари мо, маҳз дар ҳамин нуқта фардияти эҷодии нависанда ошкор мегардад. Зеро ҳеҷ ҳунарманде ҷаҳонро дақиқан ба ҳамон тарзе дарк намекунад, ки ҳунарманди дигар дармеёбад. Ин дарк маҷмуи тамоми таҷрибаи зиндагӣ, ҷаҳонбинӣ, тамоюлҳои ахлоқӣ, завқи зебоишиносӣ, ҳассосиятҳои отифӣ, алоқаҳо, салиқаҳо ва ормонҳои ӯро дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, асолати ҳар асари ҳунарӣ аз ҳамин низоми ботинии таҷриба ва тафаккур сарчашма мегирад.

Аз ҳамин лиҳоз, осори Расул Ҳодизода низ дорои вижагиҳои мушаххаси сабкӣ мебошанд, ки онҳоро аз навиштаҳои дигарон фарқ мекунанд. Ба назари мо, фарқи асосии сабки ӯ дар пайванди тафаккури таърихӣ, эҳсоси миллӣ, назари таҳлилӣ ва шеваи баёни содаву фасеҳ зоҳир мегардад. Маҳз ҳамин омилҳо ба осори ӯ асолати фардӣ бахшида, тарзи нигориши ӯро ҳамчун нависандаи дорои чеҳраи хоси эҷодӣ муаррифӣ менамоянд.

Зимнан бояд гуфт, ки вақте таҷрибаи эҷодии нависандагони тоҷикро мурур мекунем, наметавонем улгуи воҳиди сабкие барои ҳамаи онҳо ёфт. Устод Айнӣ саъй намекард мисли нависандаи дигаре бинависад ва Ҷалол Икромӣ монанди Айнӣ ё Раҳим Ҷалил монанди Сотим Улуғзода. Нависандагони номбурда бо қудрати шигифтоваре воқеияти замони худ ва сарнавишти шахсиятҳоро тасвир мекарданд ва ин муҳимро бо сабкҳои комилан, мухталиф ба анҷом мерасонданд. Он чи ҳама дар он иштирок доранд, ҳақиқати воқеӣ аст ва бесобиқа будани забони маҷозӣ ва қудрати тахайюли онҳо, ки бинокунандаи меъёри ҳунарии шахсии онҳо ва дарёфти ягонаашон аз воқеият аст.

Дар ин рӯйкард Расул Ҳодизода низ сабки хоси худро дорад, ки бо ранги забонии мунҳасир ба фард, нукоти дақиқу зариф, бо лаҳну оҳанг, ҳатто сифатҳо ва унвонҳояш, ҳамчун оинае аз даврони таърихӣ ва муосир, фардияти ҳунарии нависандаро шакл додааст.

Дар тарзи нигориши ин нависанда вожаҳо на танҳо маъно, балки оҳанг ва борикиҳои таърихии худро низ доранд. Тапиши калима танҳо дар он сурат бо руҳи замон ҳамоҳанг мегардад, ки дар таркиб бо дигар вожаҳо низом ва

ҳамсадоии муносиб пайдо кунад. Аз ҳамин ҷиҳат, масъалаи сабк дар осори бадеӣ ба шахсияти эҷодии нависанда сахт вобаста мебошад. Чунонки М. Б. Храпченко таъкид кардааст, шахсияти нависанда, ки дар хусусиятҳои гуногуни осораш ошкор мешавад, дар сабки ӯ низ равшан инъикос меёбад. Дар айни замон, фардияти эҷодӣ истифодаи танҳо як шеваи баёнро тақозо намекунад, зеро дар эҷодиёти ҳатто ҳунармандони дорои чеҳраи равшани фардӣ низ метавон чанд сабки гуногунро мушоҳида кард [175, с.110].

Ба назари мо, ин нукта барои шинохти эволютсияи сабки Расул Ҳодизода аҳамияти махсус дорад, зеро осори ӯ низ аз лиҳози шеваи баён ва корбурди забон яксон нестанд.

Аз ҳамин нигоҳ, ҷараёни ташаккули сабки нигориши Расул Ҳодизода аз ибтидои фаъолияти эҷодиаш то таълифи романи охирини ӯ – «На ситораҳо мерезанд» – марҳилаҳои мухталифро фаро гирифтааст. Ба ибораи дигар, сабки ҳикояҳои аввалини таърихии ӯро бо сабки дилогияи охиринаш яксон донистан мумкин нест. Ба назари мо, чунин таҳаввул нишон медиҳад, ки нависанда дар тӯли фаъолияти худ на танҳо аз ҷиҳати мазмун, балки аз лиҳози шеваи баён, таҷрибаи забонӣ ва коркарди овози таърихӣ низ ба камолот расидааст.

Муҳаммадҷон Шукуров ҳанӯз дар ибтидои солҳои ҳафтодуми асри XX ба ин масъала таваҷҷуҳ карда, менависад, ки сабки нависанда, махсусан забони персонажҳо, бояд яке аз самтҳои асосии ҷустуҷӯҳои минбаъдаи ӯро ташкил диҳад. Ба таъкиди ӯ, дар он марҳила принсипи эҷодии муаллиф дар ин самт ҳанӯз пурра ташаккул наёфта буд, зеро байни сухани персонажҳои мансуб ба давраҳои гуногуни таърихӣ, аз ҷумла Балъамӣ, Рӯдакӣ, Фаррухӣ ва ҳатто Аҳмади Дониш, тафовути ҷиддӣ эҳсос намешуд [93, с.137].

Ба назари мо, ин эрод аз диди нақди адабӣ асоснок аст, зеро дар насри таърихӣ фарқгузории забони персонажҳо яке аз шартҳои муҳими эътимоднокии бадеӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон, чунин мулоҳиза нишон медиҳад, ки масъалаи таърихисозии забон дар осори Ҳодизода аз ҷумлаи ҷанбаҳои печида ва тадриҷан такмилёбандаи ҳунари ӯ будааст.

Бо вуҷуди ин, ҳамин эродро метавон на танҳо ҳамчун ишораи камбуд, балки ҳамчун нишонаи раванди ташаккули сабки адиб низ арзёбӣ кард. Ба назари мо, Ҳодизода дар осори баъдии худ маҳз ба ҳамин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, тадриҷан ба сӯи тафриқаи дақиқтари овозҳо ва фазои таърихии забон қадам гузоштааст.

Ҳамин тавр, масъалаи фардияти сухани шахсиятҳои таърихӣ дар асарҳои Расул Ҳодизода, аз ҷумла ҳикоя ва қиссаву романҳои тарҷумиҳолиаш яке аз муҳимтарин масъалаҳо буда, то чӣ андоза амиқ рафтани таърихияти асар аз бисёр ҷиҳатҳо ба ҳалли он вобаста мебошад. Сухани шахсият, хусусан қаҳрамони марказӣ бояд, аз як тараф, хулқу хӯй, фикру андеша, ҳиссиёту ҳаяҷон ва тамоми ҳастии ӯро ифода намояд, яъне комилан хусусияти фардӣ дошта бошад, аз тарафи дигар, хусусиятҳои умумии забони давраи худ ва зиёда аз ин, синф ё табақаи сиёсиву иҷтимоии муайянро ифода намояд.

Ҳалли ин масъала, бахусус корбурди махсусиятҳои гуфтугӯи мардуми давраҳои муайяни таърих ва синфу табақаҳои мушаххаси ҷомеа, бешубҳа, мушкилоти зиёдеро дар бар дорад. Масалан, ҳар нависандае, аз ҷумла Расул Ҳодизода ҳам ба таври кофӣ намедонад, ки сухани муҳовараи тоҷикии асри XV аз асрҳои X-XI чӣ фарқияте дошт. Ҳол он ки агар нависанда ба забони насри ривоятӣ, монанди «Самаки айёр» зеҳн монад ё ба забони баъзе сарчашмаҳо таваҷҷуҳ кунад, метавонад аз хусусиятҳои забони муҳовараи мардуми замонҳои гузашта огаҳӣ пайдо кунад ва ин таҷрибаро дар эҷоди асари бадеӣ истифода кунад. Мутаассифона, аксари нависандагони мо аз ин таҷриба фосила гирифтаанд, ки якеи онҳо Расул Ҳодизода мебошад. Нависанда дар эҷоди нахустин ҳикояҳои таърихии «Бӯи ҷӯи Мӯлиён», «Қасидаи доғгоҳ» ва «Танбӯри Дилкаш» хусусиятҳои забони муҳовараи замони мавриди назарро дар нутқи персонажҳо ба кор нагирифтааст, ки аз камбудии ҷиддии сабки нигориши ӯ мебошад.

Сабки Расул Ҳодизода дар ин равиш аз ибтидо бо сабки нависандагони муосираш монандиҳо дошт. Х. Шарифов «умумияти услубии замоние»-ро дар эҷодиёти муосирони Расул Ҳодизода мушоҳида карда, таъкид мекунад,

ки ин зумра адибон «ҳамагӣ аз сабки содагӯӣ пайравӣ кардаанд ва ин шиори умумии забонии замон буда», ки «паҳлуҳои мусбату манфиаш» [89, с. 97] ҳам будааст. Ҳоло паҳлуҳои манфии ин тамоюли сабкии насри муосирро ба як тараф монда, бармегардем сари паҳлуҳои муҳимми сабки нигориши Расул Ҳодизода.

Сабки ин нависанда аз аввалин таълифоташ сар карда, хусусиятҳои забонии хос, нуктаҳои дақиқу зариф ва лаҳну оҳанги диққатангез дошт. Вожаҳо дар ҳикояву қиссаҳо ва романҳои нависанда оҳанги хоси худашонро доштанд. Тапиши ҳарфҳо бо замон ва ҳиссу идроки хонанда ҳамоҳанг буданд. Хонандаи огоҳи нависанда аз миёни хорҳо, дуруштиҳои гуфтугӯии тарҷумазада ва гоҳо забони шикаста, ба истилоҳ оммавӣ, тавонист гоҳо замзамаи забони ноб ва ширини тоҷикиро ҳис кунад.

Ба ин далел, дар аввалин ҳикояҳои таърихии нависанда фақат сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ омили пешбарандаи тарҳи асар набудаанд. Зиёда аз ин, барои Расул Ҳодизода фақат паём ва натиҷаи амалу кирдори шахсияти асар муҳим набуд, балки дар таҷрибаи тасвиркориҳои ӯ лаҳзаҳое аз ҷараёни зиндагии шахсиятҳои таърихӣ чунонки ҳаст, ҳамон тавр ба тасвир омада ва сабки ӯро шакли малмус бахшидаанд.

Расул Ҳодизода аз ҳикояи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» сар карда, гароиши хоссе ба насри адабӣ ва навишторӣ дошт. Лаҳни гуфтор, мусиқӣ ва оҳанги калом низ мутаносибан бо эҳсосу андеша ҳамхонӣ дошт. Яъне, нависанда аз оғоз таносуби басомади унсурҳои сабкиро дар тарзи нигоришаш ба камоли диққат риоя намудааст. Ҳамчунин, яке аз омилҳои устувории сабк дар ҳикояи зикршуда ва осори баъдии ӯ корбурди огоҳонаи унсурҳои чеҳрасози таърихӣ ва тахайюлӣ мебошад, ки дар заминаи тасвири образҳои таърихии Рӯдакӣ, амир ва тахайюлии Сафару Аббос нависанда амалӣ кардааст. Шахсиятҳои таърихӣ ва тахайюлии тасвиркардаи ӯ мушаххасоти зоҳирӣ ва ботинӣ дошта, дар ифодаи ғояи асосии хостаи муаллиф таъсиргузор будаанд. Ин тарзи тасвир муҷассамкунандаи матни хоси таърихӣ ва тахайюлии зиндагӣ, аъмол ва рафтори шахсиятҳои ҳикоя мебошанд. Аз ин мавқеъ, таҷрибаи сабкии

нависанда дар ин ва ҳикояҳои дигари таърихии ӯ «Қасидаи доғгоҳ» ва «Танбӯри Дилкаш» ба наҳве гурез аз хотиранависӣ, насри рӯзномаӣ ва қиссасозиҳо буда, фарогирии сареҳи унсурҳои сабксоз сохтори мундариҷавӣ ва ғоявии ин осорро таҳаввул бахшидаанд.

Дар таҷрибаи нависандагии Расул Ҳодизода ҳама чиз дар таносуб бо қутбҳои рӯйдоднигории иҷтимоӣ ва дарунигории ормонҷӯёна анҷом гирифта, ин тарзи нигариш ва тасвир дар ҳикояву қиссаҳо ва романҳои ӯ имтиёз дорад. Шарҳу тавзеҳи аъмолу кирдори шахсиятҳои таърихиву тахайюлӣ аз берун, тасвирҳои ҳолнамо дар қолаби такгӯиҳо ва инфиҷорҳои тағаззуломез дар рӯнамоии эҳсос ва андешаи шахсиятҳои таърихиву тахайюлӣ диди хосси бадеӣ ва сабкии нависандаро нишон медиҳанд.

Чунонки қаблан зикр шуд, Расул Ҳодизода асосан ба тасвири воқеиятҳо, сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ ва эҳсосу андешаи рӯшан пойбанд аст. Ин тамоюл ба рӯшангарӣ ӯро водор сохтааст, ки забони мантиқан равшан, расо ва истидлолиро дар осораш ба кор гирад. Ба ифодаи дақиқтар, нависанда дар осораш забон насохта, балки аз забони маъмулии содаву ба истилоҳ мардумӣ, ки сохтаи замони шуравист, ҳунармандона истифода кардааст. Гоҳо зарфияти ҳассосияти воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳои таърихии осораш ӯро водор кардааст, ки қолаби маъмулиро шиканад. Дар ин равиш, ба риояи суннатҳои оммавии забон бештар пойбанд будааст.

Ба ин тартиб, забон дар корбурди нависанда, пеш аз ҳама, воситаи офарандагӣ, ифшои ҳол, амалу кирдори шахсиятҳо буда, Расул Ҳодизода аз он на танҳо ҳамчун василаи баён, балки ба унвони неруи мутаҳаррика ва мавзуии асари худ истифода кардааст: забон дар корбурди нависанда, пеш аз ҳама, фарогири номи шахсиятҳои таърихӣ ва тахайюлӣ, маконҳо, истилоҳоти хоси муҳити иҷтимоӣ, ҷуғрофиёӣ, гуруҳҳои иҷтимоӣ, муколама ва муҳовараи шахсиятҳо ва инъикоси робитаи шахсиятҳо бо муҳит ва одамон мебошад. Аз ин ҷиҳат, сабки осори нависандаро метавон дар меҳвари насри табиӣ, забони гуфтор ё муколамаю муҳовараи шахсиятҳо дастабандӣ кард, ки баёнгари вижагии дид ва ҳунари нигорандагии ӯ мебошад.

Ҳамин тавр, дар ин замина устод Айнӣ қадами фаротар гузошта, сабки хосси худашро ба вуҷуд оварда буд. Сабке монанд ба шакли насри омиёна бо таъсирпазирӣ ва баҳрабардорӣ аз мактаби реалистии рус. Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон ва дигарон низ соҳиби ҳамин гуна сабк бо андаке тағйиру таҳаввул буданд. Расул Ҳодизода низ бо таъсирпазирӣ аз суннатҳои вазъшудаи сабкии устодони насри бадеии тоҷикӣ аз оғози фаъолияташ ба тасвири воқеиятҳои мустақими таърихӣ ва қоим ба зоти худ гаравид, ки қабл аз ҳама, ҳадафҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, миллӣ ва ахлоқӣ дошт. Дар ин замина, забони омма ё худ зиндаи мардум барояш маҳаки эътибор буд. Вале он чи ки ӯро комёб кард, ин буд, ки муваффақ шуд, забонро бо сайлони эҳсос ва хусусиятҳои замонӣ ва фардии шахсиятҳои таърихиву тахайюлӣ биомезад.

Забон дар навиштаҳои нависанда бо мавзуъ ва муҳтавои осораш ҳамоҳангии комил дорад ва ҳамчунин, василае барои ҷазбу барангехтани эҳсосот, андеша ва ҳуши хонанда аст. Аз ин назар, сабки ӯро наметавон бетараф номид, зеро ҳамвора бо аҷзо ва аносири сохтори ҳунарии осораш ҳамроҳ аст, балки мутаносибан дар раванди коркарди мавзуъ, дидгоҳҳо ва шахсиятпардозӣ мушокират дорад ва вазъияти куллӣ ва шеваи пойдори тарзи тафаккури ӯро таъйин мекунад. Ба ҳамин далел, сабк дар таҷрибаи нависанда, на танҳо ғунҷонидани мавзуъҳову масоили осори мансур аст, балки рӯйкарди ӯро ба забони тоҷикӣ низ мушаххас мекунад.

Забони бисёре аз нависандагони муосир рӯзмарра буда, баёни каломӣ, яъне овозҳо, сурати наҳвии ҷумла, зебоишиносии вожаҳо арзиши мустақил надоранд ва фақат василаи иртибот ҳастанд. Вале тарзи баёни Расул Ҳодизода дар ин равиш ҷанбаҳои хосси ҳунарӣ дошта, аз бисёр ҷиҳат бозгӯи хусусиятҳои зебоишиносии сабки ӯянд. Яъне, забон барои нависанда дар ҳама ҳол ҳадафи ҳунарӣ ва бадеӣ дорад. Дар ин замина, нависанда аз қонунҳои забони табиии гуфторӣ огоҳона истифода карда, бофти сода, бетакаллуф ва омиёнаи ҷумлаҳоро дар ҳамхонӣ бо забони зиндаи рӯзмарра

шакл додааст, ки яке аз паҳлуҳои ҷустуҷӯҳои ӯро дар ин самт муайян менамояд.

Намунаҳои осори насрии нависанда аз ҷиҳати истифодаи таркибҳои наҳвӣ, киноёт ва зарбулмасалу мақолҳои омиёна низ хусусияти хос дошта, ҳар калимаву ибора ва таъбироту истилоҳот дар мавқеи муносиб истифода шудаанд. Ба тавре ки бо дарунмояи навиштааш ва фазои тасвир пайванди маънавӣ ва ҳунарӣ дорад. Ин тарзи нигориш на фақат ҷузъиёти рафтору аъмоли шахсиятҳои таърихиро дақиқ ифода кардааст, балки сайлони забонро низ неру мебахшад. Дар ин замина, ӯ аз луғатҳои фаромӯшшудаи забон низ огоҳона истифода кардааст, ки ҳавзаи луғавии забонро вусъат мебахшад.

Аз ин назар, забони Расул Ҳодизода низ ворисн ҳавзаи таърихии забони тоҷикӣ аст, ки саршор аз тасвирсозӣ, таъбир ва тамсил мебошад. Ин тарзи нигориши ӯ ифодагари таҷрибаи мардум дар шакли сода ва покиза мебошад. Аз ин ҷиҳат, аносири забонӣ дар таҷрибаи адиб кайфияти ривоӣ дошта, ҳадафи ӯ, пеш аз ҳама, таҷассуми махсус, мушаххас ва зиндаву воқеии ҳодисаҳо ва амалу кирдори шахсиятҳо мебошад. Ин шеваи тасвирсозӣ, мавзуи асарро бо амал, бо сайре дар замону фазои таърихӣ пайванд дода, ба таври ғайримустақим иттилоотеро дар бораи шахсиятҳои таърихӣ дар ихтиёрои хонанда қарор медиҳад. Ин вижагии шеваи нигориши ӯ дар ҳикояҳои таърихии «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» ва «Қасидаи доғгоҳ» назаррас мебошад. Барои таъйиди ин назар пораи зерро аз ҳикояи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» иқтибос мекунем:

«Рӯдакӣ кайҳо боз ба чунин лаззату риққат насуруда буд. Ин оҳанги дӯстдоштааш, ки аз пардаи ҳузномези он як эҳсоси фараҳмандӣ ва далерӣ дар дил пайдо мешуд, ӯро то андозае маст кард, ки ҳатто дар суҳбати амир нишастанаш фаромӯш шуд. Суханҳои баргузида, сода, дилнишини шоир дар васфи Бухоро, шаҳомати он, дар васфи он касоне, ки шуҳрати ин шаҳрро боло бардошта буданд, оҳанги наворо боз ҳам ҷозибадор мекарданд. Дар пардаҳои баланду ҳаловатбахш Рӯдакӣ ба бузургии он касоне ишора менамуд, ки ҳоло набераи ӯ дар ин чодир оҷизу нотавон, дар банду қайди як

пиёла шароб нишастааст. Ҳам аз таъсири ин суханон, ҳам аз баландии пардаи оҳанг, ҳам аз таассуроти нолаҳои мақом дар овози Рӯдакӣ каме хастагӣ пайдо шуд. Аммо садои пуробутоби торҳои уд, ки аз зери нохуни ӯ баланд мешуданд, ҳамон дар пардаи баланд нола мекард...» [13, с. 21-22].

Дар насри тоҷикӣ Расул Ҳодизода аз зумраи нависандагонест, ки аз тариқи забон шахсиятҳо ва типҳои иҷтимоии мухталифро бо вижагиҳои ҳирфаӣ, ахлоқӣ, равонӣ ва ҷинсӣ таҷассум бахшида ва бад-ин тартиб моҳияти ҳастии инсонии онҳоро нишон додааст. Аз ин ҷиҳат, яке аз унсурҳои сабкии осори нависанда муколама буда, дар истифодаи ӯ василаи таъсиргузори шахсиятпардозӣ будааст. Нависанда шахсиятҳоро чунонки ҳастанд, ба тақозои табиат ва ахлоқашон ба гап медарорад. Дар ин замина, хонанда бо андак диққат метавонад, аз тарзи гуфтор моҳияти шахсият, ҷойгоҳи инсонӣ ва иҷтимоии қаҳрамонони нависандаро шиносад ва ташхис диҳад. Дар баъзе ҳолатҳо нависанда забонро чун абзоре ба кор гирифтааст, ки ҳолати равонии шахсиятҳоро низ мушаххас месозад. Дар бисёре аз асарҳои нависанда забон (муколама), лаҳну лаҳҷа баёнгари ҳолу ҳавои шахсиятҳост. Шеваи хосси каломӣ, ахлоқ ва зеҳнияти қаҳрамонони мусбату манфиро ба равшанӣ инъикос мекунад. Лаҳну лаҳҷаи муколама дар ин гуна осори нависанда баёнгари ақида ва мартабаи инсонии шахсиятҳои таърихӣ буда, дар корбурди ӯ аксаран хусусияти намоишӣ дорад ва дар ифодаи дарунмояи асар таъсиргузор мебошад.

Дар ҳамаи асарҳояш нависанда муколамаро ҳадафмандона ба кор гирифта, онро ба воситаи лаҳну лаҳҷа, гунаҳои забонӣ ва василаҳое, ки хосси мавқеияти иҷтимоӣ ва ҷинсияти шахсиятҳост, такмил бахшидааст. Дар ин замина, тарзи гуфтори марду зан аз ҳам фарқ дошта, тарзи хосси тасвиргарӣ, диди бадеӣ ва ҳунари шахсиятпардозии ӯро ошкор менамояд. Масалан, дар муколамаи зерини Фаррухӣ ва ҳамсараш Рӯшона, ки дар ҳикояи «Қасидаи доғгоҳ» омадааст, баъзе хусусиятҳои зикршуда ба мушоҳида мерасад:

«Ниҳоят, Фаррухӣ аз бағалаш бозичаи чӯбинеро, ки ба шакли гунҷишк сохта шуда буд, бароварда ба дасти Эраҷ дод.

– Ин чӣ бозичаи хубест, кай сохтӣ, ки ман надидаам, -гуфт Рӯшона.

– Ҳамин соат, вақте ки дар чашмасор будам, -гуфт Фаррухӣ... Бин, Рӯшона, ин гунҷишк ба вай аз ҳамаи бозичаҳое, ки то имрӯз сохтаам, бештар хуш омад.

– Бале, ... аммо метарсам, ки бо сохтани бозичаҳо машғул шавию ғазалу таронасароиро фаромӯш кунӣ!

– Ҳаргиз, ҳеҷ гоҳ.

– Вагарна, чаро ду-се моҳи охир аз ту камтар ғазал мешунавам. Ёд дорӣ, рӯзҳои аввали арӯсиам чӣ гуна таронаҳо мехондӣ? Ё оташи ишқат фурӯ нишаст?

– Рӯшонаи ман, азизи ман, ту чиҳо мегӯӣ? Ишқу ғазал оташест, ки гармии бадану тапиши дил вобастаи он аст. То даме ки ин гармии тан, тапидани дилро пай барӣ, бидон, ки сарманшаи он ишқу ғазал аст.

– Чаро сарманшаи ин оташ хомӯш аст?

– Хомӯш мегӯӣ? На, Рӯшона, на. Ман гумон кардам, ки ту садои дили маро, ҳарчанд хомӯш бошад ҳам, мешунавӣ. Магар дар хандаҳои Эраҷ акси садои дили маро намешунавӣ? – Фаррухӣ, каме хомӯш монд, пас бо табассум, бо садои пасте, ки гӯё аз шунидани каси дигар метарсида бошад, гуфт. – Магар аз чашмони ту оташи дили ман шарора намедиҳад? Ё аз мӯи ту бӯи ғазалҳои диловез намеояд?...» [13, с.29-30].

Донишмандон тозагиҳои сабкро ба «таҳаввулоти эҷодии нависанда, тағйироти дарки зиндагӣ ва методи бадеӣ» [175, с.112] алоқаманд донистаанд. Тағйироте, ки дар сабки осори дерини Расул Ҳодизода ба назар мерасад, низ ба дигаргунии диди ӯ дар шинохти воқеиятҳои таърихӣ ва таъсири онҳо ба сарнавишти қаҳрамонҳо вобаста мебошад. Агар дар ҳикояҳо ва қиссаҳои нахустини ӯ унсурҳои романтикии тасвир бартарӣ дошта бошанд, дар ду романи охир ин тамоюл ҷойи худро ба шеваи амиқтар ва таҳлилитар медиҳад. Ба назари мо, дар ин марҳила таъсири таҳаввулоти ғоявию бадеӣ дар ташаккули сабки нависанда ба таври равшан эҳсос мешавад.

Ҳамзамон, дар такомули сабки нависанда на танҳо омилҳои ғоявӣ, балки «хусусияти худи объекти эҷодӣ, ки унсури ҳаракатдиҳандаи асари нависанда аст» [175, с.112], низ нақши муҳим дорад. Аз ҳамин ҷиҳат, мавзуъ, дарунмоя ва низоъҳои иҷтимоиву сиёсие, ки нависанда ба онҳо рӯ меорад, дар шаклгирӣ ва тавсеаи сабки ӯ таъсири мушаххас мегузоранд. Масъалаҳои марказии ду романи охирини адиб ва мураккабии воқеиятҳои ба тасвиргирифташуда, бешак, дар интихоби шеваҳои образнок ва таҳаввули тарзи нигориши ӯ нақши бориз доштаанд. Ба назари мо, ин ҷо сабк на танҳо василаи баён, балки шакли хоси дарки таърих ва бозофаринии он мебошад.

Дар ин маънӣ, гуфтори Гёте низ аҳамияти махсус дорад, ки «сабк дар умқи андеша ва батни ҳодисаҳо қарор гирифта», ба нависанда имкон медиҳад онро «ба сурати образҳои чашмрас падид оварад» [175, с.112]. Ба назари мо, ҳамин нукта дар шинохти сабки Расул Ҳодизода калидӣ аст, зеро ӯ дар осори дерини худ на танҳо воқеаро нақл мекунад, балки онро аз даруни низоми маънавӣ ва иҷтимоии замон тафсир менамояд.

Ба ин тартиб, чунин равиши сабкӣ дар эҷодиёти Расул Ҳодизода аз романи «Ситорае дар тирашаб» оғоз меёбад. Дар ин асар тантанаи насри сангин ва гароиши огоҳона ба унсурҳои бостонгаро бо бофти маънавии роман ҳамоҳанг омада, ба нависанда имкон медиҳад вазъият, руҳи замон ва мақоми рамзии шахсиятҳои таърихиро барҷаста созад. Ба назари мо, ин шева ба роман оҳанги ҷиддӣ ва вуқори таърихӣ бахшида, онро аз насри одии воқеанигорона фарқ мекунад.

Пораи зерин аз роман ҳамин хусусияти сабкии муаллифро равшан менамояд: дар он ҳам лаҳни баёни таърихӣ, ҳам оромии нақл ва ҳам тарзи тадриҷии кушодани вазъияти равонӣ ва сиёсӣ ба мушоҳида мерасад. Таваҷҷуҳи нависанда ба ҷузъиёти муносибатҳои байни қаҳрамонҳо, эҳтиёткории онҳо дар гуфтор ва андешаи пинҳонии персонажҳо нишон медиҳад, ки матн танҳо ба баёни ҳодиса маҳдуд намешавад, балки фазои мураккаби иҷтимоиву сиёсиро низ таҷассум мекунад [12, с.181]. Ба назари

мо, маҳз ҳамин омезиши лаҳни таърихӣ, таҳлили равонӣ ва ҷузъиёти воқеӣ аз вижагиҳои муҳими сабки дерини Расул Ҳодизода ба шумор меравад.

Ин пораи иқтибосшуда нахуст лаҳни устувор ва собити нависандаро нишон медиҳад, сонияи ӯ тавонистааст, ба воситаи таркиби бофти каломӣ аъмоли шахсияти роман ва тамоюли иҷтимоиву ахлоқии ӯро ба хонанда шиносонад. Ин тарзи нигориш ба амиқбурди хости ғоявии нависанда низ мадад расонидааст, ки аз вижагиҳои ҷустуҷӯҳои ӯ дар ин самт мебошад.

Чунонки дар боло ишора ҳам кардем, сабки Расул Ҳодизода мутамоил ба насри адабӣ ва навишторӣ буда, унсурҳои забонӣ, лаҳну мусиқӣ ва оҳанг аз унсурҳои хоси сабкии он мебошад, ки нависанда ҳунармандона корбаст намудааст. Ин тарзи идроки бадеӣ хосси аксари навиштаҳои ӯ буда, ба насраш хусусияти ғиноӣ ва тасвирӣ бахшидааст. Масалан, пораи зер аз романи «На ситораҳо мерезанд» ҳамин гуна хусусияти тарзи нигориши ӯро мушаххас месозад:

«Ҳангоме ки сапедаи саҳарӣ пардаи тираи шабро аз гӯшаи осмони Бухоро мебардошт ва дурахши ситораҳо як-як паси ҳам хомӯш мешуданд, садои муаззинҳо ва машкобҳо ба мардуми шаҳр аз оғози рӯзи навин хабар медоданд. «Оллоҳу акбар!» «Оллоҳу акбар!», «Оллоҳу акбар!»-аз манораву саҳнаҳои масҷидҳо ба фазои шаҳр парвоз мекард. «Машкоб!», «машкоб!» «машкоб!»-садои хоболуди обкашҳо-машкобҳо дар кӯчаву майдонҳои шаҳр баланд мешуд ва раги дар як шаб хомӯшшудаи шаҳрро ба ҷунбиш меовард.

Аммо дар сапедадами имрӯз раванди якнавохти зиндагии ҳамешагии шаҳр ба нохост дигаргун шуд. Ҳанӯз «Оллоҳу акбар»-и муаззинҳо ба фазо напечида, ҳанӯз нафиру фарёди машкобҳо кӯчаву майдонҳоро пур накарда буд, ки садои гӯшхароши нақораву таблҳо ногаҳон дар майдони Регистон ва раставу тимҳои атрофи он ғулғула андохт. Онҳое, ки намози бомдодро хонда паи кори худ рафтанӣ буданд, дӯкондорону косибҳое, ки рӯз сафед нашуда ба сари раставу бозорҳо мешитофтанд, садои нобаҳангоми таблу нақораҳоро шунида ба майдони Регистон давиданд. Оне нагузашта саҳни майдони Регистон ва пеши дарвозаи Арк аз анбӯҳи мардум пур шуд. Ҳама дам фурӯ

баста буданд, ки ҳозир ба дарвоза ҷорчие пайдо мешаваду сабаби ин таблзаниву карнайнавозиро эълон мекунад. Аммо садои таблу нақора сахттар шуда гӯшҳоро кару ҳушҳоро хира мекарду дарвозаи Арк ҳамчунон баставу маҳкам буд» [14, с. 3].

Чунин намунаҳо дар асарҳои Расул Ҳодизода зиёд буда, нависанда ҳамхонӣ ва таносуби сабкро бо мавзуи мавриди тасвираш таъмин намудааст. Вожаҳову таъбирот ва ҷумлаҳо оҳангдор ва хеле содаву оммавӣ ва равону маҳкам мебошанд. Таҷрибаи нависанда нишон медиҳад, ки барои бастёбӣ ба сабки вижа бояст аз шарри ҷумлаҳои норасо, муҷаррад, мафҳумҳои умумӣ ва таъбирҳои мустаъмал фосила гирифт. Моҳияти асосии тамоюли сабкии нависандаро суханони зерини Марсел Пруст равшан менамояд: «Ҳар нависандае ночор аст забони худро биофаринад, ҳамон гуна ки ҳар веолонисте бояд навои худро халқ кунад... Манзурам ин нест, ки бигӯям аз нависандагони асиле, ки менависанд, хушам меояд. Аммо чӣ басо ҳамин нуктаи заъфам ҳам бошад, нависандагоне, ки хуб менависандро тарҷеҳ медиҳам. Албатта, онҳо дар шароите хуб менависанд, ки асил бошанд ва забони худро биофаринанд. Саҳеҳ навиштан ва камоли сабк, рӯи дигари сиккаи асолат аст, пас аз он ки тамоми иштибоҳот ҳазф шуд. Саҳеҳ навиштан такрори мукаррари сифоти нахнамое чун «авотифи пинҳон», «бо хушхулқӣ лабханд задан», «наҳстарин солҳо» нест. Танҳо роҳи дифоъ аз забон ҳамла бурдан ба он аст...» [103, с. 84].

Расул Ҳодизода, бешак, дар заминаи таҷрибаи эҷодиаш собит кард, ки аз посдорони сабки сареҳ ва забони равону ширадор буда, то ҷое, ки тавонистааст, аз тариқати «оммависозандагони забон» фосила гирифтааст ва ба сабкаш ҳувият бахшидааст. Дар аксари навиштаҳояш шеваи таҳрир бозгӯи хотиротест, ки беихтиёр ба зеҳни ровӣ меояд. Ин усул абзори аслии нависанда дар роҳи бозофаринии таҷрибаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ дар фарогирии таърих ва воқеоти он мебошад. Дар ин замина, нависанда тавонистааст, ки бо роҳи фурӯ рафтан ба таърих аз фарогирии ёдмонаҳои тасодуфии таърихӣ фосила гирад. Бо ровии осораш рӯшанбинӣ

ато намояд то одатҳо, аъмоли афрод ва амалу кирдорҳои қарордодиро бо нигоҳе амиқ аз мавқеияте дигар ба тасвир гирад.

Аз ин ҷиҳат, бо итминон метавон гуфт, ки аксари осори ӯ шарҳи қадам ниҳодани ровӣ ба роҳи ҷустуҷӯ ва шинохту арзёбии бадеии ҳақиқати зиндагӣ аст. Аз тариқи рӯшанбинӣ ва сабк тавонистааст, ки ба воқеият ва сарнавишти инсони таърихӣ ба тарзи хос нигарад ва ба воситаи корбурди огоҳона ва ҳунармандонаи забон воқеият ва сарнавишти ашхоси таърихиро чунонки ҳаст, ба хонанда намояд. Аз ин ҷиҳат, забонро тарзе истифода кардааст, ки ба офаридани сохтори комил ва мутаносиби мундариҷавию бадеии асар мусоидат намудааст.

Дар тасвири воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ нависанда дидаву дониста аз корбурди сохторҳои куҳна ва пешинаи забонӣ фосила гирифт. Дар ин замина, бо истифода аз унсурҳои хосси сабкии забони зинда ба фарогирӣ ва тасвири замон ва фазои таърихиву фарҳангӣ даст ёфт. Ба ифодаи сареҳтар, нависанда сабкро василаи арзаи чашмандози нав аз дирӯз ва имрӯз шинохт ва ҳадафмандона ба кор гирифт.

Расул Ҳодизода дар корбурд ва эҷоди сохторҳои дастурии забони тоҷикӣ равиши хоси худро дорад, ки ифодагари мавқеияти ҳунарии ӯст. Дар ин замина нависанда ба тариқати маъмулии сохтори сарфию наҳвии забон тобеъ буда, шакл, оҳанг ва маънои таърихии вожаҳоро комилан ҳифз намудааст. Дар ин равиш, гоҳо оҳанги матн ва сохтори сарфию наҳвӣ тарзи сухангӯии нависандаро дар худ ҳифз намудааст, ки ҳар касе ки суҳбати он касро дидаю шунида садояшро мешиносад. Ин тарзи нигориш низ аз имтиёзоти сабкии осори ӯ мебошад.

Нуктаи дигар ин аст, ки дар ҳамаи осори нависанда тарзи суннатии талаққӣ аз воқеият, сарнавишти ашхоси таърихӣ, ҳодисаҳои зиндагӣ ва муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бар диди рӯшангароёна, шаффофи низомманд ва бардошти табиӣ асос ёфтааст. Тасаввури собит ва ақлписанд аз воқеиятҳо, сарнавишти ашхоси таърихӣ ва муҳити сиёсиву иҷтимоӣ тасвири вуқуъгароёнаро дар ҳамаи асарҳои ӯ таҳким бахшида, ба ташаккули сабки ӯ

мусоидат намудааст. Масалан, дар қиссаи «Парвози Шоҳин» номи шахсият ва рафтору кирдор ва аъмоли табиии ӯ ифодагари тафаккури суннатии нависанда дар шинохт ва арзёбии сарнавишти шахсияти таърихӣ аст, ки зери идеологияи замони шуравӣ шакл гирифтааст. Ба ифодаи равшантар, диди бадеии нависанда ҳангоми таълифи ин қисса зиёдтар мутаваҷҷеҳи кашфи таносуб, мушобеҳат ва ваҳдату ҳамоҳангӣ миёни воқеияти сиёсию иҷтимоии замони зист ва сарнавишту хилқати шахсияти таърихии асараш будааст. Аз ин ҷиҳат, дар ҳамаи асарҳои Расул Ҳодизода таносуб ва ҳамоҳангии тасвир зери таъсири фармудаҳои замонӣ шакл гирифтааст. Нависанда дар тасвири манзараҳои табиат, чеҳраи шахсиятҳо ва падид овардани руҳияти онҳо тобеи усули суннатии тасвир будааст, ки тамоюли вуқуъгароиро дар сабки ӯ тақвият бахшидааст. Ин равиш диди муҳофизакории сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқиро дар осори бадеии ӯ тақвият бахшида, консепсияи хосси сабкии идеалгароиро дар таҷрибаи ӯ тақвият бахшидааст.

Дигаре аз вижагиҳои сабки асарҳои Расул Ҳодизода дар ин аст, ки баёни ҳунариаш комилан возеҳ ва орӣ аз ҳар гуна ибҳом ва торикӣ аст ва хонанда дар дарки мафҳуми осори ӯ ба мушкилӣ мувоҷеҳ намешавад. Дар ҳамаи осори ӯ мавзуву масъалаҳо фаҳмрас ва вожаву таъбирот рӯшану сареҳанд. Тасвирҳо ва маъниҳо осон дарк мешаванд, бо камтарин калом маънои мушаххас ифода мешавад, ки ҳамафаҳм аст.

Яке аз аввалин қиссаҳои Расул Ҳодизода «Ишқи духтари Рум» ба ҳамин тарз нигошта шудааст. Дар ин қисса мазмун ва тарзи нигориш миёни ҳам таносуби комил доранд. Воқеият ва сарнавишти таърихии шахсиятҳои асар бо ақл ва идроки зеҳниву ҳиссӣ андозагириву тасвир шуда, барои хонанда фаҳмову дастрас мебошад. Ба ифодаи дигар, нависанда чизеро ба тасвир гирифтааст, ки барои хонанда арзиши куллӣ дорад. Дар ин қисса, ки таърихист, андеша ва ормони нависанда нахуст вазъият ва ҷараёни зеҳниро дарёфта, сипас онро дар қолаби калом рехтааст ва тасвирҳои мустақил ва саршор аз маъноро бар тани он пӯшондааст. Ба ин далел, дар тарзи тасвири

нависанда маъно ва дарунмояи қисса бар шакли берунии он имтиёз дорад. Намуна порае зерро аз қиссаи «Ишқи духтари Рум» иқтибос меоварем:

«Ин шаби аввал оғози зиндагии навин ва ширини Елена гашт. Он бори ғаму андуҳе, ки ду сол боз синаи ӯро афгор карда, чашмони ӯро ба пардаи тира беҳиссу бенур карда буданд, оҳиста-оҳиста аз дӯши ӯ бардошта мешуд. Рӯшноии рӯз фараҳафзой, фирӯзаи осмон софу беғубор, барги дарахтон сабзтару хуррамтар, гулҳои ҳаррӯзӣ хушрангтару тозатар, сабзаҳои замин зумуррадину чашмрабо, ҳавои замин хушбӯю ҷонбахш мешуд. Елена рӯзонаҳо бо чеҳраи гулгун ва чашмони пурситора гулҳо мечиду шабона ба даргоҳи Худой ва пешгоҳи Маряму Исо ниёишу парастиш менамуд, ки ба меҳрубониву банданавозӣ барои Елена Хусравро ҳамчун офаридаи минавӣ фиристодаанд, то ӯро аз хоки нажанд ба осмони баланд бардошт, умеду орзуҳои хуфтаю пажмурдашудаи ӯро неруи рустанӣ дод, шодиву фараҳи гумшудаи зиндагиро аз нав пеши вай овард...» [13, с. 246].

Ҳамон тавре ки аз матни иқтибосшуда маълум мешавад, забон дар ин шеваи тасвири Расул Ҳодизода, пеш аз ҳама, нақши тавсифӣ, баёнӣ ва иҷтимоиро дорост. Бо ин ҳол, дар бештари мавorид дар шаклгирии афкор ва эҳсосоти нависанда нақши иҷтимоӣ ва гоҳо ҳатто сиёсӣ афзалият дорад. Далели ин амр он аст, ки дар тафаккури ҳунарии нависанда, коркарди иҷтимоии забон ба унвони василае барои иртиботи иҷтимоӣ авлавият дорад.

Тозагӣ ва таъсиргузории тарзи нигориши Расул Ҳодизода дар тасвири манзараҳои табиат низ диққатангез аст. Нависанда саъй бар он доштааст, ки тасвири табиатро дар хидмати тавзеҳ ва баёни матлабе дигар қарор диҳад. Аз ин ҷиҳат, Наврӯз ва манзараҳои баҳорӣ дар нигориши ӯ нақши беруниву айнӣ, аммо пурмаънӣ ва ҳоловар доранд. Масалан, нависанда табиатро дар ҳамсозӣ бо ҳолу аҳволи шахсияти романи «На ситораҳо мерезанд» Аҳмади Дониш дар таносуби комили зоҳириву ботинӣ ба тасвир гирифтааст, ки хусусияти сабки ӯро муайян менамояд. Порае зер аз романи зикршуда:

«Аз осмони софу беғубор, ки мисли қуббаи фирӯза тозаву мусаффо медурахшид, аз нурҳои аввалини офтоби гарму навозишкор, аз дами насими

хушбӯй ва атрофашон имрӯз ба Бухоро Наврӯз омад. Дар кӯчаҳои аз сардиву сармои зимистон ба саломат баромадаи шаҳр, дар раставу дӯконҳои ба анвои мол зиннатёфта, дар тиму растаҳо, дар дӯкону устохонаҳо, дар кулбаҳою такяҳои бечораву камбағалон Наврӯз қадам мезад. Гӯё як нафаси тоза, як дами хушнудӣ аз он мевазид...

Дониш имсол Наврӯзро дар ҳавлии худаш ид мекард. Амир, ки дар Кармина буд, маъмурону мансабдорони Арк ҳам аз хайма задан дар Ширбадан озод шуданд ва ҳар кас Наврӯзро ба майли хотираш истиқбол мекард. Ҳавлии Дониш ҳам либоси Наврӯзӣ пӯшида буд. Барги дарахтон бо ҷилои нозуки худ дар нури офтоб бозӣ мекарданд, дар саҳни гулзор буттаҳои гул қад кашида муғҷа карда буданд. Аз сабзаҳои рӯи бом бӯи хуши тоза мерасид...» [36, с.223].

Дар ин пора тасвири манзараи омад-омади Наврӯз ва таносуби он бо вазъи ҳолу аҳволи Дониш воҳиди фикриест, ки дар баст ва тавсиъаи мазмун ва дарунмояи роман ва андешаву натиҷагириҳои маънавии нависанда таъсиргузор аст. Манзараи бо ҷилои нозук дар нури офтоб бозӣ кардани барги дарахтон дар тасвири нависанда нақши маъноии амиқеро дар бар гирифта, таъсир ва миқёси ҳодисаҳои ба сари қаҳрамони марказии роман омадаро то ҷое кам менамояд, ки башоратдеҳи навиди тозае аз ҳоли Дониш низ ҳаст.

Тасвири маонии таҷридӣ ва ё тасвирҳое, ки аз инсон ва махсусиятҳои сарнавишти ӯ ёд меоваранд, дар адабиёти мо собиқаи ғанӣ дорад. Расул Ҳодизода дар ин замина, аз табиат баҳра бурда, агарчи зоҳиран аз табиат ва унсурҳои он сухан мекунад, вале ҳадафи аслиаш намудани ҳолу ҳавои инсон, замону макон ва вақту фазост. Ба ифодаи дигар, нависанда бо тасвири манзараҳои табиат амре маънавӣ ва ахлоқиро ироа мекунад, ки ифодагари тарзи биниш ва нигориши ӯст. Дар бисёр маврид нависанда тавонистааст, ки масъалаҳои берун аз ҳавзаи табиат, яъне нуҳуфтагиҳои даруни шахсиятҳо ва мушкилоти иҷтимоиро ба воситаи тасвири манзараҳои табиат ифода кунад ва ба он маънии иҷтимоиву ахлоқӣ диҳад. Ин равиш дар таҷрибаи Расул

Ҳодизода нақши хоси сабкӣ дошта, ба инкишофи сужет ва ифшои хулқу хӯйи шахсиятҳо ёрӣ расонидааст. Масалан, дар ҳикояи «Парвози Шоҳин» тасвири манзараи тирамоҳ василаи тақвияти дарунмояи асар аст.

Ҳамин тавр, унсурҳои табиат дар осори нависанда фаровон истифода шуда, ҳолати руҳии шахсиятҳо ва пешомади ҳаводисро ёдрас менамояд. Аз ҷумла, корбурди манзараҳои табиат дар ҳикояи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» ҳамин гуна рисолати сабкӣ доранд. Нависанда бо тасвири манзараҳои баҳор вазъи рӯзгори шахсиятҳои асарашро менамояд. Дар ин гуна таҷрибаҳои эҷодии Расул Ҳодизода вазъи табиат бо аҳволи инсон (Рӯдакӣ) ва рӯзгори парешони ӯ (Фаррухӣ) таносуби комил дошта, аз озод набудани гӯянда ва қаҳрамон дар муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ дарак медиҳад.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми сабки Расул Ҳодизода устувории сохтори забони осораш мебошад. Ба ифодаи дигар, дар сабки нависанда воҳидҳои сарфию наҳвӣ аз ҷиҳати мусиқии лафзиву маънавӣ, мутаносибӣ ва иртиботи маъноӣ, дақиқан ба ҳам марбут буда, дар як шабакаи мунсаҷими ҳунарӣ қарор гирифтаанд. Дар ин равиш, барои нависанда забон василаи бофти ҳунарӣ буда, вожаҳо бо воситаҳои зиёд ба ҳам пайванд мешаванд. Ҳамчунонки Фаррухии Систонӣ дар ҳикояи «Қасидаи доғгоҳ» чун ҳуллае бо зиндагии ҳамсараш Рӯшона ва писараш Эраҷ ба ҳам бофта шудааст.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи Расул Ҳодизода рамзкушои ҳақиқати таърих ва сарнавишти ашхоси таърихӣ буда, нависанда тавонистааст, ба воситаи тасвири бадеии воқеияти таърихӣ ва сарнавишти таърихии шахсиятҳо, аввалан эҳсосу андешаҳояшро дар бораи ҳодисаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ баён намояд, сониян тарзи хоси диду шинохт ва тасвирашро шакл диҳад, ки омили мондагории сабки ӯ мебошад.

## Хулоса

Таҳқиқоти анҷомгирифтаро ҷамъбаст карда, ба натиҷаҳо ва хулосаҳои зайл даст ёфтем:

1. Расул Ҳодизода аз зумраи шахсиятҳои илмиву адабӣ ва фарҳангиест, ки бо фаъолияти босамари илмӣ ва адабиашон саҳми бузурге дар инкишофи адабиётшиносӣ, нақди адабӣ ва насри бадеии муосири тоҷик гузоштаанд. Фаъолияти эҷодии ӯ дар давраи шуравӣ ва истиқлолияти кишвар ҷараён гирифта, дар ҳар ду давра ҳам вай ҳамчун зиёии рӯшанфикр ва ормонгарову ояндабин фақат ба манфиати имрӯз ва ояндаи миллат талош кардааст. Осори ба мерос гузоштаи ӯ баёнгари хидматҳои бузургаш дар пешрафти равишҳои пешқадами илмӣ ва адабӣ мебошанд [3-М; 6-М].

2. Ин донишманд парвардаи мактаби илмӣ ва адабии устод Айнӣ буда, дар тули умри бобаракаташ ҳам ба фаъолияти илмӣ ва ҳам нависандагӣ машғул шудааст. Аввалин қадамҳояшро дар илми адабиётшиносӣ зери роҳбарии устод Айнӣ гузошта, таҳқиқоти нахустин ва муҳиммеро доир ба фаъолияти илмии устод анҷом додааст. Минбаъд ӯ фаъолияташро дар ин самт идома дода, саҳми боризе дар айнишиносӣ гузошт. Фаъолияти илмии ӯ маҳдуд набуда, соҳаҳои гуногуни улуми филологии ватанӣ, аз ҷумла таърихи адабиёти гузаштаву муосир, нақди адабӣ, манбаъшиносӣ, робитаҳои адабӣ ва ғайраро низ дар бар мегирад [1-М].

3. Асоси фаъолияти илмии ӯро ҳамчун адабиётшинос омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик ташкил медиҳад. Таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ давраҳои гуногуни таърихи адабиёт ва ҳаёту фаъолияти эҷодии намояндагони онро дар бар гирифта, дар ин замина, вай методологияи дақиқи таҳқиқи назария ва таърихи адабиёти классикӣ ва муосири тоҷикро ба вуҷуд овард [2-М].

4. Таҳқиқи адабиёти нимаи дувуми асри нуздаҳи садаи бист, бахусус адабиёти маорифпарварӣ ва фаъолияти эҷодии намояндагони он асоси ҷустуҷӯҳои илмии ӯро дар фосилаи тулонии замонӣ ташкил карда, ба омӯзиши давраи нави адабиёти ҷараёни пешқадами маорифпарварӣ асос гузошт. Дар рисолаҳо ва мақолаҳову гузоришоте, ки Расул Ҳодизода дар ин

замина таълиф кардааст, ба ҳалли бисёре аз мушкилоти ҳаёти адабии садаи нуздаҳ, аз ҷумла радди андешаи тарафдорони сукути адабиёти тоҷик дар ин аҳд, паҳлуҳои норавшани ҳаёт ва эҷодиёти намояндагони адабиёти ин давра, монанди Аҳмади Дониш, Возеҳ, Савдо, Шоҳин ва дигарон даст ёфтааст. Мухтассоти усули таҳқиқи ӯ дар ин замина нахуст истинод ба манобеи боэътимод буда, сониян дар ин замина шинохт ва арзёбии раванди фикрӣ ва ҳунарии адабиёти давраи мазкур мебошад, ки ба тарзи консептуалӣ ва бонизом анҷом гирифтааст [5-М].

5. Паҳлуи дигари фаъолияти илмии ӯро таҳқиқ ва арзёбии сарчашмаҳои адабиёти асри нуздаҳи тоҷик ташкил карда, ба ин васила вай барои аҳли таҳқиқ ва алоқамандони адабиёт имконият фароҳам овард, ки на фақат бо ҳаёт ва эҷодиёти намояндагони як давраи томи адабиёти тоҷик шинос шаванд, балки ба ин васила бисёре аз масъалаҳои ҳалнашудаи адабиёт, фарҳанг ва таърихи давраи мазкурро ба таҳқиқ гиранд. Муҳаққиқ арзиши таърихӣ ва адабии сарчашмаҳои ин давраро барои шинохти алоқаҳои адабии Мовароуннаҳр бо кишварҳои дигар низ арзишманд шинохта, ба таҳқиқ ва нашри соҳаи нав асос гузошт [6-М].

6. Расул Ҳодизода нақши умдае дар эҷоди мафҳуми вижае барои таҳқиқ ва арзёбии адабиёти маорифпарварии тоҷик ва таъсири рӯйкардҳои мутараққии он бар тавсеаи андешаҳои озодихоҳона ва ислоҳотталабона дошта, консепсияи назарию амалии ӯ дар таъкид ва таъйиди ҳуқуқи тоҷикон ба мероси адабию фарҳангӣ усули равишманди таҳқиқоти ӯро дар ин замина муайян ва мушаххас мекунад [3-М; 6-М].

7. Ин донишманд дар баробари таҳқиқи таърихи адабиёт ва ҳаёту осори намояндагони давраҳои гуногуни он дар таҳия ва нашри мероси гузаштагон низ нақш ва саҳми бузург гузоштааст. Бо саъю кӯшиши мудавоми ӯ аз осори Рӯдакӣ то Аҳмади Дониш дар Тоҷикистон ва берун аз он ба чоп расидаанд. Махсусан, хидмати ӯ дар таҳия, тасҳеҳ ва нашри осори Анварӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон бузург буда, ба инкишоофи ин соҳа таъсири муфид гузоштааст [1-М].

8. Омӯзиши фаъолияти адабиётшиносии Расул Ҳодизода гувоҳӣ медиҳад, ки самти ҷустуҷӯҳои ӯ дар ин замина пурвусъат буда, давраҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик ва ҳаёту эҷодиёти намояндагони онро дар бар мегирад. Қисми таркибии ҷустуҷӯҳои илмии ӯро санадҳои нави адабию таърихӣ, кашфиёт ва дарёфтҳои дар он замон барои аҳли илм норавшан ташкил медиҳад [2-М; 5-М].

9. Таҳқиқоти ӯ бо усули хоси таҳлил ва тарзи фардии нигоришу арзёбӣ тафовут дошта, сарфи назар аз замони таълиф онҳо ба унвони намунаи хуби таҳқиқи масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик, як таҷрибаи илмӣ ва пажуҳишии муваффақ хоҳанд буд. Ба ин далел, метавон бо итминони комил ӯро донишманди соҳибмактаби соҳаи адабиётшиносӣ ва яке аз бунёдгузорони ин мактаб донист ва эътироф кард [4-М].

10. Расул Ҳодизода дар баробари таҳқиқоти илмӣ аз солҳои шастуми садаи гузашта ба ин тараф, ба ҷустуҷӯҳои бадеӣ машғул шуда, як силсила ҳикояву қиссаҳо, аз ҷумла «Бӯи ҷӯи Мӯлиён», «Қасидаи доғгоҳ», «Парвози Шоҳин», «Танбӯри Дилкаш», «Сапедадам», «Ишқи духтари Рум» ва ду романи таърихии бадеӣ – «Ситорае дар тирашаб», «На ситораҳо мерезанд» ва ғайраро ба ёдгор гузоштааст, ки бо хусусиятҳои мундариҷавию ғоявӣ ва тарзи нигориш аз намунаҳои хуби насри муосири тоҷик мебошанд ва саҳми муаллифро дар инкишофи ин соҳа мушаххас менамоянд [4-М; 5-М].

11. Нақди адабӣ фарқи ҷустуҷӯҳои бадеии Расул Ҳодизодаро дар ҷараёни инкишофи насри таърихии муосири тоҷикӣ дар он дида буд, ки нависанда аз сужаи пуртаниш ва воқеъгароёна, ки бештар дар жанри таърихии тоҷикӣ роиҷ буд, даст кашида, барои инсонро аз воқеаҳои ошуфтаи он замон ҷудо кардан кӯшиш намуд, ки то бештар ба эҳсосот, ҳолатҳои руҳӣ ва афкору андешаҳои ӯ таваҷҷуҳ намояд. Аз ин мавқеъ, дар асарҳои ӯ мавқеи воқеа нисбатан маҳдуд буда, он аз тасвири андешаву оро ва руҳиёти аҳли адабу ҳунар ба ҳам омадааст, ки баёнгари диди амиқи нависанда дар шинохт, тасвир ва арзёбии сарнавишт ва амалу кирдори шахсиятҳои таърихии осораш мебошад [3-М].

12. Яке аз имтиёзоти дигари насри Расул Ҳодизода бунёди устувори ҳуҷҷатии осори таърихии ӯ мебошад, ки далели умқи дониш ва маҳорати тасвиргарии ӯ дар шинохти воқеиятҳои таърихии замонҳои гуногун ва сарнавишти шахсиятҳои замонҳои мухталиф мебошад. Дар ҳикояву қиссаҳо ва махсусан, дилогияи охиринаш нависанда саъй кардааст, ки ҳангоми тасвир аз ҳуҷҷатҳо дур наравад ва то поён ба онҳо вафодор монад ва аз ин мавқеият аз тахайюли бадеӣ низ истифода кунад. Ба ин далел, ҳуҷҷатписандии устувор дар аксари асарҳои ӯ на фақат ба ташакккули образи шахсиятҳои таърихӣ, мисли Рӯдакӣ, Фаррухӣ, Шоҳин, Дилкаш ва Аҳмади Дониш, балки ба тасвири воқеаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии давраҳои гуногуни таърихӣ мусоидат намудааст, ки аз тозакориҳои нависанда дар насри таърихии тоҷикӣ мебошад [2-М].

13. Сабки нигориш ва забони осори бадеии Расул Ҳодизода низ хосси таҷрибаи эҷодии ӯ буда, аз ин ҷиҳат низ баёнгари имтиёзоти ҳунарии соҳиби ин осор мебошад. Азбаски сужети асарҳои таърихии нависанда аз замонҳои қадим аст, ӯ талош кардааст, ки ҳам дар сухани муаллиф ва ҳам дар нутқи шахсиятҳо забони содаи замон, баъзе мухтассоти луғавию фразеологиро мавқеъшиносона истифода кунад. Дастовардҳои нависанда дар заминаи махсусиятҳои умумии замон фардӣ кунонидани сухани шахсиятҳои таърихӣ низ қобили мулоҳиза буда, лаҳн ва гуфтугӯву муколамаи қаҳрамонони ин осор хусусиятҳои хоси мансубияти иҷтимоӣ ва хислатҳои шахсиашонро дар тасвири нависанда ҳифз кардаанд, ки далели дигари бартарии усули тасвиргарии ӯ мебошад [1-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Аз таҳқиқу таҳлил ва арзёбиҳои анҷомгирифта маълум мешавад, ки агарчи мақолот ва гузоришҳое дар мавриди ҷойгоҳ, осор ва фаъолиятҳои илмӣ ва нависандагии Расул Ҳодизода навишта шудааст, аммо то ба имрӯз ҳеҷ пажуҳиши монографӣ дар ин замина анҷом нагирифтааст. Ба ин далел, дар диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки муҳимтарин лаҳзаҳои аҳвол ва хусусиятҳои фаъолияти илмӣ ва нависандагии донишманд мавриди омӯзиши амиқ ва баррасӣ қарор дода шавад. Дар баробари ин, бо натиҷагирӣ бар асоси таҳқиқоти анҷомшуда, чанд тавсия барои истифодаи амалӣ аз он пешниҳод мегардад:

1. Диссертатсияи мавриди назар ба унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқони минбаъда дар омӯзиш ва таҳқиқи мухтассоти назму наср ва фаъолияти эҷодии шоиру нависандагони гузаштаву имрӯз ва муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи онҳо дар таърихи адабиёти муосири тоҷик метавонад мусоидат намояд.

2. Дар диссертатсияи алоҳида мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор додани ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Расул Ҳодизода барои муайян намудани нақши ӯ дар инкишофи адабиётшиносӣ ва насри муосири тоҷик арзишманд ба назар меояд.

3. Таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии намояндагони адабиёти гузаштаву муосир аз зарурати илмии вақт буда, таваҷҷуҳи муҳаққиқон бояд бештар ба омӯзиши муқоисавии ин масъала ҷалб карда шавад.

4. Барои манзараи умумии инкишофи насри муосирро муайян намудан таҳқиқи аҳвол ва осори намояндагони ҷудогонаи ин адабиёт дар шакли диссертатсия талаботи вақт мебошад.

5. Таҳқиқ ва арзёбии фаъолияти илмии Расул Ҳодизода ҳамчун муаррих ва муҳаққиқи адабиётшинос муҳим буда, дар шинохти ҷараёни инкишофи ин соҳа ва бурду бохти он ёрӣ мерасонад.

6. Омӯзиш ва баррасии фаъолияти нависандагии Расул Ҳодизода дар эҷоди насри таърихӣ ва ҷустуҷӯҳои ӯ дар ин самт дар шакли диссертатсияи

алоҳида барои муайян намудани мухтассоти насри муосир ва равиши инкишофу тамоюлҳои услубии он мусоидат менамояд.

7. Матолиби дар диссертатсия бадастомада, заминаи мусоидеро барои омӯзиш ва таълими таърихи адабиёти тоҷик, таърихи насри муосир, нақди адабӣ, сабкшиносӣ ва балоғати сухан, курс ва семинарҳои тахассусии факултаҳои улуми гуманитарии муассисоти таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё месозад.

8. Баъзе тамоюлҳои инкишофи илми адабиётшиносӣ ва насри бадеии тоҷикӣ дар мисоли таҷрибаи ҳунарии Расул Ҳодизода равшан зуҳур намудааст. Дар осори илмӣ ва бадеии ӯ усулҳои равишманди таҳқиқӣ ва баҳрабардорӣ аз унсурҳои сохтории наср, аз ҷумла мундариҷа, ғоя ва тарзи нигориш ба мушоҳида мерасад, ки аз ин равиши ҷустуҷӯҳои ин шахсият метавон ба таври густурда дар давраҳои таълими таърихи адабиёти классикӣ ва муосир ва инчунин, дар раванди машғулиятҳои тарбиявӣ дар муассисоти олии касбии кишвар фаровон истифода намуд.

Ба таври куллӣ, таҷрибаи илмӣ ва нависандагии Расул Ҳодизода бо мухтассоти худ паҳлуҳои муҳим ва коромади илми адабиётшиносӣ ва ҳунари нависандагӣ буда, диссертатсияи мазкур ибтидои пажуҳиши ҷомеъ дар ин самт мебошад ва таваҷҷуҳи донишмандонро ба омӯзиши ин соҳа ҷалб мекунад. Таҳқиқ ва арзёбии фаъолияти эҷодии шахсиятҳои ҷудогона ва ҷустуҷӯҳои онҳо дар ин замина аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами адабиётшиносӣ буда, дурнамои мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро низ собит менамояд.

## Рӯйхати адабиёт

## I. Сарчашмаҳо:

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 10. Китоби якум [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1963. – 359 с.

2. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 11. Китоби дуюм [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1964. – 377 с.

3. Айнӣ, С. Осори баргузида. Ҷилди 1 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 478 с.

4. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 8 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 522 с.

5. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро [Матн] / С. Айнӣ. – Теҳрон: Суруш, 1381. – 208 с.

6. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.

7. Бухорой, М. Ш. Садри Бухоро. Чопи дувум. Бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо [Матн] / М. Ш. Бухорой. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 330 с.

8. Икромӣ, Ҷ. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз чор ҷилд. Ҷилди 2. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро. Роман [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 475 с.

9. Икромӣ, Ҷ. Духтари оташ (роман) [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. –560 с.

10. Икромӣ, Ҷ. Тахти вожгун. Роман [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. –336 с.

11. Ҳодизода, Р. Аҳмади Дониш. Тарҷумаи ҳол ва мероси адабию илмӣ [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 293 с.

12. Ҳодизода, Р. Ситорае дар тирашаб. Роман [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 448 с.

13. Ҳодизода, Р. Бӯи ҷӯи Мӯлиён. Ҳикоя ва қиссаҳои таърихӣ [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 272 с.

14. Ҳодизода, Р. На ситораҳо мерезанд. Романи таърихӣ [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Адиб, 1991. – 432 с.

15. Ҳодизода, Р. Қиссаи Мансури Ҳаллоҷ [Матн] / Р.Ҳодизода. – Душанбе, 1998. – 88 с.

16. Ҳодизода, Р. Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик [Матн] / Р. Ҳодизода. –Душанбе: Адиб, 1999. – 188 с.

17. Ҳодизода, Р. Самарқанднома [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Пайванд, 1381 (2002). – 392 с.

18. Ҳодизода, Р. Худоё, худро бишносам [Матн]/ Р. Ҳодизода. – Душанбе: Диваштич, 2005. – 372 с.

19. Ҳодизода, Р. Ҷалолиддини Румӣ [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 100 с.

20. Ҳодизода, Р. Ахлоқ ва ҷомеа [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 118 с.

**II. Асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ:**

21. Абдуллоев, Ш. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ [Матн] / Ш. Абдуллоев. – Душанбе, 1994. – 151 с.

22. Амирқулов, С. «Ёддоштҳо» ва баъзе масъалаҳои омӯзиши протсеси адабии нимаи дуюми асри 19 [Матн] / С. Амирқулов // Ҷашнномаи Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 1978. – С. 122-128.

23. Амирқулов, С. Таҳаввули адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри 19 [Матн] / С. Амирқулов. – Душанбе: Дониш, 1997. – 135 с.

24. Асозода, Х. Адабиёти тоҷик дар асри бист [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 448 с.

25. Афсаҳзод, А. Марди фарзона [Матн] / А. Афсаҳзод // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-офсет, 2022. – С.13-34.

26. Аҳмад, Р. Донишманди фарзона [Матн] / Р. Аҳмад // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-офсет, 2022. – С.123-131.

27. Бақозода, Ҷ. Ситораи тобон дар уфуқи торикистон [Матн] / Ҷ. Бақозода// Нависанда ва идеали замон. – Душанбе: Адиб, 1987. – С.143-148.

28. Бертелс, Е.Э., Бертелс, А.Е. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои 12-14. Қисми якум [Матн] / Э.Е. Бертелс, А.Е. Бертелс, А.Е. Болдирев, М.Н. Усмонов, Р. Ҳодизода. – Душанбе: Дониш, 1976. – 347 с.

29. Бобоҷонова, М.Ҳ. Таҳаввули симои таърихӣ дар адабиёти тоҷик (дар мисоли образи Темурмалик) [Матн] /М. Ҳ. Бобоҷонова. Автореферат. – Душанбе, 2021. – 27 с.

30. Бухороӣ, М.Ш. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист [Матн] / М. Ш. Бухороӣ. – Душанбе: Пайванд, 2006. – С.211-283.

31. Гулмурод, П. Шаммае аз рӯзгор ва пайкори устод Расулхон Ҳодизода [Матн] / П. Гулмурод // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-офсет, 2022. – С. 54-63.

32. Гулмуродзода, П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон [Матн] / П. Гулмуродзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 160 с.

33. Зайниддинов, М. Бозтоби симои зиёиёни тотор дар романи «Ситорае дар тирашаб [Матн] / М. Зайниддинов // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-офсет, 2022. – С.83-99.

34. Зарринкӯб, А. Модеҳи куштаи мамдуҳ [Матн] / А. Зарринкӯб//Бо корвони ҳулла. – Душанбе: Маориф, 2007. – С. 89-114.

35. Зис, О. Пояҳои худшиносии илмӣ [Матн] / О. Зис. – Теҳрон, 1360. – 382 с.

36. Имомов, М. Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ [Матн] / М. Имомов. – Душанбе: Адиб, 2007. – 427 с.

37. Имомов, М. Нигоҳи Айнӣ ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии аморати Бухоро [Матн] / М. Имомов // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 12. – Душанбе: Дониш, 2019. – С. 19-32.

38. Каримов, У. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XVIII ва аввали асри XIX [Матн] / У.Каримов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 186 с.

39. Кароматуллоева, Н. Расул Ҳодизода. Феҳрасти асарҳо [Матн]/ Н. Карматуллоева. – Душанбе, 1986. – 86 с.

40. Қамарзода, А. Самарқанд аз назари адиби таърихнигор [Матн] / А. Қамарзода // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-офсет, 2022. – С.99-122.

41. Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик [Матн].– Душанбе: Ирфон, 1970. – 320 с.

42. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва замони ҳозира [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 160 с.

43. Мирзоев, А. Адабиёт (ёрӣ барои дарси адабиёти асрҳои XVI-XIX тоҷик) [Матн] / А.Мирзоев. – Сталинобод, 1948. – 189 с.

44. Мирзозода, Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX) [Матн] / Х.Мирзозода. – Сталинобод, 1950. – 304 с.

45. Мирзозода, Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / Х.Мирзозода. – Душанбе, 1962. – 138 с.

46. Мирсодиқӣ, Ҷ. Аносири достон [Матн] / Ҷ. Мирсодиқӣ. – Теҳрон: Интишороти Шифо, 1367. – 500 с.

47. Муллоаҳмад, М. Расул Ҳодизода [Матн]/ М. Муллоаҳмад//Рӯдакӣ ва рӯдакишиносон (Маҷмуаи мақолаҳо). Китоби аввал. – Душанбе: Адиб, 2012. – С. 221-230.

48. Муллоаҳмадов, М. Саҳми Расул Ҳодизода дар рӯдакишиносӣ [Матн]/ М.Муллоаҳмадов // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-офсет, 2022. – С. 43-54.

49. Муллоев, А. Шахсияти эҷодӣ ва чеҳранигории ҳунарӣ [Матн] / А. Муллоев. –Душанбе, 2010. – 294 с.

50. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн]/ Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 230 с.

51. Набавӣ, А. Таърихият ва тасвири равонӣ [Матн] / А. Набавӣ//Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Адиб, 2009. – С.45-114.

52. Набиев, А. Тасвири олами ботинии инсон//Нависанда ва замон [Матн] / А. Набиев. – Душанбе: Адиб, 1987. – 160 с.

53. Неъматзода, Т. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ул-асҳоб [Матн] / Т. Неъматзода // Маҷмуаи илмии УДТ ба номи В. И. Ленин. Нашри 2.– Сталинобод, 1959. – С. 26-34.

54. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 160 с.

55. Низомӣ, М. Дурахши ситора дар тирашаб [Матн] / М. Низомӣ // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-офсет, 2022. – С. 163-172.

56. Раҷабӣ, М. Таҳқиқи таърих – таҳқиқи характер [Матн] / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 192 с.

57. Раҷабӣ, М. Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ [Матн] / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Адиб, 1997. – 207 с.

58. Раҷабӣ, М. Ислом: ҷадидия ва инқилоб [Матн] / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Дониш, 1997. – 245 с.

59. Самад, А. Фидоии илм [Матн] / Абдулҳамид Самад // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-офсет, 2022. – С.161-163.

60. Самадов, А. Устоди ман [Матн] / Абдурашид Самад // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-офсет, 2022. – С. 202-210.

61. Саъдиев, С. Ёде аз олим ва нависандаи бузург [Матн] / С. Саъдиев // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-офсет, 2022. – С.34-42.

62. Солеҳов, Ш. Поэтикаи жанри ҳикояи солҳои 70-80 қарни 20 (масъалаҳои замон ва макони бадеӣ) [Матн] / Ш. Солеҳов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 179 с.

63. Солеҳов, Ш. Адабиёт ва шинохти он [Матн] / Ш. Солеҳов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 240 с.

64. Солеҳов, Ш. Роман дар адабиёти тоҷикии қарни 20 (масъалаи ташаккули жанр) [Матн] / Ш. Солеҳов. – Душанбе: Дониш, 2011. – 331 с.

65. Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 322 с.

66. Таърихи адабиёти советии тоҷик: инкишофи жанрҳо. Иборат аз шаш ҷилд. Ҷилди 2 [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1978. – 340 с.

67. Худойдодов, А. Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар асри XX [Матн] /А.Худойдодов. – Душанбе, 2014. – 364 с.

68. Ҳамроев, Ҷ. Фарзанди фарзонаи Самарқанд [Матн]/ Ҷ. Ҳамроев // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-офсет, 2022. – С.154-160.

69. Ҳидоятов, Ш. Зикри хайр [Матн] / Ш. Ҳидоятов // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-офсет, 2022. – С.131-137.

70. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Дониш, 1968. – 195 с.

71. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик (асрҳои 16-19 ва ибтидои асри 20). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ [Матн] / Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев. – Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.

72. Ҳодизода, Р. Шухрати ҷаҳонии адабиёти тоҷик [Матн] / Р. Ҳодизода// Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – С. 3-14.

73. Ҳодизода, Р. Сардафтари назми классикии тоҷик устод Рӯдакӣ [Матн]/ Р. Ҳодизода//Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – С.14-28.

74. Ҳодизода, Р. Пеш аз Рӯдакӣ (Мулоҳизаҳо ва чанде фарзияҳои илмӣ) [Матн] / Р. Ҳодизода. Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – С.28-39.

75. Ҳодизода, Р. Рӯдакӣ ва муҳити адабии ӯ [Матн] / Р. Ҳодизода//Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – С.39-53.

76. Ҳодизода, Р. Дар тадқиқи осори Рӯдакӣ [Матн] / Р. Ҳодизода// Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – С.53-75.

77. Ҳодизода, Р. Ақидаҳои эстетикии Форобӣ [Матн] / Р. Ҳодизода//Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – С.76-90.

78. Ҳодизода, Р. Абуалӣ Сино: тақсимоти илм ва фанҳои адабӣ [Матн]/ Р. Ҳодизода// Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – С.90-122.

79. Ҳодизода, Р. Дар бораи эҷодиёти нависандагони ҷавон [Матн] / Р. Ҳодизода// Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – С.139-167.

80. Ҳодизода, Р. Насри ҷавони тоҷик [Матн] / Р. Ҳодизода// Аз Рӯдакӣ то имрӯз. –Душанбе: Адиб, 1988. – С. 173-189.

81. Ҳодизода, Р. Танқиди адабӣ ва масъалаҳои бадеияти адабиёт [Матн]/ Р. Ҳодизода// Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – С.189-215.

82. Ҳодизода, Р. Мавқеи танқиди адабӣ дар инкишофи адабиёт [Матн]/ Р. Ҳодизода//Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – С.216-229.

83. Ҳодизода, Р. Насри имрӯзаи мо (Ҷавоб ба суолҳои журнали «Садои Шарк») [Матн] / Р. Ҳодизода// Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – С.240-253.

84. Ҳодизода, Р. Анъана ва навоварӣ [Матн] / Р. Ҳодизода// Аз Рӯдакӣ то имрӯз. –Душанбе: Адиб, 1988. – С.229-239.

85. Ҳодизода, Р. Ҳаётро мукамалтар ва амиқтар нишон диҳем [Матн] / Р. Ҳодизода //Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – С.168-172.

86. Ҳодизода, Р. Рӯдакии дур аз наздик [Матн] /Р.Ҳодизода. – Теҳрон: Хурдагон, 1403. – 103 с.

87. Ҳодизода, Б. Ёде аз олами муҳаббат ва вафо [Матн] / Б. Ҳодизода // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-офсет, 2022. – С. 252-293.

88. Шарифов, Х. Диди ҳамосии миллӣ дар эҷоди бадеии Айнӣ ва дигарон [Матн] / Х. Шарифов//Озурдагон ва умедворон (андешаҳо оид ба адабиёти гузашта ва муосир). – Душанбе: Сино, 2001. – С.11-120.

89. Шарифов, Х. Таҳаввулоти услубӣ дар адабиёти шӯравии тоҷик [Матн] / Х. Шарифов//Озурдагон ва умедворон (андешаҳо оид ба адабиёти гузашта ва муосир). – Душанбе: Сино, 2001. – С.91-110.

90. Шарифов, Х. Назарияи наср [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе, 2004. – 319 с.

91. Шарифов, Х. Сухан аз адабиёти миллӣ. Маҷмуаи мақолаҳо [Матн] /Х. Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 476 с.

92. Шокирзода, Ш. Дурахши хуршед [Матн] / Ш. Шокирзода// Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-офсет, 2022. – С.138-154.

93. Шукуров, М. Худшиносии жанр [Матн] / М. Шукуров// Паҳлуҳои таҳқиқи бадеӣ. – Душанбе, 1976. – С. 127-141.

94. Шукуров, М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ [Матн]/ М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 456 с.

95. Шукуров, М. Андешапарварӣ-фаъолиятмандии иҷтимоӣ [Матн] / М. Шукуров// Мактаби одамият. – Душанбе: Адиб, 1991. – С.18-29.

**а) Рӯзнома ва маҷаллаҳо:**

96. Абдуллоҳ, М. Устод Айнӣ ва худогоҳии миллӣ [Матн] / М. Абдуллоҳ // Садои Шарқ, 1996. – №5-8. – С.90-96.

97. Абдуллоҳ, М. Адабиёти ҷадидия ва худшиносии миллӣ [Матн] / М. Абдуллоҳ // Гули мурод, 1997. – №1-3. – С.59-62.

98. Амонов, Р. Ҷавоб ба мактуби кушоди Р. Ҳодизода ё худ андешаҳо оид ба масъалаи роману романнависӣ [Матн] / Р. Амонов // Адабиёт ва санъат, 1988. – 21-уми январ.

99. Асозода, Х. Таҷдиди назар бояд [Матн] / Х. Асозода // Садои Шарқ, 1989. – №6. – С. 118-121.

100. Афсаҳзод, А., Каримов У., Муллоаҳмадов М. Донишманди пуркор [Матн] / А. Афсаҳзод, У. Каримов, М. Муллоаҳмадов // Маориф ва маданият, 1978. – 30-юми июн.

101. Бақозода, Ҳ. Мубориза барои тафаккури солим [Матн] / Ҳ. Бақозода // Овози тоҷик, 1930. – 2-юми декабр.

102. Зелинский, К. Тасвири образи одам [Матн] / К. Зелинский // Садои Шарқ, 1965. – №11. – С.124-144.

103. Имомӣ, Г. Чӣ гуна Пруст метавонад зиндагии шуморо дигаргун кунад / Г. Имомӣ [Матн] // Самарқанд. Фаслномаи фарҳангӣ, адабӣ, ҳунарӣ. – Соли аввал. –Шумораи дувум. – Тобистони 1382. – С.77-91.

104. Икромӣ, Ҷ. Дар бораи баъзе хусусиятҳои насри тоҷик [Матн] / Ҷ. Икромӣ // Шарқи Сурх, 1958. – №11. – С. 113-119.

105. Маъсумӣ, Н. Адабиёти советии тоҷик ва баъзе масъалаҳои танқиди адабӣ [Матн] /Н.Маъсумӣ// Шарқи Сурх, 1954. – №2. – С.112-118.

106. Мирзозода, Х. Адабиёти ҷадидаи демократӣ [Матн] / Х. Мирзозода // Садои Шарқ, 1969. – №9. – С. 101-124.

107. Мирзозода, Х. Устод Айнӣ ва маорифпарварони ибтидои асри 20 [Матн] / Х. Мирзозода // Садои Шарқ, 1980. – №4. – С.87-90.

108. Набиев, А. Ҳақиқати таърих ва ҳақиқати бадеӣ [Матн] / А. Набиев // Адабиёт ва санъат, 1986. – 6-уми феврал.

109. Нигоҳе ба гузашта ва имрӯз. Мусоҳибаи мухбири «Адабиёт ва санъат» Ҳ. Муҳаммадиев бо Расул Ҳодизода [Матн] // Адабиёт ва санъат, 1988. – 10-уми март.

110. Низомов, Б. Назари Айнӣ ба типи бадеӣ [Матн] / Б. Нозимов // Садои Шарқ, 1976. – №4. – С.72-75.

111. Раҷабов, М. Бурду бохти насри таърихӣ [Матн] / М. Раҷабов // Садои Шарқ, 1985. – №10. – С. 110-118.

112. Раҷабов, М. Розҳои таърихи кӯҳан [Матн] / М. Раҷабов // Садои Шарқ, 1988. – №3. – С.126-129.

113. Сайфуллоев, А. Мавзуи таърихӣ ва ақидаҳои интернатсионалистии нависанда [Матн] / А. Сайфуллоев // Садои Шарқ, 1973. – №11. – С.112-125.

114. Сайфуллоев, А. Мунодии ҳақиқати бадеӣ [Матн] /А.Сайфуллоев// Тоҷикистони советӣ, 1982. – 18-уми апрел.

115. Сайфуллоев, А. Ҷадидия: моҳияти таърихии он [Матн] /А. Сайфуллоев // Адабиёт ва санъат, 1988. – 8-уми декабр.

116. Самад, В. Достони ситораи саҳарӣ [Матн] / В. Самад // Садои Шарқ, 1985. – №1. – С.109-117.

117. Табаров, С. Инқилоби адабиёт [Матн] / С. Табаров // Садои Шарқ, 1967. – №11. – С. 127-137.

118. Турсунов, А. Насри муосир: сухан аз таҳаввули қаҳрамони адабӣ [Матн] / А. Турсунов // Садои Шарқ, 1982. – №11. – С.92-104.

119. Улуғзода, С. Дар бораи баъзе масъалаҳои танқиди адабӣ ва адабиётшиносӣ дар республика [Матн] /С.Улуғзода// Шарқи Сурх, 1954. – №7. – С.103-115.

120. Ӯлмасова, З. Ҷалол Икромӣ ва таҳқиқи бадеии таърихи халқ [Матн] / З. Ӯлмасова // Посдорони насри муосири тоҷик. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – С.217-228.

121. Фан, Б. Дар бораи сабк. Тарҷумаи Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб [Матн] / Б. Фан // Маҷаллаи Садаф. – Теҳрон, 1366. – №2. – С. 2-25.

122. Ҳодизода, Р. Дар бораи санъати назми Рӯдакӣ [Матн] / Р. Ҳодизода // Рӯдакӣ ва замони ӯ. – Сталинобод, 1952. – С.123-132.

123. Ҳодизода, Р. Нусхаҳои хаттии тазкираи Возеҳ [Матн] / Р. Ҳодизода // Изв. АН Тадж. ССР, 1957. – №12. – С. 13-18.

124. Чанд саҳифаи нав дар тарҷумаи ҳол ва эҷодиёти Аҳмади Дониш [Матн] / Р. Ҳодизода// Шарқи Сурх, 1957. – №2. – С. 81-96.

125. Ҳодизода, Р. Оид ба аҳаммияти таърихии «Намунаи адабиёти тоҷик» [Матн] / Р. Ҳодизода // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷилди III. [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1966. – С. 16-21.

126. Ҳодизода, Р. Татаббуот ва сабки осори Фонӣ [Матн] / Р. Ҳодизода // Садои Шарқ, 1968. – №8. – С. 110-121.

127. Ҳодизода, Р. Чанд мулоҳиза [Матн] / Р. Ҳодизода // Садои Шарқ, 1969. – №7. – С.138-140.

128. Ҳодизода, Р. Қазон, 1969 [Матн] / Р. Ҳодизода // Садои Шарқ, 1970. – №1. – С.73-98.

129. Ҳодизода, Р. Тадқиқоти пурарзиш [Матн] / Р. Ҳодизода // Тоҷикистони советӣ, 1974. – 22-юми октябр.

130. Ҳодизода, Р. Ба номи Худои ягона, ба поси ягонагии миллат [Матн]/ Р. Ҳодизода //Ҷумҳурият, 1992. – 21, 22, 23, 24, 25, 28-уми июл.

131. Ҳодизода, Р. Як симои фармӯшшудаи фарҳангу адаби мо [Матн] / Р. Ҳодизода // Гули мурод. Фаслномаи илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ, 1998. – №7-12 (6). – С.33-37.

132. Шукуров, М. Адабиёт ва фалсафаи ҳастӣ [Матн] / М. Шукуров // Садои Шарқ, 1986. – №3. – С.102-110.

**б) Адабиёт бо забони русӣ ва хориҷӣ:**

133. Абдуллоев, М. Таджикская публицистика и национальная идентичность / М. Абдуллоев. – Душанбе, 2014. – 309 с.

134. Бахтин, М. М. Литературно-критические стати / М. М. Бахтин. – Москва: Художественная литература, 1986. – 543 с.

135. Бушмин, А. С. Наука о литературе: Проблемы. Суждения. Споры [Текст] / А. С. Бушмин. – Москва: Современник, 1980. – 334 с.

136. Вахабов, М.Т. О социальной природе среднеазиатского джадидизма и его эволюции в период Великой Октябрской Революции [Текст] / М. Т. Вахабов // История СССР, 1963. – №2. – С. 35-56.

137. Веселовский, А. Н. Историческая поэтика [Текст]/ А. Н. Веселовский. – Ленинград, 1940. – 380 с.

138. Волков, И. Ф. Теория литературы [Текст] / И. Ф. Волков. – Москва, 1995. – 256 с.

139. Гафаров, Н. Из истории джадидского движения в Бухаре [Текст] / Н. Гафаров // Гули мурод, 1997. – №7-9. – С. 22-26.

140. Гафаров, Н. История культурно-просветительской деятельности джадидов в Бухарской Эмирате (начало 20 века) [Текст] / Н. Гафаров. – Худжанд, 2000. – 176 с.

141. Гачев, Г. Д., Кожинов, В. В. Содержательность литературных форм [Текст] / Г. Д. Гачев, В. В. Кожинов // Теория литературы. Основные проблемы в историческом освещении. Книга 2. – Москва, 1964. – С.12-19.

142. Гиршман, М. М. Стиль литературного произведения [Текст] / М. М. Гиршман // Теория литературных стилей. Современные аспекты изучения. – Москва, 1982. – С.257-300

143. Демидчик, Л. Н. О принципи историзма в прозе Айни [Текст] / Л. Н. Демидчик // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 4. – Душанбе: Дониш, 1971. – С.71-89.

144. Добин, Е. С. Искусство детали: Наблюдения и анализ [Текст] / Е. С. Добин. – Ленинград, 1975. – 240 с.

145. Есин, А. Б. Принципы и приемы анализа литературного произведения [Текст] / А. Б. Есин. – Москва: Наука, 2008. – 247 с.

146. Жирмунский, В.М. Теория литературы. Поэтика. Стилистика. Избранные труды [Текст] / В. М. Жирмунский. – Ленинград: Наука, 1877. – 404 с.

147. Казымова, Г.Х. Джадидизм и становление общественно-философских воззрений С. Айни [Текст] / Г. Х. Казымова // Общественные науки в Узбекистане, 1997. – №5. – С.49-51.

148. Каноат, М. Главный фактор надежды [Текст] / М. Каноат // Памир, 1987. – №9. – С. 12-20.

149. Кожинов, В. В. Происхождение романа [Текст] / В. В. Кожинов. – Москва, 1963. – 274 с.

150. Литературоведение на пороге 21 века //Материалы Международной научной конференции (МГУ, май 1997). – Москва: Рандеву-АМ, 1998. – 501 с.

151. Литература Востока в новое время. – Москва: Наука, 1979. – 360 с.

152. Лихачев, Д. С. Искусства памяти- памяти искусства [Текст] / Д.С. Лихачев. Пршлое-будущему. – Ленинград: Наука, 1985. – С.63-65.

153. Лихачев, Д.С. О точности литературоведения [Текст] / Д.С. Лихачев // Литературные направления и стили. – Москва, 1976. – С.11-18.

154. Ломидзе, Г.В. В поисках нового [Текст] / Г.В. Ломидзе. – Москва: Сов.пис., 1963. – 350 с.

155. Лотман, Ю.М. Структура художественного текста [Текст] / Ю.М. Лотман. – Москва, 1970. – 260 с.

156. Лотман, Ю.М. Литературоведение должно быт наукой [Текст] / Ю.М. Лотман // Вопросы литературы, 1967. – №1. – С.94-100.

157. Муллоджанов М. Портреты в пути [Текст] / М.Муллоджанов. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 239 с.

158. Неупокоева, И.Г. Писатель-литературное произведение-общества / И.Г. Неупокоева [Текст] // Художественный метод и творческая индивидуальность писателя. – Москва, 1964. – С. 34-56.

159. Никифорова, И. Д. Африканский роман [Текст] / И. Б. Никифорова. – Москва: Наука, 1977. – 237 с.

160. Николаев, П.А. и др. История русского литературоведения [Текст] / П.А. Николаев, А. С. Курилов, А. Л. Гринулин. – Москва: Высщая школа, 1980. – 349 с.

161. Осетров, Е. О. Вторжение в действительность [Текст] / Е. О. Осетров // Вопросы литературы, 1973. – №2. – С.68-72.

162. Одиноков, В. Г. Проблемы поэтики и типологии русского романа 19 в. [Текст] / В. Г. Одиноков. – Новосибирск, 1971. – 226 с.

163. Панкин, Б. Страсть к настоящему. Литературно-критические статьи и очерки [Текст] / Б. Панкин. – Москва: Детская литература, 1983. – 381.

164. Пауткин, Л.И. Советский исторический роман [Текст] / Л.И. Пауткин. – Москва: Знания, 1970. –109 с.

165. Поспелов, Г.Н. Эстетическое и художественное [Текст] / Г.Н. Поспелов. – Издательство МГУ, 1965. – 475 с.

166. Поспелов, Г.Н. Целостно-системное понимание литературных произведений [Текст] / Г.Н. Поспелов // Вопросы литературы, 1982. –№3. – С.21-28.

167. Руднева, Е.Г. Пафос художественного произведения [Текст] / Е.Г. Руднева. – Москва, 1977. – 260 с.

168. Теории школы, концепсии (критические анализы). Художественные произведение и личность. – Москва, 1975. – 340 с.

169. Фессенко, Э.Я. Теория литературы [Текст] / Э.Я. Фессенко. – Москва: УРСЕ, 2005. – 356 с.

170. Хади-заде, Р. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века [Текст] / Р. Хади-заде. – Сталинобод: Изд-во АН Тадж.ССР, 1956. – 139 с.

171. Хади-заде, Р. Легенды, история, вымысел: Биографический жанр в таджикской литературе [Текст] / Р. Хади-заде // Памир, 1972. – №2. – С.69-73.

172. Хализеев, В. Е. Теория литературы / В. Е. Хализеев. – Москва: Высшая школа, 2000. – 398 с.

173. Хасанова, З. Учитель перед именем твоим [Текст] / З. Хасанова // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-офсет, 2022. – С. 193-201.

174. Храпченко, М.Б. Размышления о системном анализе литературы [Текст] / М.Б. Храпченко // Вопросы литературы, 1975. – №3. – С.31-39.

175. Храпченко, М.Б. Творческая индивидуальность писателя и развитие литературы [Текст] / М.Б. Храпченко. – Москва: Художественная литература, 1977. – 446 с.

176. Чернишевский, Н.Г. Эстетические отношение искусства к действительности [Текст] / Н.Г. Чернишевский // Эстетика и литературная критика. – Москва-Ленинград: Гослитиздат, 1951. – С. 12-52.

177. Элсберг, Я. О. О беспорном и спорном [Текст] / Я. О. Элсберг. – Москва, 1959. – 250 с.

178. Ярхо, Б. И. Методология точного литературоведения [Текст] / Б. И. Ярхо // Контекст, 1983. Литературно-теоретические исследование. – Москва, 1984. – С.198-211.

## III. Фарҳангу қомус ва луғатҳо:

179. Ҳодизода, Р., Шукуров, М., Абдуҷабборов, Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Р.Ҳодизода, М.Шукуров, Т.Абдуҷабборов. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 188 с.

180. Атахонов, Темур. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. [Матн] / Темур Атахонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2002. – 453 с.

181. Мирзозода, Холиқ. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. [Матн] / Холиқ Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 240 с.

182. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX) [Матн] / Иборат аз 2 ҷилд. Ҷ.I. А - О. Дар зери таҳрири М.Ш.Шукуров, В.А.Капранов, Р.Ҳошим, Н.А.Маъсумӣ. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 952 с.

183. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз 2 ҷилд. Ҷ.II. П-Ҷ. Дар зери таҳрири М.Ш.Шукуров, В.А.Капранов, Р.Ҳошим, Н.А.Маъсумӣ. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 948 с.

## IV. Маводди интернетӣ:

184. https://zarowadk.ru/dnld/adab/hodizoda_ahmadi_donish.php (Таърихи муроҷиат 09.03.2023)

185. https://kitobxon.com/uz/yozuvchi/rasul_hodizoda (Таърихи муроҷиат 23.03.2023)

186. http://ruzgor.tj/din/2050-2010-04-04-06-35-45.html (Таърихи муроҷиат 12.04.2023)

187. https://www.youtube.com/channel/UChwHO6H6TMcGIURdHg3kLcQ (Таърихи муроҷиат 09.02.2024)

188. https://www.youtube.com/watch?v=zdqzoTVSxXw (Таърихи муроҷиат 09.02.2024)

189. https://kitobkhon.net/book/tasavvuf-dar-adabiyoti-fors-tojik/ (Таърихи муроҷиат 20.02.2025)

## Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Аҳмадхонов, К.Н. Адабиётшиноси моҳиятбин ва равандшинос [Матн] / К.Н. Аҳмадхонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №8. – С.175-180. ISSN 2413 – 516X

[2-М]. Аҳмадхонов, К.Н., Боқиев, Ҳ.О. Розҳои таърих ва шинохти бадеии он [Матн] / К.Н. Аҳмадхонов, Ҳ.О. Боқиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2023. – №4 (105). – С.137-142. ISSN 2219 – 5408

[3-М]. Аҳмадхонов К.Н. Нигоҳе ба зиндагии Расул Ҳодизода [Матн] / К.Н. Аҳмадхонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №6. – С.240-246. ISSN 2413 – 516X

[4-М]. Аҳмадхонов, К.Н. Симоҳои шахсиятҳои таърихӣ дар ҳикоя ва қиссаҳои Расул Ҳодизода [Матн] / К.Н. Аҳмадхонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2024. – №4 (111). – С.135-142. ISSN 2219 – 5408

**II. Мақолаҳои муаллиф дар конференсияҳо, маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Аҳмадхонов, К.Н. Бозтоби воқеияти таърихӣ дар романи «Ситорае дар тирашаб»-и Расул Ҳодизода [Матн] / К.Н. Аҳмадхонов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методологии омодагии касбӣ-методии омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути технологияи муосир». Бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ва 70-солагии доктори илмҳои педагогӣ Раҷабов Т.Б. дар доираи татбиқи барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои

табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2024)». – Душанбе, 2024. – С.674-679.

[6-М]. Аҳмадхонов, К. Расул Ҳодизода ва мавқеи ӯ дар рушду нумуи адабиёти муосири тоҷик [Матн] / К.Н. Аҳмадхонов // Маводди конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» ва амалигардонии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». – Масъалаҳои омӯзиши забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар замони муосир. – Душанбе, 2025. – С.431-433.